# ФАЛСАФАИ УСУЛИ ИСЛОМӢ

**Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ**
Имом Маҳдӣ ва Масеҳи мавъуд алайҳиссалом

ISLAM INTERNATIONAL PUBLICATIONS LTD.

# ФАЛСАФАИ УСУЛИ ИСЛОМӢ

**аз Ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ**
Масеҳи мавъуд ва Имом Маҳдӣ алайҳиссалом

اسلامی اصول کی فلاسفی

Islami usul ki philosophy (Urdu)
By: Hazrat Mirza Ghulam Ahmad of Qadian,
The Promised Messiah & Mahdi, on whom be peace.
(Tajik Translation)
Translated from Urdu into Tajik by:
Central Russian Desk UK
Urdu text first published in 1905
Several Urdu editions published since
First Tajik Edition: UK 2024
© Islam International Publications Ltd.

Published by: / Муассисаи нашриявӣ:
Islam International Publications Ltd.
Islamabad, Sheephatch Lane
Tilford, Surrey GU10 2AQ, UK

Printed by: / Чопхона:
Raqeem Press, Farnham, Surrey GU9 9PS UK

Барои маълумоти муфассал сомонаҳои зеринро нигоҳ кунед:
www.islamahmadiyya-tj.org
www.ahmadiyya-islam.org/ru

Typesetting & Cover Design: Russian Desk Germany

ISBN: 978-3-96845-131-2



**Ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад алайҳиссалом**
**Имом Маҳдӣ ва Масеҳи мавъуд**

# Дар бораи нависанда

Соли 1835 дар деҳаи Қодиён, дар Ҳиндустон таваллуд шудаанд. Ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад, – Имом Маҳдӣ ва Масеҳи мавъуд алайҳиссалом, барои омӯзиши Қуръони карим ва ибодату вафодорӣ бо Ислом зиндагии худро вақф намуда буданд. Ҳангоме ки дини Исломро аз чор тараф дар ҳолати хатар, имони мусалмононро заиф ва танҳо дорои дини зоҳирӣ диданд, қарор гирифтанд, ки киштии дини Исломро аз гирдоб хоҳанд баровард. Дар навиштаҷоти забардасти эшон (аз ҷумла шоҳкорашон «Бароҳини Аҳмадия») дар лексияҳо, рӯзномаҳо ва баҳсҳои диниашон ва ғайра нуқтаи марказиашон ҳамин буд, ки Ислом як дини зинда аст ва танҳо дар рӯйи замин ҳамин динест, ки пайрави он бо Парвардигори худ алоқаи зиндаро устувор карда метавонад. Таълимоти Қуръони пок ва қонунҳои Ислом барои баланд бардоштани ахлоқи одам ва маҳорат гирифтан дар рӯҳоният мебошанд. Ҳазрати ақдас эълон карданд, ки Худои таоло аз рӯйи пешгӯйҳои Қуръону ҳадис ва Библия эшонро Масеҳ ва Маҳдӣ таъйин кардааст. Дар соли 1889 Ҳазрати ақдас нахуст байъатро қабул карданд ва акнун (2019) ҷамоаташон дар 213 кишвар густариш ёфтааст. Аз 91 китобҳояшон бисёртар дар забони урду, аммо баъзе дар забони арабӣ ва форсӣ низ навишта шудаанд.

Баъди даргузашти Масеҳи мавъуд алайҳиссалом дар соли 1908, вазифаашонро халифаи якуми эшон, – ҳазрати Мавлавӣ Нуруддин (р), давом доданд. Баъди вафоти ҳазрати Мавлавӣ Нуруддин (р) (1914), ҳазрати Мирзо Башируддин Маҳмуд Аҳмад (р), ки дараҷаи писари мавъуди Масеҳи мавъудро низ доштанд,

ҳамчун халифаи дуюм интихоб шуданд. Хилофати эшон қариб 52 сол давом кард. Эшон соли 1965 вафот карданд ва писари калониашон, – Ҳазрати қорӣ Мирзо Носир Аҳмад раҳимаҳуллоҳ, набераи Масеҳи мавъуд алайҳиссалом ҳамчун халифаи сеюм интихоб шуданд. Баъди 17 соли тараққиёт, эшон дар соли 1982 аз олам гузаштанд. Баъди вафоташон, ҳазрати Мирзо Тоҳир Аҳмад раҳимаҳуллоҳ халифаи чаҳорум интихоб шуданд. Эшон соли 2003 аз олам даргузаштанд. Баъди эшон халифаи панҷум ва имоми ҷамоат, – ҳазрати Мирзо Масрур Аҳмад айядаҳуллоҳу таоло, ки абераи ҳазрати Масеҳи мавъуд алайҳиссалом мебошанд, ҷамоати Аҳмадияро дар роҳҳои рӯҳонӣ бо ёрии Аллоҳ пеш бурда истодаанд...

✵ ✵ ✵ ✵

## Нусхаи саҳифаи унвонии чопи якум дар соли 1905

ٹائیٹل بار اوّل

# اسلامی اصول کی فلاسفی

یا

## اسلام اور اسکی حقیقت

یعنی تقریر حضرت حجۃ اللہ میرزا غلام احمد صاحب

مسیح موعود و مہدی معہود علیہ الصلوٰۃ والسلام جسکو

جلسہ مذاہب اعظم منعقدہ لاہور میں مولانا مولوی عبدالکریم صاحب نے

پڑھ کر سنایا + اور اس میں حکیم الامۃ حضرت مولانا نورالدین صاحب

کی تقریریں اور حضرت میر ناصر نواب صاحب کی نظم بھی شامل کیگئی ہیں

جو انھوں نے جلسہ مذکور میں سنائیں

مطبع ضیاء الاسلام قادیان دارالامان میں مولوی حکیم

فضل الدین صاحب کے اہتمام سے چھپکر شائع ہوئی

۱۵ جولائی سنہ ۱۹۰۵ء    قیمت ۴ر    تعداد ۲۰۰۰

*Тарҷумаи саҳифаи унвонӣ*

**Фалсафаи усули Исломӣ**
**ё**
**Ислом ва ҳақиқати он**
**яъне**

**Маърӯзаи** ҳазрати **Мирзо Ғулом Аҳмад, – Масеҳи Мавъуд (**ваъда додашуда) **ва Маҳдии маъҳуд (**аҳду паймон карда шуда**)** алайҳиссалом, ки Мавлоно Абдулкарим дар вақти “Ҷаласаи мазоҳиби аъзам” дар мақоми Маҳутсу, Лоҳур хонд ва дар ин китоб баромадҳои ҳакимулуммат ҳазрати Мавлоно Нӯруддин ва назми ҳазрати Мир Носир Навоб низ илова карда шудаанд, ки онҳо дар ҷаласаи мазкур хонда шуда буданд.

Дар чопхонаи "Матбаи Зиё-ул-Ислом"-и Қодиёни доруламон зери назорати Мавлавӣ Ҳаким Фазлуддин чоп шуд.

# Муқаддима

Шахсе бо номи “Савомӣ Соду Шуганчандр”, ки се сол боз ислоҳгари Коисит, – як қавми ҳиндуҳо, буд, соли 1892 фикр кард, ки то вақте ки тамоми мардум ҷамъ нашаванд, ҳеҷ суде нест. Дар охир чунин фикр дар майнааш омад, ки як конфронси динӣ баргузор карда шавад. Барои амалӣ намудани ин фикри худ нахустин ҷаласа дар Аҷмер баргузор кард. Вақте ин ҷаласа ба хайру хубӣ гузашт, дар соли 1896 шаҳри Лоҳурро барои ҷаласаи дуюм хубтар дониста ба тайёрии он машғул шуд.

Ҷаноби Савомӣ барои тартиботу интизомоти ин конфронс комиссияе ташкил дода, ҷаноби Мастар Дурга Паршадро раиси он комиссия ва як ҳиндуи дигар вакили дифоъ Лала Данпат Рае, ки дар суди Лоҳур судя буда дипломи Б.А, Л.Л.Б-ро дошт, муовини аввали ин ҷаласа таъйин кард.

Барои конфронс рӯзҳои 26, 27 ва 28-и декабр 1896 интихоб шуда, шаш нафари зерин ҳамчун модератор таъйин карда шуданд:

1. Ҷаноби Рой Баҳодур Бобу Партулчанд, судяи Чифкорт (суди олӣ), Панҷоб
2. Ҷаноби Хон Баҳодур Шайх Худобахш, судяи суди Смалказ, Лоҳур
3. Ҷаноби Рое Баҳодур Пандит Родакишан Кул, вакили дифои Чифкорт (суди олӣ) ва собиқ ҳокими Ҷамму

4. Ҷаноби ҳазрати Мавлавӣ Ҳаким Нуруддин, Табиби шоҳӣ
5. Ҷаноби Рое Бавонӣ Дос М.А. Корманди иловагии ҳисоббаробаркунӣ
6. Ҷаноби Сардор Ҷавоҳир Синг, котиби комиссияи холиса, Лоҳур[1]

Ҷаноби Савомӣ Шуганчандр аз тарафи комиссия эълони ҷаласа карда мусулмонҳо, насрониҳо ва орияҳо (ҳиндуҳо)-ро савганд доданд, ки олимони беҳтарини онҳо дар ҷаласа ҳатман иштирок кунанд ва хубиҳои дини худро номбар кунанд. Боз дар эълон навишт, ки марому мақсади ҷаласаи аъзами мазҳабҳо, ки дар маҷони "Town Hall" (толори шаҳрӣ), Лоҳур баргузор мегардад, ҳамин аст, ки хубиву камолоти дини ҳақиқӣ пеши мардуми таълимёфта зоҳир шаванд ва муҳаббати он дин дар дили онҳо ҷо кунад ва далелу бурҳонҳои он динро мардум ба хубӣ бифаҳманд. Ҳамин тариқ воизи калони ҳар як динро фурсат дода шавад, то ки ростиҳои дини худро ба мардум фаҳмонанд ва шунавандагон низ вақти мувофиқ биёбанд, ки ҳар як бароимадро бо ҳам муқоиса кунанд ва дар куҷое ҳақро бинанд, онро қабул кунанд.

Бо сабаби ҷанҷолҳои динӣ мардум хоҳиш доранд, ки аз дини ҳақиқӣ огоҳ шаванд ва барои ин мақсад ҳамин чиз хуб аст, ки тамоми бузургони дин, ки кори онҳо амри маъруф мебошад, дар як ҷо ҷамъ шуда, хубиҳои дини худро тибқи саволҳои пешакӣ чопшуда ҷавоб диҳанд. Дар натиҷаи ин ҷаласа, мазҳабе, ки аз

[1] Гузориши Ҷаласаи Аъзами мазоҳиб, саҳифаи 6, чопшудаи чопхонаи сиддиқӣ, Лоҳур, 1897.

тарафи Худо мебошад, ҳатман дурахши худро бар дигарон зоҳир хоҳад кард. Барои ҳамин мақсад ин ҷаласаро тавсия дода шуд. Ҳар як воизи бузурги дин инро хуб медонад, ки ростии дини худро бар дигарон ошкор намудан фарзи айнашон мебошад. Пас, вақте ки ин ҷаласа дар чунин вазъият баргузор мешавад, ки ростиҳо зоҳир шаванд, дар ин ҳол Худои таоло низ инҳоро фурсати хуб медиҳад, зеро чунин ҳолат ҳамеша дар дасти инсон намебошад.

Боз барои тарғибу ташвиқи онҳо чунин навишт:

“Магар ман қабул карда метавонам, ки шахсе, ки дигаронро гирифтори як бемории хатарнок мебинад ва боварии комил дорад, ки доруи он бемори̅ дар дасти ӯст, илова бар ин, даъвои ҳамдардии бани одам низ дорад, дар ҳоле, ки беморони беҳол ӯро фарёд мекунанд, бетараф истад? Дили ман барои ин чиз беқарор шудааст, ки қазоват шавад, ки кадом дин дар ҳақиқат ростию садоқат дар худ дорад. Ман сухане надорам, ки ба воситаи онҳо ҷӯшу валвалаи ҳақиқии худро баён карда тавонам”.

Дар ин конфронси дини̅ ва ё ҷаласаи аъзами динҳо, ки дар Лоҳур баргузор шуд, намояндагони динҳои гуногун даъвати ҷаноби Савомиро қабул карданд. Ин ҷаласа дар моҳи декабри соли 1896 дар шаҳри Лоҳур баргузор шуд ва намояндагони динҳои гуногун тибқи панҷ саволҳои комиссия, ки барои тайёри̅ дидан пешаки̅ чоп карда шуданд, баромад карда, ҷавоб гардонданд. Барои ҷавоб гардондан аз тарафи комиссия ин шарт монда шуд, ки баромадкунанда ҳатман сухани худро дар чорчӯбаи китоби динии худ маҳдуд кунад, зеро он китобро аз рӯйи дини худ муқаддас медонад.

***Саволҳо чунин буданд:***

1. Ҳолатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонии инсон.
2. Ҳолати инсон баъд аз марг, яъне уқбо чӣ гуна бошад?
3. Мақсуди аслии ҳаёти инсонӣ дар дунё чист ва чӣ хел онро ба даст оварда метавонем?
4. Таъсири аъмол дар дунё ва оқибат чӣ гуна бошад?
5. Воситаҳои илму маърифат чиҳо мебошанд?[2]

Дар ин ҷаласа, ки аз 26 то 29 декабр баргузор шуд, намояндагони динҳои Санотандарам, Ҳиндуизм, Ория самоҷ, Фрӣ тинкар, Барҳаму самоҷ, ҷамъияти Теософикал, дини Ҳарманӣ, Насрониҳо, Ислом ва Сикизм баромад карданд, аммо аз байни онҳо танҳо якто баромад ҷавоби ҳақиқӣ ва пурраи саволҳоро дода тавонист. Вақте ҳазрати Мавлавӣ Абдулкарим Сиёлкутӣ бо овози форам маърӯза мекард, вазъияти ҷаласагоҳи он вақтро баён кардан мушкил аст. Шунавандае аз ҳар як дин наъраи офарину таҳсин баланд мекард. Шахсе набуд, ки бо диққат гӯш намекард. Тарзи баён беҳад писандида ва форам буд. Хубии ин маърӯза зиёда аз ин чӣ далел дошта бошад, ки ҳатто мухолифҳо низ таъриф карданд. Рӯзномаи машҳури англисии он вақт «Сивал энд милитарӣ газет Лоҳур», ки холис рӯзномаи масеҳиён буд, таърифи ин мақола кард ва гуфт, ки танҳо ҳамин баромад қобили зикр аст.

Ин маърӯзаро асосгузори ҷамоати Аҳмадия, – Мирзо Ғулом Аҳмад алайҳиссалом Қодиёнӣ, навишта буданд. Барои хондани ин маърӯза ду соат ҷудо карда шуда буд, аммо матн

[2] Гузориши ҷаласаи аъзами мазоҳиб. Саҳифаи 6, чопшудаи матбаи сиддиқӣ, Лоҳур, 1897.

тамом нашуд ва барои ин мақсад рӯзи 29-уми декабр илова карда шуд. Дар ҳаққи ин баромад рӯзномаи «Панҷоб обзарвар» мақолаҳо навишт. Илова бар ин, «Пайса ахбор», «Чодҳавӣ садӣ», «Содиқ-ул-ахбор», «Мухбири Даккан» ва рӯзномаи «Ҷанрал ва гавҳари осафӣ» Калкута ва ғайра тамоми рӯзномаҳо ин баромадро таърифу тавсиф карданд. Мардуми қавмҳои бегона ва динҳои бегона ин маърӯзаро аз ҳамаи маърӯзаҳои дигар болотар донистанд. Котиби ин конфронси динӣ Данпат Рай Б.А, Л.Л.Б вакили дифои Чифкорт (суди олӣ) Панҷоб дар китоби «Гузориши ҷаласаи аъзами мазоҳиб» (Дарам Маҳутсу) дар бораи ин баромад чунин навишт:

“Баъди баромади Пандит Говардан Дос ним соат танаффус буд, аммо азбаски баъд аз ин баромади навбатии як баромадкунандаи машҳур аз тарафи Ислом буд, бинобар ин, бисёри шунавандагон ҷойи худро аз даст надода ҳамон ҷо нишастанд. Ҳоло соат яку ним нашуда толори коллеҷи Исломия зуд пур шуд. Он вақт шояд 7 ё 8 ҳазор нафар дар он ҷо буданд. Табақаи аълои дину миллатҳои гуонгун ва мардуми соҳиби илм дар он ҷо мавҷуд буданд. Ҳарчанд мизу курсиҳо фаровон ва фарши васеъ буд, аммо садҳо одам маҷбур шуданд, ки рост истода ин баромадро гӯш кунанд. Дар байни истодагон раисҳо, сардорони Панҷоб, олимон, фозилон, ҳимоятгари суд, вакилҳо, профессор, муовини иловагӣ, духтурон ва ҳар намуд одамон аз ҳар як табақа мавҷуд буданд. Ҷамъшавии ин қадар одамон ва бо сабри камол 45- соат истодан исбот мекунад, ки чӣ хел мардум бо ҳамин чорабинии муқаддас пайваст шуда буданд ва ҳамдардӣ доштанд. Нависандаи маърӯза дар ин ҷаласа иштирок накарда буданд, аммо эшон як шогирди хоси худ ҷаноби **Мавлавӣ Абдулкарим Сиёлкутиро** барои хондани ин маърӯза равон

карда буданд. Барои хондани ин маърӯза аз тарафи комиссия ҳарчанд ду соат вақт дода шуда буд, аммо ҳозирини ҷаласа бо мазмуни маърӯза он чунон завқ пайдо карданд, ки модераторҳо бо хурсандӣ иҷозат доданд, ки то вақте ки мақола тамом нашавад, ҷаласа тамом намешавад. Онҳо чунин қарорро бо розигии тамоми шунавандагон қабул карда буданд, зеро ҳангоми тамом шудани вақти таъйиншуда ҷаноби Мавлавӣ Абӯюсуф Мубораикалӣ вақти мақолаи худро низ барои тамомкунии ин мақола бахшиданд, ҳозирини ҷаласа ва модераторҳо як наъраи хурсандӣ баланд карданд ва ҷаноби Мавлавиро сипос ба ҷо оварданд. Машғулияти ҷаласа бояд соати чору ним тамом мешуд, аммо завқи мардумро дида баъд аз панҷу ним низ давом кард, зеро ин мақола дар чор соат тамом шуд ва аз аввал то охир завқу диққати мардумро ҷалб карда буд”[3].

Аз ҳама чизи ҳайронкунанда ҳамин аст, ки пеш аз баргузоршавии ҷаласа рӯзи 21-уми декабри 1896 асосгузори ҷамоати Аҳмадия дар бораи ғолиб баромадани ин мақола аз тарафи Аллоҳи таоло хабар ёфта эълон карда буданд. Эълон чунин буд:

## Муждаи азим барои талабгорони ҳақ

Дар ҷаласаи аъзами мазҳабҳо[4], ки рӯзҳои 26, 27 ва 28 декабр 1892 баргузор хоҳад гашт, мақолаи ман, ки оид ба

---

[3] Гузориши Ҷаласаи Мазоҳиби Аъзам. Саҳифаи 80-79. Чопшудаи Матбаи Сиддиқӣ, Лоҳур. 1897

[4] Ҷаноби Савомӣ Шуганчанд дар эълони худ мусалмонҳо, масеҳиён ва ориёҳоро савганд дода буданд, ки олимони беҳтарини онҳо дар ин ҷаласа хубиҳои дини худро пеши мардум баён кунанд. Пас, мо ҷаноби Савомиро иттилоъ медиҳем, ки мо ин савганди азимро ба назар гирифта, мақсади шуморо барои ба ҷо оварадан тайёр ҳастем ва иншоАллоҳ мақолаи мо дар ҷаласаи шумо хонда хоҳад шуд. Ислом динест, ки вақте номи Худои таоло меояд, мусалмони ҳақиқиро ҳидояти итоати комил мефармояд, аммо акнун мебинем, ки бародарони ҳинду ва масеҳиёни шумо чӣ қадар

муъҷизаҳо ва камолоти Қуръони шариф мебошад, хонда хоҳад шуд. Ин мақолаест, ки аз қувваҳои инсон бартар ва яке аз нишонаҳои Худо ва бо кумаки хоси Ӯ навишта шудааст. Дар мақола ҳақоиқ ва маорифи Қуръони шариф навишта шудаанд, ки аз онҳо мисли офтоб равшан хоҳад шуд, ки дар ҳақиқат ин каломи Худо ва китоби Раббилоламин аст. Агар шахсе аз аввал то охир ҷавоби ҳамаи панҷ саволҳоро гӯш хоҳад кард, бовари дорам, ки як имони нав дар ӯ пайдо хоҳуд шуд, як нури нав дар ӯ хоҳад дурахшид ва як **тафсири ҷомеъ** дар дасти ӯ хоҳад омад. Мақолаи ман аз беҳудагӯӣ ва сафсатаи инсонӣ пок аст. Айни замон танҳо ҳамдардии бани одам маро маҷбур кардааст, ки ин мақоларо нависам, то ки онҳо ҳусну ҷамоли Қуръонро мушоҳида кунанд ва бубинанд, ки мухолифони мо бо торикӣ муҳаббат ва бо нур нафрат карда чӣ қадар зулм мекунанд. Маро Худои Алим илҳом карда иттилоъ бахшидааст, ки ин мақолаест, ки **бар ҳама ғолиб хоҳад баромад** ва дар ин он нури ростӣ, ҳикмат ва маърифатест, ки қавмҳои дигар дар шарте, ки ҳозир шуда аз аввал то охир инро гӯш кунанд, шарманда хоҳанд шуд. Онҳо хоҳ масеҳӣ бошанд, хоҳ Ория (равияи ҳиндуҳо), хоҳ соҳибони Санотандарам (равияи ҳиндуҳо) ва ё касе дигар, ҳеҷ гоҳ бар ин қодир нахоҳанд шуд, ки чунин камолот аз китобҳои худро нишон дода тавонанд, зеро Худои мутаол ирода фармудааст, ки он рӯз ҷилваи ин китоби пок зоҳир шавад. Ман дар **олами кашф** дидам, ки дар маҳалли ман аз ғайб дасте зада шуд ва дар натиҷаи расидани он даст як нури дурахшон баромад, ки чор тараф паҳн шуд ва нураш дар дастҳои ман низ афтид. Он гоҳ шахсе, ки назди ман истода буд бо овози баланд гуфт

---

номуси Пармешвар ва ё Ясуи худро доранд ва мебинем, ки оё онҳо барои номи чунин баландмартаба ҳозир мешаванд ва ё не?

اَللّٰهُ اَكْبَر خَرِبَتْ خَيْبَر

(Аллоҳу акбар харибат хайбар)

Таъбираш ҳамин аст, ки мурод аз маҳал дили ман мебошад, ки ҷойи нузулу ҳулули анвор аст ва онҳо маорифи нуронӣ мебошанд. Мурод аз калимаи хайбар тамоми динҳои ивазшуда мебошанд, ки омезиши ширк ва ботил дар худ доранд ва дар онҳо инсонро ҷойи Худо дода шуд ва ё сифатҳои Худоро аз дараҷаи камолаш фароварда шуд. Маро фаҳмонда шуд, ки баъд аз густариш ёфтани ин мақола дурӯғи динҳои ботил ошкор хоҳад шуд ва ростиҳои Қуръон рӯз то рӯз пахн хоҳанд шуд, то вақте ки ба ҳадафи худ расад. Баъд аз ин ҳолати кашфӣ ба тарафи илҳом интиқол дода шудам ва маро ин илҳом шуд.

اِنَّ اللّٰهَ مَعَكَ اِنَّ اللّٰهَ يَقُوْمُ اَيْنَمَا قُمْتَ

Яъне Худо бо ту аст ва Худо дар он ҷо истодааст, ки ту истодаӣ. Ин як ишораи ҳимояти Илоҳӣ аст. Акнун, бисёртар навиштан намехоҳам. Ба ҳама хабар медиҳам, ки вақти худро ҷудо карда барои гӯш кардани ин маърӯзаи пурҳикмат ҳатман дар Лоҳур дар ҷойи ҷаласа дар рӯзҳои муайян ҳозир шаванд, то ақлу имонашон фоидаеро, ки дар борааш ҳатто гумон карда наметавонанд, ба даст оранд.

والسلام علی من اتبع الهدی

Хоксор, Мирзо Ғулом Аҳмад аз Қодиён

21 декабр 1896 [5]

Дар ин ҷо беҳтар медонем, ки ба таври мисол ду-се рӯзномаро зикр кунем:

---

[5] Маҷмӯаи иштиҳор, ҷилд 1, 214-215 с. Чопшуда, Назорати ишоат Рабваҳ.

## Civil and Military Gazette, Lahore (Сивал энд милитарӣ газет, Лоҳур)

“Дар ин ҷаласа шунавандагон ба таври хос барои гӯш кардани мақолаи **Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ** завқ доштанд, зеро эшон барои муҳофизат ва ҳимояи Ислом таҷрибаи комил доранд. Барои гӯш кардани ин мақола як ҷамъияти калон ҳозир шуд. Азбаски худи ҷаноби Мирзо омада натавонистанд, бинобар ин, мақоларо як шогирди беҳтаринашон Муншӣ Абдулкарим фасеҳи сиёлкутӣ пеши мардум хонд. Рӯзи 27-ум ин мақола се соат давом кард ва мардум бо тамоми завқ ва диққат гӯш карданд, аммо ҳоло ҷавоби саволи якум тамом шуда буд. Мавлавӣ Абдулкарим ваъда дод, ки агар вақт дода шавад, қисми боқимонда низ хоҳам хонд. Инро дида модераторҳо ва раиси маҷлис ин тавсияро қабул карданд, ки барои ҷаласа рӯзи 29-ум илова карда шавад”.

## Рӯзномаи “Чодвӣ садӣ” (асри чордаҳ), Равалпиндӣ

Рӯзномаи мазкур бар мақолаи ҳазрати ақдас Масеҳи мавъуд алайҳиссалом чунин тақриз навишт:

"Дар байни мақолаҳо мақолаи беҳтарин, ки рӯҳи равони ҷаласа буд, мақолаи ҷаноби Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ буд, ки онро як хонандаи фасеҳулбаён, – ҷаноби Мавлавӣ Абдулкарим сиёлкутӣ, бисёр хуб ва бо услуби баланд хонд. Ин мақола ду рӯз давом кард. Рӯзи 27-ум қариб 4 соат ва рӯзи 29-уми декабр қариб ду соат тӯл кашид. Қариб 6 соатро гирифт ва 100 саҳифаи калонро дошт. Хулоса, ҷаноби Мавлавӣ Абдулкарим баромадро

сар кард ва мақоларо ончунон хонд, ки шунавандагон ошиқ шуданд. Бар ҳар як ҷумла офарин мегуфтанд ва басо талаб мекарданд, ки ҷумларо такрор карда шавад. Тамоми умр гӯшҳои мо чунин мақолаи хушро гӯш накардаанд. Аз динҳои дигар кадом касон баромад карданд, ба ростӣ, ҷавоби саволҳоро дода натавонистанд. Одатан ҳар кас бар саволи чаҳорум баҳс кард ва саволҳои дигарро даст нарасонданд. Бисёриҳо бисёр гап заданд, аммо ягон сухани хуб нагуфтанд, ҷуз мақолаи ҷаноби Мирзо, ки ҷавоби комил ва муфассали тамоми саволҳоро дод ва шунавандагони ҷаласа онро бо тамоми диққат ва завқ гӯш карданд ва беҳтарин гуфтанд.

Мо муриди ҷаноби Мирзо нестем ва бо эшон ягон алоқа надорем, аммо адолатро аз даст дода наметавонем. Ягон шахси нексиришт ва виҷдони саҳеҳ доштагӣ инро раво дониста наметавонад. Ҷаноби мирзо ҷавоби ҳамаи саволҳоро ба пуррагӣ аз Қуръони шариф доданд ва тамоми усулу фурӯоти (авомили) Исломро бо далелҳои ақлӣ ва бурҳонҳои фалсафӣ ороста карданд. Аввал масъалаи илоҳиётро исбот карданд ва сонӣ каломи Илоҳиро ҳамчун адабиёт овардан шаъни аҷибе дар худ дорад.

Ҷаноби Мирзо натанҳо фалсафаи масъалаҳои Қуръониро зикр карданд, балки дар баробари ин филология ва фалсафаи калимаҳои Қуръонро низ баён намуданд. Хулоса, мақолаи ҷаноби Мирзо ба таври комил як мақолаи пурра ва ғолиб буд, ки дар он бисёр гавҳарҳои маориф, ҳақоиқ, ҳакам ва исрор медарахшиданд ва фалсафаи Илоҳиётро ба тавре зикр карда шуд, ки пайравони ҳар як дин ҳайрон монданд. Дар вақти ягон баромади дигар ин қадар одам ҷамъ шуда набуданд, ки ҳини

хондани мақолаи ҷаноби Мирзо ҷамъ шуданд ва тамоми ҷойи толор пур шуда буд. Шунавандагон ҳама бодиққат гӯш мекарданд. Дар муқоиса ба мақолаи ҷаноби Мирзо ва дигарон ҳамин қадар гуфтан бас аст, ки дар вақти мақолаи ҷаноби Мирзо мардум мисли занбӯрони асал, ки дар болои асал ҷамъ меоянд, меомаданд, аммо дар вақти баромади дигарон мардум монда мешуданд ва хеста мерафтанд. Маърӯзаи мавлавӣ Муҳаммад Ҳусайн Батолавӣ як мақолаи оддӣ буд. Ҳамон фикрҳои муқаррарии муллогӣ, ки мардум ҳар рӯз гӯш мекунанд. Ягон гапи зиёд набуд ва дар вақти лексияи дуюми ҷаноби мулло мардум хеста рафтанд. Барои тамом кардани мақола ҷаноби муллоро ҳатто иҷозати чанд дақиқаи дигар ҳам дода нашуд”.[6]

## Рӯзномаи “Ҷанрал ва гавҳари осафӣ”

Рӯзномаи “Ҷанрал ва гавҳари осафӣ” Калкутта дар чопи 24 январ 1897 бо сархати “Ҷаласаи аъзам дар Лоҳур” ва “Фатҳи Ислом” чунин навишт:

“Пештари он, ки оид ба вазъи ҷаласа гуфтугӯ кунем, ин чизро зикр бояд кард, ки дар мақолаҳои рӯзномаи мо, чӣ тавре, ки хонандагон медонанд, ин баҳс шудааст, ки дар ин ҷаласаи аъзами мазоҳиб кадом шахс барои ҳимояи исломӣ бисёртар сазовор буд. **Як нависандаи ботаҷрибаи мо зеҳнро холӣ карда ва ҳақро дар пеш гирифта, аз ҳама пеш ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад раиси Қодиёнро интихоб намуда буд**. Нависандаи дигари мо низ бо ин маслиҳат мувофиқат кард. Ҷаноби мавлавӣ Саийд Муҳаммад Фахриддин Фахр бо тамоми камол нисбати ин

[6] Рӯзномаи “Чодвӣ садӣ” Ровалпиндӣ, 1 феврал 1897.

интихоб райи озод, мудаллал ва бешқимати худро пешниҳод намуда буд. Дар ин маслиҳат ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад, раиси Қодиён ва ҷаноби Сарсаийди Аҳмад аз Алӣ Гарро интихоб намуда буд ва дар баробари ин барои ҳимояи Ислом олимони зайлро зикр намуда буд:

Абӯсаид Муҳаммад Ҳусайн Батолавӣ, Ҷаноби Мавлавӣ ҳоҷӣ Сайид Муҳаммад Алӣ Конпурӣ ва Мавлавӣ Аҳмад Ҳусайн Азимободӣ. Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки як нависандаи рӯзномаи миллии мо ҷаноби Мавлавӣ Абдулҳақ Деҳлавӣ мусаннафи «Тафсири Ҳаққонӣ»-ро барои ин вазифа интихоб карда буд”.

Дар охир, рӯзномаи мазкур матни махсуси эълони Савомӣ Шуганчандрро, ки дар он тамоми уламои Ҳиндустонро ғайрат дода ҷавҳари дини худро нишон додан хоста шудааст, нақл намуда чунин навишт:

“Эълонҳо ва даъватҳои ин ҷаласаро дида **ғайрати кадом-кадом олимони Ҳинд барои ҳимояи Ислом ҷӯш зад** ва то кадом дараҷа онҳо аз рӯйи бурҳонҳо ва далелҳо ҳимояи Ислом карда ҳайбати фурқониро бар дили динҳои бегона шинонданро кӯшиш карданд.

Моро аз мухбирони эътиборнок маълум шудааст, ки барои иштирок намудан дар ҷаласа махсус ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад ва Сарсайид Аҳмадро мактуб навишта шуд. Ҷаноби ҳазрати Мирзо ба сабаби табъи носоз худашон иштирок карда натавонистанд, аммо мақолаи худро фиристоданд ва як шогирди хосро барои хондани он таъйин намуданд. Аммо ҷаноби Сарсайид аз иштирок намудан ва фиристодани мақола

каноракашӣ фармуданд. Сабабаш ин набуд, ки эшон пир шуда буданд ва дар чунин ҷаласаҳо иштирок намуда наметавонистанд, на ба сабаби ин, ки дар он рӯзҳо конфронсияи илм дар шаҳри Мират шуда буд, балки сабабаш ҳамин буд, ки ҷаласаҳои динӣ қобили таваҷҷуҳи эшон набуданд, зеро эшон дар мактуби худ, ки иншоАллоҳ дар рӯзномаамон чоп хоҳем кард, навишта буд, ки ӯ воиз, носеҳ ва мулло нест. Ин кори воизон ва носеҳон мебошад. Барномаи ҷаласаро дида ва таҳқиқ намуда маълум шудааст, ки ҷаноби Мавлавӣ Сайид Муҳаммадалӣ Конпурӣ, ҷаноби Мавлавӣ Абдулҳақ деҳлавӣ ва ҷаноби мавлавӣ Аҳмад Ҳусайн Азимободӣ низ ба тарафи ин ҷаласа на он қадар таваҷҷуҳ кардаанд. Аз гурӯҳи олимони муқаддаси мо низ ягон олими хуб мақолаи худро дар ин ҷаласа нахонд. Як дуто олимон ҳиммат намуда, худро намоён карданд, аммо бефоида. Бинобар ҳамин, онҳо дар ҷавоби саволҳои таъйиншуда гуфтугӯ накарданд ва ё сухани беҳуда гуфтанд. Чӣ тавре, ки дар гузориши ояндаи мо возеҳ хоҳад шуд. Хулоса, аз машғулияти ҷаласа чунин исбот мешавад, ки **танҳо ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад раиси Қодиён буданд, ки дар миёни ин майдони мубориза ҳаққи паҳлавонии исломӣ адо фармуданд ва интихоби худро рост нишон доданд, ки махсус барои таъйин намудани ҳимояи исломӣ** аз Пишовар, Ровалпиндӣ, Ҷеҳлум, Шоҳпур, Бера, Хушоб, Сиёлкут, Ҷамму, Вазиробод, Лоҳур, Амритсар, Гурдоспур, Лудҳиёна, Шимла, Деҳлӣ, Анбола, Риёсати Патиёла, Капуртала, Дераи Дун, Илоҳобод, Мадрос, Бамбай, Ҳайдаробод, Даккан, Банглур ва ғайра аз гурӯҳҳои гуногуни исломӣ ҳуҷҷати махсусро имзо намуда буданд. **Ҳақ ҳамин аст, ки агар дар ин ҷаласа мақолаи ҷаноби ҳазрати Мирзо намебуд, мусалмонҳо пеши пайравони динҳои дигар шарманда мешуданд, аммо дасти абарқудрати**

**Худои таоло дини муқададдас, – Исломро, аз шикаст эмин монд, балки ба сабаби ин мақола чунон фатҳ дод, ки мувофиқин як тараф истанд, мухолифин низ бо ихлоси табиӣ гуфтанд, ки ин мақола бар тамоми мақолаҳои дигар боло баромад. Боло аст. Натанҳо ин қадар, балки баъди тамомшавии мақола ин сухани ҳақ бар забони мухолифин чунин ҷорӣ шуд, ки акнун ҳақиқати Ислом кушода шуд ва Исломро мисли тир ба ҳадаф расидан ошкоро фатҳ ҳосил шуд. Акнун бар хилофи ин дам задан фоидае надорад, балки барои мо муҷиби фахр аст. Бинобар ҳамин, дар ин шавкати Исломӣ аст ва дар ҳамин азамати исломӣ ва ҳақ низ ҳамин аст.**

Ҳарчанд ин ҷаласаи дуюми ҷаласаи аъзами мазоҳиб дар Ҳиндустон буд, аммо аз рӯйи шаъну шавкат ва азамат тамоми конфронсҳо ва ҷаласаҳои дигарро шикаст додааст. Раисҳои гуногуни Ҳиндустон дар ин ҷаласа ширкат варзиданд ва бо хурсандии тамом инро зикр мекунем, ки ҳамаи мадрассаҳо низ дар ин ҷаласа шомил шуданд. Завқи ҷаласа то ин қадар афзуд, ки аз рӯйи ҷадвал се рӯзро тамдид намуда, чор рӯз карданд. Барои баргзори ҷаласа комиссия коллеҷи исломиро, ки дар шаҳри Лоҳур воқеъ аст, интихоб намуд. Мардум ин қадар ҷамъ омаданд, ки ин макон низ нокофӣ шуд. Азамати ҷаласа аз ин чиз исбот мешавад, ки ғайр аз раисони Панҷоб ҷанобони судяҳои Чифкорт ва суди олӣ Бобу Партул Чандр ва Мистер Бенар бо тамоми иштиёқ дар ҷаласа иштирок намдуанд".

Ин мақола аввалан дар "Гузориши ҷаласаи аъзами мазоҳиб" Лоҳур дар шакли аслии худ чоп шуд. Баъд, аз тарафи ҷамоати Аҳмадия бо номи "Фалсафаи усули Исломӣ" дар шакли

китобӣ бо забони урду ва англисӣ чандин бор чоп шудааст. Илова бар ин, дар забонҳои дигар чун франсузӣ, голландӣ, испанӣ, арабӣ, олмонӣ ва ғайра чоп шудааст ва файласуфони бузург ва сардабирони рӯзномаву маҷаллаҳои хориҷӣ низ тақризи мусбат навиштаанд. Муфаккирони ғарб низ ин лексияро беҳад пазируфтанд. Масалан:

1. **“Брисл Таимз энд Мирар”** навишт:

"Албатта шахсе, ки бо чунин лабу лаҳҷа Аврупо ва Амрикоро мухотаб мекунад, оддӣ шуда наметавонад”.

2. **“Спирчуал Ҷарнал”** Бостон навишт:

“Ин китоб барои бани одам муждаи холис мебошад”.

3. “**Теософикал бук нотс”** навишт:

“Ин китоб оинаи беҳтарин ва дилкаши дини Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст”.

4. “**Индиан ривию**” навишт:

"Фикрҳои равшани ин китоб ҷомеъ ва пурҳикмат мебошанд ва хонанда ба таври худ таъриф мекунад".

5. “**Муслим Ривию**” навишт:

“Мутолиакунандаи ин китоб бисёр фикрҳои рӯҳафзо, рост, амиқ ва ҳақиқӣ хоҳад ёфт”.[7]

Хубии ин мақола ҳамин аст, ки дар ин бар ягон динди дигар ҳамла карда нашудааст, балки танҳо хубиҳои Ислом номбар карда шудаанд ва ҷавобҳои саволҳо аз рӯйи таълимоти Қуръони маҷид дода шудаанд ва ончунон дода шудаанд, ки комил, аҳсан ва пурратар будани Ислом исбот мешавад.

Хоксор

Ҷалолиддин Шамс

[7] Ҳазрати соҳибзода Мирзо Башир Аҳмад. Силсилаи Аҳмадия. Саҳифаи 69.

# ИСЛОМ

Мақолаи оличаноби Ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад аз Қодиён, ки Мавлоно Мавлавӣ Абдулкарим Сиёлкутӣ 28уми декабри 1896 дар шаҳри Лоҳур, дар Ҷаласаи мазоҳиб аъзам, Маҳутсу пеши мардум хонд.

بسم الله الرحمٰن الرحيم

نحمده ونصلی علٰی رسوله الكريم

## Даъво ва далел бояд аз китоби илҳомӣ бошад

Имрӯз дар ин ҷаласа, ки мақсади он хубиҳои дини худро аз рӯйи саволҳои пешниҳодшуда баён кардан аст, ман хубиҳои Исломро баён хоҳам кард. Пеш аз он, ки сухани худро сар кунам, ба таври муқаддимавӣ зикр карданиам, ки дар ин суханронӣ ин чиз ба таври хос ба назар гирифта шудааст, ки чизе зикр кунам, аз каломи поки Худои таоло Қуръони Карим зикр кунам, зеро ба назди ман ин амр бениҳоят зарур аст, ки ҳар як шахс, ки пойбанди китобе бошад ва он китобро раббонӣ фикр карда бошад, бояд ӯ ҳар як саволро аз рӯйи ҳамон китоб ҷавоб диҳад ва ихтиёри ваколати худро ончунон васеъ накунад, ки гӯё китоби нав сохта истода бошад. Пас, азбаски имрӯз мо бояд хубиҳои Қуръонро исбот кунем ва камолоташро нишон диҳем, бинобар ин, муносиби ҳол аст, ки мо дар ягон амр аз матни ин китоб берун наравем ва муовфиқи ишора

ва ё равшан баён кардани он аз ояҳо мақсади худро баён кунем. Дар натиҷа шунавандагон ба осонӣ муқоиса ва муқобала карда тавонанд. Азбаски ҳар як баромадкунанда побанд аст, ки аз китоби илҳомии худ хубиҳои дини худро зикр кунад, бинобар ҳамин мо ҳадисҳои Пайғамбари Худо саллаллоҳу алайҳи васалламро зикр накардем, зеро ҳамаи ҳадисҳои саҳеҳ аз Қуръон асос гирифтаанд. Қуръон он китоби комил аст, ки ҳамаи китобҳо аз рӯйи илм то ба ин расида тамом мешаванд. Хулоса, имрӯз рӯзи зоҳиршавии шаъни Қуръон аст ва мо аз Парвардигори худ дуо мекунем, ки дар ин кор мададгори мо бошад. Омин

# ҶАВОБИ САВОЛИ ЯКУМ

Ҳозирини гиромӣ, бояд бидонед, ки дар оғози ин мазмун баъзе матнҳои муқаддимавӣ ҳастанд, ки дар зоҳир берун аз мазмун фаҳмида мешаванд, аммо барои фаҳмидани ҷавобҳои ҳақиқӣ аввал инҳоро фаҳмидан ниҳоят лозим аст. Бинобар ҳамин, барои равшантар фаҳмондани марому мақсад пеш аз мазмуни ҳақиқӣ ин матнҳоро илова карда шудааст, то дар фаҳмиши матлаби ҳақиқӣ мушкил пеш наояд.

***Қисми сегонаи ҳолатҳои инсонӣ***

Акнун бидонед, ки саволи якум дар бораи ҳолатҳои табиӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонии инсон аст. Пас бидонед, ки каломи поки Худои таоло, яъне Қуръони шариф ҳар се ҳолатро чунин тақсим кардааст, ки ҷудо-ҷудо се мабдаъ барои ҳар се ҳолат мондааст. Ё ин ки сето сарчашмаҳо қарор додааст, ки ҷудо-ҷудо ин ҳолатҳо аз онҳо мебароянд.

### *1. Нафси аммора*

Сарчашмаи якум, ки ҳамаи ҳолатҳои табиӣ аз он ҷорӣ мешаванд, Қуръон онро нафси аммора ном гузоштааст, чӣ хеле, ки мефармояд:

إِنَّ النَّفْسَ لَأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ[8]

Яъне хосияти нафси аммора ҳамин аст, ки ӯ инсонро ба тарафи бадие, ки мухолифи камоли он ва баръакси ҳолатҳои ахлоқии он аст, майл мекунонад ва ба роҳҳои баду нописанд мекашад. Хулоса ба тарафи бадиҳо ва беадолатиҳо рафтан як ҳолати инсонӣ аст, ки пеш аз ҳолати ахлоқӣ дорад ва ин ҳолат то он вақт табъӣ гуфта мешавад, ки инсон зери сояи ақлу маърифат нашавад. Инсон мисли ҳайвонҳо дар амрҳои хӯрдунӯш, хобухез, қаҳр кардан, эҳсосот нишон додан ва ғайра пайрави эҳсосоти табиӣ мекунад. Вақте инсон бо маслиҳати ақлу маърифат дар ҳолатҳои табиӣ тасарруф ва эътидолро ба назар мегирад, он гоҳ ин ҳар се ҳолатҳо табиӣ номида намешаванд, балки минбаъд инҳоро ҳолатҳои ахлоқӣ гуфта мешавад. Чӣ хеле, ки баъдтар низ андак зикраш мекунем.

### *2. Нафси лаввома*

Номи сарчашмаи дуюми ҳолатҳои ахлоқӣ дар Қуръони шариф нафси лаввома мебошад. Чӣ хеле, ки дар Қуръони шариф мефармояд:

وَلَآ أُقۡسِمُ بِٱلنَّفۡسِ ٱللَّوَّامَةِ ۝٢[9]

---

[8] سورة يُوسُف-54

[9] سورة الْقِيَامَة-3

Яъне ман қасам ба он нафс мехӯрам, ки бар корҳои бад ва ҳар як беэътидолӣ худро накӯҳиш мекунад. Нафси лаввома сарчашмаи дуюми ҳолатҳои инсонист, ки аз он ҳолатҳои ахлоқӣ падид меоянд ва дар ин дараҷа инсон аз монандии ҳайвонот наҷот меёбад. Дар ин оя сабаби савганди нафси лаввома хӯрдан дар асл иззат додани нафс аст, гӯё ин нафс аз нафси аммора ба нафси лаввома гузашта, ба сабаби тараққӣ назди Худо сазовори иззату эҳтиром шудааст. Ба ҳамин сабаб номаш лаввома гузошта шуд, зеро инсонро дар натиҷаи бадӣ сарзаниш мекунад ва ба ин розӣ намешавад, ки инсон дар лавозимоти табиияш мисли уштури белаҷом роҳ бигардад ва зиндагиаш ҳайвонот барин шавад, балки нафси лаввома мехоҳад, ки аз он ахлоқи хуб содир шаванд ва дар ҳамаи лавозими зиндагии инсон ҳеҷ беэътидолӣ зоҳир нашавад. Илова бар ин, эҳсосоти табиӣ ва хоҳишҳои табиӣ бо маслиҳати ақл зоҳир шаванд. Азбаски нафси лаввома ба корҳои бад маломат мекунад, бинобар ин номаш лаввома монда шудааст, яъне **бисёр маломаткунанда**. Нафси лаввома ҳарчанд эҳсосоти табииро нағз намебинад, балки худашро маломат кардан мегирад, аммо барои ба ҷо овардани некиҳо ба пуррагӣ қодир ҳам нест. Гоҳе эҳсосоти табиӣ бар он ғолиб мешаванд. Дар натиҷа меафтад ва пешпо мехӯрад. Гӯё мисли кӯдаки заиф аст, афтидан намехоҳад, аммо ба сабаби заъф меафтад ва бар заъфи худ шарманда мешавад. Хулоса ин ҳамон ҳолати ахлоқии нафс мебошад, ки нафс ахлоқи хубро дар худ ҷамъ кардан мегирад ва аз саркашӣ безор аст, аммо комилан ғалаба карда наметавонад.

### 3. Нафси мутмаинна

Сипас як сарчашмаи сеюм аст, ки онро мабдаи ҳолатҳои рӯҳонӣ гуфта метавонем. Номи ин сарчашмаро Қуръон нафси мутмаинна мондааст. Чӣ хеле, ки мефармояд:

يَٰٓأَيَّتُهَا ٱلنَّفۡسُ ٱلۡمُطۡمَئِنَّةُ ﴿٢٨﴾ ٱرۡجِعِيٓ إِلَىٰ رَبِّكِ رَاضِيَةٗ
مَّرۡضِيَّةٗ ﴿٢٩﴾ فَٱدۡخُلِي فِي عِبَٰدِي ﴿٣٠﴾ وَٱدۡخُلِي جَنَّتِي ﴿٣١﴾[10]

Яъне эй нафси оромёфта, ки аз Худо ором ёфтаӣ, ба тарафи Худои худ баргард. Ту бо Ӯ розӣ ва Ӯ бо ту розист. Пас, дар қатори бандагони ман дохил шав ва ба ҷаннати ман ворид гард.

Ин ҳамон дараҷаест, ки нафс аз ҳамаи беқувватиҳо наҷот ёфта бо қувваҳои рӯҳонӣ пур мешавад ва бо Худои таоло чунон пайваст мешавад, ки бе Ӯ зиста наметавонад. Чӣ хеле, ки об аз баландӣ ба нишеб меравад ва ба сабаби касрати худ ва набудани монеаҳо бисёр тез меравад, ҳамин тавр нафси мутмаинна ба тарафи Худо меравад. Ба ҳамин тараф ишора карда Худо мефармояд, ки эй он нафсе, ки аз Худо ором ёфтаӣ, ба тарафи Худо баргард. Пас ин нафс дар ҳамин зиндагӣ пеш аз марг тағйироти азим дар худ пайдо мекунад ва дар ҳамин дунё биҳиштро меёбад ва чӣ хеле, ки дар ин оят навишта шудааст, ки "ба тарафи рабби худ, яъне ба парваришкунандаи худ баргард" ҳамин тавр айни замон аз Худо парвариш меёбад. Муҳаббати Худо хӯроки он нафс мебошад ва аз ҳамин чашмаи зиндагибахш об менӯшад. Барои ҳамин аз марг

[10] سورة فجر 28-31

наҷот меёбад. Чӣ хеле, ки дар ҷойи дигари Қуръон Аллоҳи таоло мефармояд:

قَدۡ أَفۡلَحَ مَن زَكَّىٰهَا ۝١٠ وَقَدۡ خَابَ مَن دَسَّىٰهَا ۝١١ [11]

Яъне касе аз эҳсосоти заминӣ нафси худро пок кард, ӯ маҳфуз монд ва ҳалок нахоҳад шуд, аммо касе худро ба сӯйи эҳсосоти заминӣ, ки эҳсосоти табиӣ мебошанд, майл кард, ӯ аз зиндагӣ ноумед шуд.

Хулоса, ин се ҳолатанд, ки ба тариқи дигар ҳолатҳои **табиӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонӣ** номида мешаванд. Азбаски тақозои табиӣ дар ҳолати ифрот хатарнок мешаванд ва басо рӯҳоният ва ахлоқро поймол мекунанд, бинобар ин дар китоби поки Худо ин ҳолатҳоро нафси аммора номида шудааст. Агар савол пайдо шавад, ки бар ҳолатҳои табиии инсон китоби Қуръон чӣ таъсир мерасонад ва ба нисбати ин чӣ роҳнамоӣ мекунад ва ба таври амалӣ ба кадом дараҷа инҳоро мегузорад? Пас, бидонед, ки аз рӯйи Қуръон ҳолатҳои табиии инсон бо ҳолатҳои ахлоқӣ ва рӯҳонияш алоқаи зич доранд. Ҳатто тарзи хӯрдану нӯшидани инсон ҳам ба ҳолатҳои ахлоқию рӯҳонияш таъсир мерасонанд. Агар аз ин ҳолатҳои табиӣ мувофиқи роҳнамоии шариат кор бурда шавад, пас, чӣ хеле, ки дар кони намак ҳар як чиз намак мешавад, ҳамин тавр ҳамаи ин ҳолатҳо ахлоқӣ мешаванд ва бар рӯҳоният таъсири амиқ мегузоранд. Бинобар ин, барои ҳосил намудани мақсадҳои ибодат, покии ботин, хушӯъ ва хузӯъ (фурӯтанию хоксорӣ) одобу таҳорати ҷисмониро ба назар

[11] سورة الشمس 10-11

гирифта шудааст. Дар натиҷаи таамул ҳамин фалсафа саҳеҳ маълум мешавад, ки ҳолатҳои ҷисмонӣ бар рӯҳ таъсири қавӣ мерасонад. Чӣ хеле, ки мебинем, ки корҳои табиии мо ҳарчанд ҷисмонӣ бошанд, аммо ба ҳолатҳои рӯҳонии мо таъсир мерасонанд. Масалан, вақте чашмони мо гиря кунанд, ҳарчанд гиряи дурӯғ бошад, аммо дарҳол шарораи ашкҳо ба дил мерасад ва дили одам низ ғамгин мешавад. Ҳамин тавр вақти мо ба таври сунъӣ хандаро сар мекунем, дили одам низ хуррам мегардад. Ин чиз ҳам ба назар мерасад, ки саҷдаи ҷисмонӣ ҳам дар рӯҳ ҳолати фурӯтаниву оҷизӣ пайдо мекунад. Баръакси ин, вақте мо гарданро баланд карда ва синаро васеъ карда роҳ гардем, дар натиҷаи ин такаббур ва худбинӣ пайдо мешавад. Хулоса, аз ин намунаҳо аён мешавад, ки корҳои ҷисмонӣ ба рӯҳи мо ҳатман таъсир мерасонанд.

Инчунин аз таҷриба ба назар мерасад, ки ғизоҳои гуногун низ бар қувваҳои димоғу дил ҳатман таъсир мерасонанд. Масалан, агар диққат диҳем, одамоне, ки гӯшт намехӯранд, оҳиста-оҳиста қувваи шуҷоатро аз даст медиҳанд, то ҳадде, ки буздил мешаванд ва аз қувваи худодода маҳрум мегарданд. Қонуни қудрат ба ин амр чунин гувоҳӣ медиҳад, ки ҳайвоноти сабзахӯр ҳеҷ гоҳ шуҷоъ намешаванд, аммо ҳайвоноти гӯштхӯр сифати шуҷоат доранд. Дар парандаҳо низ ин чизро мушоҳида мекунем. Хулоса, дигар дар ин амр иштибоҳ нест, ки ғизо бар ахлок таъсир мерасонад. Албатта, онҳое, ки шабу рӯз гӯшт мехӯранд ва ғизоҳои сабзавотӣ намехӯранд, дар ахлоқи ҳилм (нармдилӣ) ва инкисор (шикастанафсӣ) кам мешаванд ва онҳое, ки дар хӯрок эътидол мекунанд, соҳиби ҳар ду хулқ мегарданд. Аз рӯйи ҳамин ҳикмат Худованд дар Қуръон мефармояд:

كُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ وَلَا تُسْرِفُوٓا۟ ۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلْمُسْرِفِينَ ﴿٣١﴾[12]

Яъне гӯшт ҳам хӯред ва чизҳои дигар ҳам хӯред, аммо дар ягон чиз аз ҳад нагузаред, то ба ҳолати ахлоқии шумо таъсири бад нашавад ва то ин зиёдатӣ сиҳати шуморо зарар нарасонад ва чӣ хеле, ки корҳои ҷисмонӣ бар рӯҳ таъсир мерасонанд, ҳамин хел рӯҳ низ ба бадан таъсир мерасонад. Одаме, ки ғамро бинад, нохоҳ чашмаш пурри об мешаванд ва касе шодӣ бинад, нохоҳ механдад. Мо чӣ қадар корҳои табиӣ масалан, хӯрдан, нӯшиданд, хоб рафтанд, хестан, дам гирифтан, оббозӣ кардан ва ғайра дорем, ин ҳамаи корҳои мо бар ҳолати рӯҳонии мо таъсир мерасонанд. Сохти бадании мо бо инсонияти мо алоқаманд мебошад. Як зарба дар димоғ дарҳол хотираи моро маҳв мекунад ва ё дар ҷойи дигар ҳӯши мо гум мекунад. Шамоли заҳрноки вабо зуд бадани моро таъсир расонда, баъдан ба дил таъсир мерасонад ва пеши назари мо низоми ахлоқии моро несту нобуд мекунад. Ҳатто инсоне мисли девона шуда, баъди якчанд дақиқа аз олам мегузарад. Хулоса, садамаҳои ҷисмонӣ наззораи аҷибе моро нишон медиҳанд, ки аз он исбот мешавад, ки алоқа байни рӯҳу бадан сиррест, ки фош кардани он кори инсонӣ намебошад. Илова бар ин чизи аҷиб ҳамин аст, ки дар натиҷаи фикр кардан маълум мешавад, ки модари рӯҳ бадан мебошад. Дар шиками занҳои ҳомила рӯҳ аз боло намеояд, балки ӯ як нурест, ки дар нутфа ба таври пӯшида махфӣ аст ва дар баробари нашъунамои бадан равшантару аёнтар мешавад. Каломи Худо моро мефаҳмонад, ки рӯҳ аз ҳамон қолаб падидор меояд, ки аз нутфа дар бачадон тайёр мешавад. Чӣ хеле, ки дар Қуръон мефармояд:

[12] سورة الاعراف- 32

ثُمَّ اَنۡشَاۡنٰهُ خَلۡقًا اٰخَرَ ‌ؕ فَتَبٰرَكَ اللّٰهُ اَحۡسَنُ الۡخٰلِقِيۡنَ ؕ‏﴿۱۵﴾‏[13]

Яъне боз мо он баданро, ки дар бачадон омода шуда буд, ба пайдоиши дигар меорем ва офариниши дигари онро падид менамоем, ки рӯҳ номида мешавад. Ва Худои таоло соҳиби бисёр баракатҳо ва Холиқ аст, ки касе Ӯро ҳамто нест.

Дар ин ҷо фармудааст, ки мо аз ҳамин бадан пайдоиши дигарро зоҳир мекунем, дар ҳақиқат ин як сирри амиқест, ки ҳақиқати рӯҳро нишон дода истодааст ва ба тарафи алоқамандиҳои мустаҳкаме ишора карда истодааст, ки байни рӯҳу бадан вуҷуд доранд. Ин ишора моро чунин таълим низ медиҳад, ки вақте амалҳои баданию суханҳо ва афъоли табиии инсон барои Худованд ва дар роҳаш зоҳир шаванд, сипас ба онҳо низ ҳамин фалсафаи Илоҳӣ алоқаманд мебошад. Яъне дар чунин корҳои мухлисона низ аз аввал рӯҳе махфӣ мебошад, чӣ тавре, ки дар нутфа махфӣ буд. Чӣ қадар қолаби аъмол тайёр шудан мегирад, рӯҳ равшантар шудан мегирад. Вақте он қолаб ба пуррагӣ тайёр мешавад, рӯҳ якбора бо таҷаллии комили худ дурахшон мешавад ва ба ҳайси рӯҳ будани худ, вуҷуди худро нишон медиҳад ва ҳаракати аёни зиндагӣ оғоз мешавад. Ҳамин ки қолаби аъмол ба куллӣ омода мешавад як бора чизе монанди барқ дурахшиши худро аз дурун нишон додан сар мекунад. Ин ҳамон замонест, ки дар борааш Худованд ба таври мисол дар Қуръон мефармояд:

[13] سورة مؤمنون-15

فَإِذَا سَوَّيْتُهُۥ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِي فَقَعُوا۟ لَهُۥ سَٰجِدِينَ ۝٣٠ [14]

Яъне чун қолабашро бисозам ва ҳамаи мазоҳири таҷаллиҳоро тартиб бидиҳам ва рӯҳамро дар он бидамам, пас ҳамаи шумо барои ӯ саҷдакунон биафтед.

Пас, дар ин оят ишора ҳамин аст, ки вақте қолаби аъмол пурра тайёр мешавад, дар он рӯҳе медурахшад, ки Худо онро ба зоти худ нисбат медиҳад. Азбаски баъди фанои зиндагии дунё он қолаб тайёр мешавад, бинобар ин, нури Илоҳӣ, ки пеш заиф буд, якбора барафрӯхта мешавад. Дар натиҷа бар ҳар як нафс воҷиб мешавад, ки чунин шаъни Худоро дида саҷда кунад ва ба сӯйи Ӯ майл кунад. Пас, ҳар кас ин нурро дида саҷда мекунад ва ба таври худ бадон сӯ рӯ меорад, ғайр аз иблис, ки вай торикиро дӯст медорад.

●[15]Дар ин ҷо нуктаи дигареро овардан бефоида нест. Он нукта ҳамин аст, ки кӯдаке, ки дар раҳми модар пайдо мешавад, баъди чор моҳу даҳ рӯз ҳаракат мекунад ва ин муддат ними он муддат мебошад, ки кӯдаке дар халватхонаи шиками модар меистад. Пас, чӣ хеле, ки ҷанин, яъне кӯдаки раҳми модар дар моҳи чаҳорум карашмаи зиндагии худро нишон медиҳад ва аз сурати наботӣ ба ҳайвонӣ табдил мешавад, ҳамин тавр қонуни қудрат дар

---

[14] سورة الحجر 30

[15] Аз ин нишон ● сар карда то нишони дигар матн дар нусхаи аввал мавҷуд буд, аммо дар чопи якум чоп нашуд. Дар нусхаи зери мутолеа бо иҷозати Ҳазрати Халифатулмасеҳилхомис айядаҳуллоҳу таоло он матн навишта шудааст.

пайдоиши рӯҳонӣ вуҷуд дорад. Яъне чӣ хеле, ки ҷанин дар бачадон ними замони он зиндагиро гузаронда, баъд аз он нишонаи ҳаётро зоҳир мекунад ва ҷилваи зиндагии пурраро нишон медиҳад, ҳамин сурат барои зиндагии рӯҳонӣ таъйин карда шудааст. Давраи ҳаёти хуби инсон, ки аз бетартибии ҳиссиёт, кудуратҳо ва касофатҳо пок аст, бо таваҷҷуҳ ба теъдоди аксарияти мардум ҳаштод сол аст ва ними ҳаштод чиҳил мебошад, ки бо шумораи чор мушобиҳат дорад. Яъне он чор моҳе, ки баъди хатми он кӯдак дар раҳми модар рӯҳи зиндагӣ мегирад. Пас, таҷрибаи саҳеҳ бар ин далолат мекунад, ки вақте инсон нисфи ҳаёти хуби худ, яъне чил сол, ки бо чор моҳи раҳми модар ташбеҳ доранд, мегузаронад ва ё наздик ба он мерасад, он гоҳ агар дар хамири ӯ садоқат вуҷуд дошта бошад, он рӯҳ дар ин вақти махсус осори намоёни худро нишон медиҳад ва ҳаракатро оғоз мекунад.

Ин амр ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки пеш аз 40 сол бар аксари инсонҳо ҳолати торикию тирагӣ ғолиб меистад, зеро 7-8 сол дар кӯдакӣ мегузаранд, баъд аз ин то 25-26 солагӣ дар таҳсили илм шуғл меварзад ва ё дар корҳои беҳуда вақти худро сарф мекунад. Баъд аз ин ба сабаби оиладор ва соҳиби фарзанд шудан ва ё ба таври худ хоҳишҳои дунё ба он ғалаба мекунанд ва барои ҳосил намудани молу мулк ва рутбаҳои дунё хоҳишҳои нав дар дили ӯ ҷӯш мезананд ва барои ҳосил намудани ҳадафи худ аз ҳад мегузарад. Агар ба тарафи Худо руҷӯъ ҳам кунад, орзуҳои дунё илова мешаванд. Агар дуо кунад, барои корҳои дунё зиёдтар дуо мекунад ва агар гиря кунад, барои мақсадҳои дунё оҳу воҳ мекунад. Ба рӯзи баргаштан (уқбо) имони заиф медорад ва агар ба он имон дошта бошад ҳам, рӯзи маргро дур фикр мекунад. Чӣ тавре, ки сарбанди рӯде

кандашуда обаш заминҳои гирдогирдро зарар мерасонад, ҳамин тавр сели эҳсосоти нафсонӣ зиндагиро ба хатар мекашад. Дар ин ҳолат он кас ба умури нозуктари маод (баргашт) чӣ хел қоил шуда метавонад, балки баръакс, ба гапҳои динӣ масхара мекунад ва мантиқи хушку холӣ ва фалсафаи беҳудаи худро нишон медиҳад. Албатта, агар некфитрат бошад, бар Худо низ имон меорад, аммо аз сидқи дил ва бо вафо Ӯро қабул намекунад, балки танҳо ба шарти комёбиҳои худ Худоро қабул мекунад. Дар натиҷаи ҳосил шудани муродҳои дунё бо Худо аст, вагарна бо шайтон аст.

Хулоса, дар ҳолати ҷавонӣ вазъияти инсон бисёр нозук мебошад ва агар инояти Худо ва дастгирии Ӯ набошад, ӯ дар чуқурии дӯзах меафтад. Ба ростӣ ҳамин синну сол решаи ҳамаи бадиҳо мебошад. Дар ҳамин синну сол инсон бемориҳои баданӣ ва қобили шарм мехарад. Дар натиҷаи хатоҳои синну соли бетаҷрибагӣ гоҳе аз Худои рост ва тағйирнопазир рӯгардонӣ мекунад. Хулоса, ин замонест ки дар он хавфи Худо кам, шаҳват толиб ва нафс ғолиб аст ва насиҳати ҳеҷ касро гӯш намекунад. Мукофоти ин замонаро тамоми умр мегирад. Сипас, вақте ба 40 мерасад, пару боли ҷавонӣ афтидан сар мешаванд. Акнун ба хатоҳои бисёри худаш нодим (пушаймон) мешавад, ки насиҳаткунандагон дар бораи онҳо насиҳат карда буданд ва ба таври худ ҷӯшҳои нафс кам шудан мегиранд, зеро аз рӯйи ҳолати ҷисмонӣ рӯ ба таназзул мешавад. Он хуни шарангез акнун пайдо намешавад, ки пеш пайдо мешуд. Он қувваи узвҳо ва нишоти мастонаи ҷавонӣ боқӣ намемонад, ки пеш буд. Акнун замони таназзул ва зарарбинӣ сар мешавад ва илова бар ин марги бузургон, ки калонсол буданд, мушоҳида мешавад, ҳатто баъзе вақт аз рӯйи

қазову қадр марги хурдсолҳо низ камари ҳимматро мешиканад. Дар ин синну сол падару модар ҳам дар гурҳо дароз мекашанд ва бисёр намунаҳое аз нопойдори дунё падидор мешаванд ва гӯё Худованди бузург оинаро пеши чашмаш мениҳад, ки бубин, ки достони ҷаҳон ин гуна аст ва барои чизе ҷонатро медиҳӣ, анҷомаш ин аст. Пас, хатоҳои гузаштаро бо нигоҳи ҳасрат мебинад ва инқилоби азим бар ӯ рӯй дода дунёи нав шурӯъ мешавад, ба шарти он, ки дар хамири ӯ саодат бошад ва аз байни онҳо бошад, ки даъват шудаанд. Дар бораи ҳамин Худои таоло мефармояд:

وَوَصَّيْنَا الْإِنسَانَ بِوَالِدَيْهِ إِحْسَانًا ۖ حَمَلَتْهُ أُمُّهُ كُرْهًا وَ
وَضَعَتْهُ كُرْهًا ۖ وَحَمْلُهُ وَفِصَالُهُ ثَلَاثُونَ شَهْرًا ۚ حَتَّىٰ إِذَا بَلَغَ
أَشُدَّهُ وَبَلَغَ أَرْبَعِينَ سَنَةً قَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ
الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحًا تَرْضَاهُ وَأَصْلِحْ لِي فِي ذُرِّيَّتِي ۖ
إِنِّي تُبْتُ إِلَيْكَ وَإِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ ﴿١٦﴾ [16]

Яъне ба инсон васият кардаем, ки дар ҳаққи волидайни худ хубӣ кун. Бубин, модарат бароят чӣ қадар ранҷҳо кашид. Ӯ бо ту дар шикамаш ба муддати дароз дар ранҷ монд ва бо ранҷу алам туро зоид. Ба сабаби шир додан ва аз муддати ҳамал сӣ моҳ ранҷҳо кашид. Боз фармуд, ки чун инсони накӯкор ба чил мерасад ва ақлаш пухта мешавад, он гоҳ васиятҳои Худо дар хотир меорад ва мегӯяд, ки Худоё, акнун тавфиқам бидеҳ, ки барои он неъматҳои ту шукр ба ҷо орам, ки бар ман ва волидайнам кардаӣ. Эй Худо, акнун ту аз дасти ман корҳоеро анҷом бидеҳ, ки сабаби ризои Ту шаванд ва

[16] سورة الاحقاف-16

авлоди маро сазовори ман кун, яъне агар ман дар ҳаққи волидайнам камӣ карда бошам, онҳо ин тавр накунанд ва агар ба ман давраи ҳарзагӣ омада бошад, Худоё, бар онҳо чунин нашавад. Эй Худо, ман акнун тавба кардаам ва дар қатори фармонбардорони ту шудаам.

Пас, Худованд дар ин оят зоҳир кардааст, ки соли чилум бар одамони нек бобаракат меояд ва оне, ки рӯҳи садоқат дорад, он рӯҳ ҳатман соли чилум дар ҳаракат меояд. Бисёр пайғамбарони Худо низ дар ҳамин сол зуҳур мекунанд, чунончи пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам соли чилуми зиндагиашон бароиислоҳи халқуллоҳ зуҳур фармуданд.●

***Махлуқ будани рӯҳ***

Боз ба мавзӯи гузашта бармегардам. Ин амр ниҳоят дурусту саҳеҳ аст, ки рӯҳ нури латифест, ки аз동 дуруни баданамон пайдо мешавад ва дар бачадон парвариш меёбад. Мурод аз пайдо шудан ин аст, ки пеш пинҳон ва ҳисношаванда буд, пас намоён мешавад. Аз аввал хилқаташ дар нутфа вуҷуд дорад. Албатта, он ба иродаи Худои осмонӣ ва бо иҷозату хоҳишаш бо алоқаи маҷҳулулкунаҳ (чизе, ки ҳақиқаташ маълум набошад) бо нутфа алоқаманд мебошад ва як ҷавҳари нӯронию равшани нутфа аст. Натавон гуфт, ки он ҷузви нутфа аст, чӣ хеле ки бадан ҷазви бадан, аммо ин тавр ҳам гуфта наметавонем, ки он аз берун меояд ва ё бар замин афтида бо маводи нутфа омехта мешавад, балки дар нутфа мисли оташ дар санг пинҳон аст. Мақсади китоби Илоҳӣ ин намебошад, ки рӯҳ аз осмон ҷудо нозил мешавад ва ё аз фазо ба замин меафтад ва ногоҳ

бо нутфа шомил шуда ба батни модар меравад, балки ин фикр ҳеҷ гоҳ дуруст нест. Агар мо ин тавр фикр кунем, пас қонуни қудрат моро бар ботил қарор медиҳад. Мо ҳар рӯз мушоҳида мекунем, ки дар хӯрокҳои пӯсида ва чиркин, инчунин дар захмҳо ҳазорҳо кирм пайдо мешаванд. Дар либосҳои ифлос садҳо шабуш пайдо мешаванд. Дар шиками инсон низ кирмҳои кадудона ва ғайра пайдо мешаванд. Акнун мо гуфта метавонем, ки онҳо аз берун меоянд ва ё касе онҳоро аз осмон фуромада ба чашми худ мебинад. Пас, дар ҳақиқат рӯҳ аз ҷисм меояд ва ба ҳамин далел махлуқ будани рӯҳ исбот мешавад.

### ***Дувумин пайдоиши рӯҳ***

Акнун муроди мо аз ин баён ин аст, ки он Қодири мутлақ, ки рӯҳро бо қудрати комилаи худ аз бадан баровардааст, иродаи Ӯ ин аст, ки пайдоиши дувуми рӯҳро низ ба воситаи бадан ба зуҳур биёрад. Ҳаракатҳои рӯҳ бар ҳаракатҳои бадани мо такя доранд. Чӣ тавре, ки мо баданро ба самте мекашем, рӯҳ ҳам кашонкашон дунболи он мешавад. Бинобар ҳамин, кори китоби ҳақиқии Худо ҳамин мебошад, ки ба ҳолатҳои табиии инсон таваҷҷуҳ кунад. Ба ҳамин сабаб Қуръони шариф барои ислоҳи ҳолатҳои табиии инсон таваҷҷуҳи хос кардааст ва барои хандидан, гиря кардан, хӯрдан, нӯшидан, пӯшидан, хоб рафтан, гап задан, хомӯш истодан, издивоҷ кардан, муҷаррад мондан, роҳ гаштан, истодан, покизагии зоҳирӣ ва ғусл ва ғайра ба ҷо овардани талабот ва дар ҳолати беморӣ ва сиҳат побанд шудани умури хос ва ғайра, ҳидоятҳо навиштааст. Қуръон ҳолатҳои ҷисмонии инсонро ба ҳолатҳои рӯҳонии он таъсирбахш қарор медиҳад. Агар ин ҳидоятҳоро бо шарҳ навишта

шавад, фикр мекунам, ки барои хондани ин мазмун вақти кофӣ фароҳам намеояд.

### *Такомули тадриҷии инсон (дараҷа ба дараҷа комил шудани инсон)*

Вақте ман бар каломи поки Худо тааммул мекунам ва мебинам, ки чӣ тавр Ӯ дар таълимоти худ инсонро бароиислоҳи аҳволи табиияш қоидаҳо ато кард ва боз оҳиста-оҳиста ӯро боло кашид ва то ба дараҷаи аъло расондан мехоҳад, пас, ман ин қоидаи пурмаърифатро чунин ёфтаам, ки аввал Худо хостааст, ки инсонро тарзи нишасту бархост, хӯрду нӯш, тарзи сухан ва ҳар як қисми муоширатро омӯзонда ӯро аз тариқаҳои ваҳшӣ наҷот диҳад ва аз мушобиҳати ҳайвонҳо фарқи куллӣ бахшида ҳолати ахлоқии дараҷаи поён, ки онро адаб ва шоистагӣ меноманд, омӯзонад. Сипас аз ин одатҳои табиии инсонро, ки ба шакли дигар онҳоро ахлоқи разила (разила) метавон гуфт, бар эътидол биорад, то ҳамон одатҳо эътидол ёфта, ранги ахлоқи фозила (олӣ) шаванд. Аммо ин ҳар ду роҳ дар ҳақиқат фарқ надоранд, зеро оид ба ислоҳи ҳолатҳои табиӣ мебошанд, танҳо фарқи дараҷаи поён ва боло инро ба ду қисм ҷудо кардааст ва он Ҳакими мутлақ низоми ахлоқро чунон пешниҳод кардааст, ки ба воситаи он инсон аз хулқи поён то ба хулқи аъло тараққӣ карда тавонад.

### *Ҳақиқати Ислом*

Пас аз ин **марҳалаи сеюми** тараққиҳо ин мондааст, ки инсон дар ризо ва муҳаббати Холиқи ҳақиқии худ маҳв шавад ва ҳамаи вуҷудаш барои Худо шавад. Ин ҳамон рутба аст, ки барои ёдоварии

он номи дини мусулмонҳо “Ислом” монда шудааст, зеро Ислом тамоман барои Худо шудан ва чизе аз худ боқӣ нагузоштанро мегӯянд. Чӣ хеле, ки Худои таоло мефармояд:

بَلَىٰ ۚ مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَلَهُ أَجْرُهُ عِنْدَ رَبِّهِ
وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴿١١٢﴾[17]
قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿١٦٢﴾
لَا شَرِيكَ لَهُ ۖ وَبِذَٰلِكَ أُمِرْتُ وَأَنَا أَوَّلُ الْمُسْلِمِينَ ﴿١٦٣﴾[18]
وَأَنَّ هَٰذَا صِرَاطِي مُسْتَقِيمًا فَاتَّبِعُوهُ ۖ وَلَا تَتَّبِعُوا السُّبُلَ
فَتَفَرَّقَ بِكُمْ عَنْ سَبِيلِهِ ۚ ذَٰلِكُمْ وَصَّاكُمْ بِهِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿١٥٣﴾[19]
قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللَّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللَّهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ
ذُنُوبَكُمْ ۗ وَاللَّهُ غَفُورٌ رَحِيمٌ ﴿٣١﴾[20]

Тарҷума. “Яъне наҷотёфта он аст, ки вуҷуди худро барои Худо ва дар роҳи Худо мисли қурбонӣ биниҳад ва натанҳо бо нийят, балки бо корҳои нек сидқи худро нишон диҳад. Шахсе ин тавр кард, мукофоташ дар назди Худо қарор гирифтааст ва чунин одамон на ҳеҷ тарс доранд ва на ғамгин хоҳанд шуд. Бигӯ, ки намози ман, қурбонии ман, маргу ҳаёти ман барои Худост, ки рубубият, яъне парвардигориаш ҳамаи чизҳоро иҳота кардааст. Ҳеҷ

[17] سورة البقرة:113

[18] سورة الانعام :164-163

[19] سورة الامعام:154

[20] سورة ال عمران :32

чиз ва ҳеҷ шахс шарики Ӯ намебошад ва махлуқ ягон намуд шарокат бо Ӯ надорад. Маро чунин фармон дода шудааст, ки ин тавр кунам ва қоимшаванда ба мафҳуми Ислом, яъне дар роҳи Худо вуҷуди худро қурбонкунанда аз ҳама пеш манам. Ин роҳи Ман аст, пас биёед, роҳи Маро интихоб кунед ва бар зидди ин ҳеҷ роҳро интихоб накунед, вагарна аз Худо дур хоҳед шуд. Ба инҳо бигӯ, ки агар бо Худо муҳаббат доред, пас, аз пайи ман (с) шавед ва ба роҳи ман қадам бизанед, то Худо ҳам бо шумо муҳаббат кунад ва гуноҳи шумо бубахшад. Албатта Худо бахшанда, Ғафур ва Раҳим аст.

***Фарқият байни ҳолатҳои табиӣ в ахлоқӣ***

Акнун мо ҳар се марҳалаи инсонро ҷудо-ҷудо зикр хоҳем кард, аммо аввал ин чиз набояд фаромӯш кард, ки ҳолатҳои табиӣ, ки сарчашма ва мабдаи он нафси аммора мебошад, аз рӯйи ишораҳои каломи поки Худои таоло аз ҳолатҳои ахлоқӣ чизи ҷудо нест, зеро каломи поки Худо ҳамаи қувваҳои табиӣ, хоҳишҳои ҷисмонӣ ва тақозоҳоро зергурӯҳи ҳолатҳои табиӣ мондааст. Ин ҳамон ҳолатҳои табиӣ мебошанд, ки пас аз корбурди онҳо аз рӯйи ирода бо риояти тартиб, таъдил, мавқеъ ва маҳал ранги ахлоқиро фаро мегиранд. Ҳамчунин ҳолатҳои ахлоқӣ аз ҳолатҳои рӯҳонӣ фарқият надоранд, балки ҳолатҳои ахлоқӣ ахиран фано шудан дар зоти Илоҳӣ, пок кардани нафс, инқитоиъ илаллоҳ (аз мардум дур шуда ба Худо наздик шудан), муҳаббати комил, маҳвияти комил (диққати комил), осоиши комил, итминон ва мувофиқати комил бо Худо ва ранги рӯҳониятро фаро мегиранд. То вақте, ки ҳолатҳои табиӣ ранги ахлоқиро ихтиёр накунанд, инсонро сазовори ситоиш қарор намедиҳанд, зеро онҳо дар ҳайвоноти дигар, балки дар

ҷамодот (чизҳои беҷон) низ вуҷуд доранд. Инчунин фақат ахлоқро ҳосил намудан низ инсонро зиндагии рӯҳонӣ намебахшад, зеро шахсе аз вуҷуди Худо мункир ҳам ахлоқи хубро нишон дода метавонад. Нармдил будан ва ё дили ҳалим доштан, сулҳкор будан, тарки шар кардан ва дар муқобили шарир (золим) хестан ҳама ҳолатҳои табиӣ мебошанд ва чунин умуранд, ки яке ноаҳл ва бенасиб аз сарчушмаи наҷот ва ноошнои маҳз низ соҳиб шуда метавонад. Ҳайвонҳое ҳастанд, ки хислати хуб доранд ва бо омӯхта шудан ва улфатгирӣ ибрози сулҳ мекунанд. Дар натиҷаи хӯрдани чӯбу чобук дар қаҳр намеоянд, аммо бо вуҷуди ин онҳоро инсон гуфта наметавонем. Чӣ тавр бо ин хислатҳо онҳо инсони аълосифат шаванд. Ҳамин тавр на танҳо ақидаи бадтарин дошта, балки оғозкунандаи баъзе бадкориҳо побанди ин умур шуда метавонад.

***Радди ҷивҳатия***

(Ҷивҳатия – аз рӯйи ақидаи ҳиндуҳо ягон ҷондорро куштан гуноҳ аст.)

Ин тавр шудан ҳам мумкин аст, ки инсоне дар сифати раҳм ба дараҷае расад, ки агар дар баданаш кирмҳо пайдо шаванд, онҳоро низ накушад ва ин қадар посдори ҷондорҳо шавад, ки он шабушҳо, ки дар мӯйи сар пайдо мешаванд ва ё кирмҳое, ки дар шикам ва рудаҳо ва димоғ пайдо шаванд, онҳоро низ озор додан нахоҳад, балки қабул мекунам, ки сифати раҳми касе то ба дараҷае расад, ки асал нахӯрад, зеро дар натиҷаи мурдани хеле ҷонҳо ва занбӯри асалро аз хонаашон ҷудо кардан ҳосил мешавад. Ба фикри ман ин тавр ҳам шудан мумкин аст, ки касе аз бӯйи мушк парҳез

кунад, зеро он хуни оҳу аст ва дар натиҷаи қатлаш ва ҷудо кардани ӯ аз бачаҳояш муяссар меояд. Инчунин аз ин ҳам инкор намекунам, ки касе истеъмоли садаф ва пӯшидани абрешамро низ тарк кунад, зеро ин ҳар ду дар натиҷаи қатли кирмҳо ба даст меоянд, балки ман то ин дараҷа бовар дорам, ки шахс дар вақти дард шуллукро аз бадани худ ҷудо накунад. Дарду аламро қабул кунад, аммо ба марги зулуки бечора розӣ нашавад. Ҳатто касе бовар кунад ё накунад, аммо ман инро ҳам бовар мекунам, ки касе раҳми худро то ҳадде расонда метавонад, ки об нӯшиданро тарк кунад ва ба ин роҳ барои зинда мондани кирмҳои об худро ҳалок кунад. Ман ин ҳама гапҳоро бовар мекунам, аммо ҳеҷ бовар намекунам, ки ин ҳамаи ҳолатҳои табиирo ахлоқ гӯем ва ё ба воситаи ҳамин он чиркҳои ботинӣ шуста мешаванд, ки вуҷудашон дар висоли Худо монеа аст. Ман ҳеҷ бовар намекунам, ки чунин безарариву бечорагӣ нишон додан, ки баъзе ҳайвону парандагон аз ин ҳам безарартар мебошанд, мӯҷиби ҳусули инсонияти аъло аст, балки ба фикри ман ин мубориза бо қонуни қудрат аст ва ба ин маврид бар хилофи хулқи бузурги ризо ва рад намудани он неъмат аст, ки қудрат моро ато кардааст. Рӯҳоният баъд аз дар вақташ истеъмол намудани ҳар як хулқ, сонӣ дар роҳҳои Худо қадамҳои вафо задан ва вуҷуди худро ба Ӯ супоридан ҳосил мешавад. Он ки барои Худо мешавад, нишонааш ҳамин мебошад, ки ғайр аз Худо зинда намемонад. Ориф мисли он моҳӣ аст, ки бо дасти Худо забҳ карда шудааст ва обаш муҳаббати Худо мебошад.

### *Се қисми ислоҳ*

Акнун ман ба мавзӯи пешина бармегардам. Чӣ хеле, ки зикр кардам сарчашмаи ҳолатҳои иносн сето мебошанд. Нафси аммора, нафси лаввома ва нафси мутмаинна. Ҳамин тавр қисмҳои ислоҳ низ сето мебошанд.

**Аввал** ин, ки ваҳшиҳои беахлоқро ба ахлоқи одӣ қоим карда шавад. Онҳо дар хӯрду нӯш ва умури тамаддунӣ масалан, тӯй ва ғайра дунболи роҳҳои инсон шаванд. На луч бигарданд, на саг барин мурдаҳоро хӯранд ва на дигар бадахлоқиро зоҳир кунанд. Ин ислоҳи дараҷаи поёнии дар ҳолатҳои табиӣ мебошад. Ин чунин навъи ислоҳ аст, ки агар яке аз одамони ваҳшии Порт-Блерро (бандари як ҷазираи Ҳиндустон) омӯзондани инсоният лозим ояд, пас аввал ахлоқи майда-майдаи инсоният ва роҳҳои одоб ӯро омӯзонда мешаванд.

**Дуюм** намуди ислоҳ ин аст, ки вақте касе соҳиби одоби зоҳирии инсоният шавад, баъд аз он ӯро ахлоқи баланди инсоният ёд дода шаванд ва ҳарчи дар қувваҳои инсон пинҳон аст, истифода кардани онро бармаҳал ва мавқеъ ёд дода шавад.

**Сеюм** роҳи ислоҳ ҳамин аст, ки онҳое, ки соҳиби ахлоқи фозила шудаанд ва зоҳиди хушку холӣ ҳастанд, чунон зоҳидони хушкро маззаи шарбати муҳаббат ва васл чашонида шавад. Ин се намуд ислоҳ ҳастанд, ки Қуръон зикр кардааст.

## *Омади ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар вақти зарурати ислоҳи комил*

Сайиду мавлои мо ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам он гоҳ фиристода шуданд, ки дунё аз ҳар як паҳлу вайрон ва табоҳ шуда буд. Чӣ хеле, ки Худои таоло мефармояд:

ظَهَرَ الْفَسَادُ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ[21]

Яъне дар ҷангалу дарёҳо фасод пайдо шуд. Ин ишора аст, ки одамони соҳиби китоби илҳомӣ низ роҳро гум кардаанд ва онҳое, ки китоб надоранд онҳо ҳам роҳро гум кардаанд. Пас, кори китоби Қуръон дар ҳақиқат зинда кардани мурдаҳо буд. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

اِعْلَمُوٓا اَنَّ اللّٰهَ يُحْيِ الْاَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا[22]

Яъне бидонед, ки Худованд акнун заминро пас аз маргаш зинда карданист. Он замон аҳволи араб то ба дараҷаи ваҳшоният расида буд ва ҳеҷ низоми инсоният дар онҳо боқӣ намонда буд ва ҳамаи гуноҳҳо дар назарашон ҷойи фахр буданд. Як мард садҳо занро мегирифт. Ҳаромхӯрӣ дар наздашон ҳамчун шикор буд. Никоҳ бо модар ҳалол медонистанд. Ҳамин сабаби шуд, ки Худо фармуд:

---

[21] سورة روم۔ 42

[22] سورة الحديد۔ 18

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ اُمَّهٰتُكُمْ وَبَنٰتُكُمْ[23]

Яъне имрӯз модарони шумо бар шумо ҳаром шудаанд. Инчунин мурдаро низ мехӯрданд. Одамхӯр низ буданд. Ҳеҷ гуноҳи дунё набуд, ки онҳо надошта бошанд. Бисёриҳо аз маод (ҷойи баргашт, дунёи дигар) мункир буданд. Бисёриҳо аз вуҷуди Худо инкор мекарданд. Духтаронро бо дасти худ қатл мекарданд. Ятимҳоро ҳалок карда молу мулки онҳоро соҳиб мешуданд. Танҳо дар зоҳир инсон буданд, аммо аз ақл холӣ буданд. Ҳаё, шарм ва ғайрат надоштанд. Шаробро мисли об мехӯрданд. Оне, ки дар зинокорӣ ҷойи якум мегирифт, раиси қавм мешуд. Бесаводӣ то ба дараҷае расида буд, ки қавмҳои ҳамсоя онҳоро уммӣ (бесавод) номида буданд. Дар чунин ҳолат ва барои islоҳи чунин қавмҳо сайиду мавлои мо ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар шаҳри Макка зоҳир шуданд. Пас, барои он се қисми ислоҳ, ки боло зикр кардем, дар ҳақиқат ҳамин замон буд. Бинобар ҳамин, Қуръон ба нисбати ҳамаи ҳидоятҳои дунё даъвои комилтари худро мекунад, зеро китобҳои дигари дунёро ин фурсат ба даст наомада буд, ки барои ин се гуна ислоҳ кӯшиш кунанд, аммо Қуръон онро ёфт. Мақсади Қуръон ҳамин буд, ки аз ҳайвонҳо инсон созад, сонӣ аз инсон, инсони боахлоқ созад, баъд аз инсони боахлоқ инсони Худодор бисозад. Бадин сабаб Қуръони маҷид соҳиби ин се амр аст.

[23] سورة نساء-24

## *Мақсади ҳақиқии қуръон ислоҳи сегона мебошад*

Пеш аз ин, ки мо ислоҳоти сегонаро шарҳ дода зикр кунем, ин чизро зикр кардан ҳам лозим медонем, ки дар Қуръон ҳеҷ таълиме нест, ки онро зӯран қабул кунем, балки мақсади ҳамаи Қуръон танҳо ислоҳоти сегона мебошад ва хулосаи ҳамаи таълимоташ ҳамин се ислоҳотанд. Дигар ҳамаи аҳком барои ин ислоҳҳо ҳамчун васила мебошанд. Чӣ хеле, ки баъзе вақт духтур ҳам маҷбур мешавад, ки барои пайдо кардани сиҳат ҷарроҳӣ ва марҳам кунад, ҳамин тавр барои ҳамдардии инсон Қуръон низ ин таълимоти лозимро бармаҳал истеъмол кардааст. Маънои ҳамаи маърифатҳо, васиятҳо ва василаҳои рӯзгузаронии он ҳамин аст, ки инсонҳоро аз ҳолатҳои табииашон, ки сифати ваҳшониятро дар худ дорад, ба ҳолатҳои ахлоқӣ бирасонад. Сипас, аз ҳолатҳои ахлоқӣ то ба дарёи рӯҳонии беканор расонад.

## *Ҳолатҳои табиӣ дар натиҷаи дурустӣ ба ахлоқ мубаддал мегарданд*

Чӣ хеле, ки пеш зикр кардаем, ки ҳолатҳои табиӣ аз ҳолатҳои ахлоқӣ ҷудо намебошанд, балки дар натиҷаи дуруст кардан ва бар маҳаллу мавқеъ истифода кардани он ҳолатҳо ва бо маслиҳати ақлу маърифат ҳамон ҳолатҳои табиӣ ба ҳолатҳои ахлоқӣ иваз мешаванд. Пеш аз ин, ки онҳо бо маслиҳати ақлу маърифат пайдо шаванд, ҳарчанд бо ахлоқ монандӣ доранд, аммо дар ҳақиқат ахлоқ нестанд, балки як рафтори табиии беихтиёранд. Чӣ хеле, ки агар саге ё бузе бо соҳиби худ муҳаббат ва унс пайдо кунад, пас, он сагро халиқ (хушахлоқ) ва бузро ахлоқёфта нахоҳем

гуфт, инчунин мо гург ва ё шерро бадахлоқ нахоҳем гуфт, балки чӣ хеле, ки зикр кардем, ки ҳолати ахлоқӣ баъд аз маҳал, фикр ва мавқеъшиносӣ пайдо мешавад ва инсоне, ки ақлу тадбирро кор намефармояд, мисли кӯдаки ширхор аст, ки бар дилу димоғашон сояи нерӯи ақл наомадааст ва ё мисли он девонаҳост, ки ҷавҳари ақлу донишро аз даст додаанд. Акнун касе ширхор ва ё девона бошад, он кас баъзе вақт корҳое мекунад, ки монанди ахлоқ мебошанд, аммо ҳеҷ одами донишманд ин корҳоро ахлоқ намегӯяд, зеро он корҳо аз чашмаи ахлоқ ва мавқеъшиносӣ набаромадаанд, балки ба таври худ аз дасташон иҷро мешаванд. Чӣ хеле, ки кӯдаки навзод баъд аз таваллуд шудан ба тарафи пистони модар майл мекунад ва чӯҷаи мурғ баъд аз пайдо шудан медавад, то дона чинад, кӯдаки зулук одатҳои зулукро дарбаргиранда аст, морча одатҳои морро зоҳир мекунад ва шербача одатҳои шерро нишон медиҳад. Махсус кӯдаки инсонро бояд бинем, ки ӯ чӣ хел баъд аз таваллуд шуданаш ба одатҳои инсониро нишон додан сар мекунад. Вақте як-яку ним сола мешавад, одатҳои табиии бисёр намоён мешаванд. Масалан чӣ хеле, ки пештар гиря мекард, акнун гиряаш дигар хелу баландтар мешавад. Инчунин хандааш ҳам баландтар мешавад ва дар чашмҳо низ нишонаҳои дониста дидани чизеро пайдо мекунад. Дар ин синни зиндагияш чизи нав ҳамин пайдо мешавад, ки розигӣ ва ё норизои худро бо ҳаракату ишора мефаҳмонад, касеро мезанад ва касеро чизе додан мехоҳад. Аммо ин ҳамаи ҳаракатҳояш табиӣ мебошанд. Ҳамин тавр, монанди ин кӯдак як одами ваҳшӣ низ, ки аз ахлоқи инсонӣ андак саҳме гирифтааст, вай ҳам дар қавлу феъл ва ҳаракату сукун ҳаракатҳои табиӣ нишон медиҳад ва тобеи эҳсосоти мизоҷи худ мемонад. Ягон сухан аз узвҳои дурунии фикркунандаҳояш намебарояд, балки чизе ба таври табиӣ ӯ ҳосил

намудааст, дар натиҷаи таҳрикоти беруна ва муносиби ҳол аз ӯ баромадан мегирад. Мумкин аст, ки эҳсосоти табиии ӯ, ки дар натиҷаи ягон таҳрик берун меоянд, ҳама бад набошанд, балки баъзеҳо ба ахлоқи некӯ монандӣ дошта бошанд, вале тадбирҳои оқилона ва сухан дар он дахл надорад ва агар андак бошад ҳам, ба сабаби ғалабаи эҳсосоти табиӣ қобили эътибор нест, балки кадом тараф касрат аст, ҳамон тарафро қобили қубул дониста хоҳад шуд.

### *Ахлоқи ҳақиқӣ*

Хулоса, ба тарафи чунин шахс ахлоқи ҳақиқӣ мансуб карда намешаванд, ки эҳсосоти табиӣ мисли ҳайвонҳо, кӯдакон ва девонаҳо бар ӯ ғолиб мебошанд ва зиндагии худро монанди ваҳшиҳо ба сар мебарад, балки дар ҳақиқат замони ахлоқи нек ё бад он гоҳ сар мешавад, ки вақте ақли Худододи инсон пухта шавад ва ба воситаи он байни некию бадӣ ва ё байни ду некӣ ва бадиҳо фарқ карда тавонад ва ба ҳамин асос дар натиҷаи тарк кардани роҳи нек дар дили ӯ ҳасрат пайдо шавад ва дар натиҷаи кори бад дар худ пушаймонӣ ва надомат ҳис кунад. Ин замони дуюми зиндагии инсон мебошад, ки дар каломи поки Худо – Қуръони шариф, инро нафси лаввома гуфта шудааст. Аммо бояд донист, ки ваҳшиеро то ба нафси лаввома расондан танҳо насиҳатҳои сатҳӣ кофӣ нестанд, балки лозим аст, ки он кас қадре саҳме аз Худошиносӣ ёбад, то пайдоиши худро беҳуда ва абас фикр накунад ва дар натиҷаи маърифати Илоҳӣ ахлоқи ҳақиқӣ дар ӯ пайдо шаванд. Ҳамин аст, ки Худованд дар баробари ахлоқ ба тарафи маърифати Худо низ таваҷҷуҳ кунондааст ва моро бовар кунондааст, ки ҳар як амал ва хулқ натиҷае дорад, ки дар ин зиндагӣ мӯҷиби роҳати рӯҳонӣ ва ё

азоби рӯҳонӣ мешавад ва дар он дунё таъсири худро ошкоро нишон хоҳад дод. Хулоса, дар дараҷаи нафси лаввома инсонро аз ақл, маърифат ва виҷдони пок ин қадар саҳм ҳосил мешавад, ки ӯ барои кори зишт худро сарзаниш мекунад ва ҳавасноку хоҳишманди кори нек мешавад. Ин дараҷа ҳамон дараҷаест, ки инсон ахлоқи фозилро соҳиб мешавад.

### *Халқ ва хулқ*

Дар ин ҷо лозим меояд, ки андак калимаи хулқро низ шарҳ диҳам. Бидонед, ки халқ бо аломати фатҳаи ҳарфи "х" (خَ) номи пайдоиши зоҳирӣ аст ва хулқ бо аломати заммаи ҳарфи "х" (خُ) номи пайдоиши ботинӣ аст. Азбаски пайдоиши ботинӣ танҳо бо ахлоқ ба камол мерасад, на бо эҳсосоти тибиӣ, бинобар ин, калимаи хулқ на барои эҳсосоти табиӣ, балки барои ахлоқ истифода шудааст. Илова бар ин бояд зикр кард, ки чӣ хеле, ки мардум фикр мекунанд, ки хулқ танҳо номи ҳалимӣ, нармӣ ва хоксорӣ аст, ин хатои онҳо мебошад. Дар ҳақиқат ҳамаи он кайфиятҳои камолоти инсонӣ, ки дар муқобили узвҳои зоҳирӣ барои ботин монда шудаанд, ин ҳамаи кайфиятҳоро хулқ номида мешавад. Масалан, инсон бо чашм гиря мекунад ва дар муқобили он дар дил қувваи риққат дорад. Вақте ин амал ба воситаи ақли Худодод бар маҳалли худ истифода карда мешавад, як хулқ ҳисобида мешавад. Инчунин инсон бо дастҳои худ бо душман мубориза мекунад ва дар муқобили ин ҳаракат дар дил қуввае ҳаст, ки онро шуҷоат меноманд. Вақте инсон ин қувваро бар маҳал ва мавқеъ истифода мекунад, пас, инро ҳам хулқ мегӯянд. Боз инчунин гоҳе инсон бо дастони худ ҷабрдидагонро аз золимон эмин доштан мехоҳад ва ё мардуми нодор ва гуруснагонро чизе

додан мехоҳад ва ё ба алфози дигар мардумро хизмат кардан мехоҳад, дар муқобили ин ҳаракат дар дил қуввае ҳаст, ки онро раҳм мегӯянд. Гоҳе инсон бо дастҳои худ золимро ҷазо додан мехоҳад, дар муқобили ин ҳаракат *қуввае ҳаст, ки онро интиқом мегӯянд ва гоҳе инсон дар ҷавоби ҳамлаи касе ҳамла кардан намехоҳад ва зулми золимро гузашт мекунад, дар муқобили ин ҳаракат дар дил қуввае ҳаст, ки онро афв ва сабр мегӯянд[24].

Ва гоҳе инсон барои фоидаи мардум аз дасту поҳои худ ё аз дилу димоғ кор мегирад ва барои беҳбудии онҳо пули худро харҷ мекунад, пас дар муқобили ин ҳаракат дар дил қуввае ҳаст, ки онро саховат мегӯянд. Пас, вақте инсон ин ҳамаи қувваҳоро бар маҳал ва мавқеъ истифода мекунад, он гоҳ инҳо хулқ номида мешаванд. Худои азза ва ҷалла Пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васалламро мухотиб карда мефармояд:

وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ۝٥ [25]

Яъне ту бар як хулқи азим устувор ҳастӣ. Пас, аз рӯйи ин шарҳ мафҳумаш ин аст, ки ҳамаи қисмҳои ахлоқ, яъне саховат, шуҷоат, адл, раҳм, эҳсон, сидқ, бардошт ва ғайра дар ту ҷамъ шудаанд. Хулоса, чӣ қадар дар дили инсон қувваҳо мисли адаб, ҳаё, диёнат, мурувват, ғайрат, пойдорӣ, иффат, парҳезкорӣ, эътидол, муосот (ҳамдардӣ), инчунин шуҷоат, саховат, афв, сабр, эҳсон, сидқ, вафо ва ғайра мавҷуданд, вақте ҳамаи ин ҳолатҳои табиӣ бо

[24] Матни дар зераш хаткашидашуда дар чопи якум нест, аммо дар нусхаи асл ҳаст.

[25] سورة القلم:5

маслиҳати ақл ва тадбир дар мавқеъ ва маҳалли худ иброз карда шаванд, пас, ҳамаи инҳоро ахлоқ хоҳем гуфт. Ин ҳамаи ахлоқ дар ҳақиқат ҳолатҳои табиӣ ва эҳсосоти тибиии инсонанд. Танҳо он гоҳ ахлоқ номида мешаванд, ки мавқеъ ва маҳалро дониста инҳоро истифода карда шавад. Азбаски яке аз хубиҳои инсон ин аст, ки ӯ ҷондори тараққипазир аст, бинобар ҳамин, ӯ дар натиҷаи таълимоти нек, суҳбатҳои нек ва пайравии дини рост чунин эҳсосоти тибииро ба ахлоқ табдил мекунад ва ин чиз насиби ягон ҷондори дигар нест.

### *Ислоҳи аввал, яъне ҳолатҳои табиӣ*

Акнун мо аз байни се ислоҳот, ки Қуръон зикр намудааст, аввалинашро, ки дар бораи ҳолатҳои табиии дараҷаи камтар мебошад, зикр мекунем. Ин ислоҳ яке аз бахшҳои ахлоқест, ки бо номи **адаб** мавсум аст, яъне ҳамон адабе, ки дар натиҷаи побанд шудани он ваҳшиҳоро дар ҳолатҳои табиии мисли умури тамаддуни хӯрдунӯш, никоҳ кардан ва ғайра ба тарафи маркази эътидол меорад. Аз зиндагии мисли ваҳшиҳо, дарандаҳо ва ҳайвонҳо наҷот мебахшад. Чӣ хеле, ки дар бораи ҳамаи ин одоб Аллоҳи ҷалла шаънуҳу дар Қуръони шариф мефармояд:

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَٰتُكُمْ وَبَنَٰتُكُمْ وَأَخَوَٰتُكُمْ وَعَمَّٰتُكُمْ وَ
خَٰلَٰتُكُمْ وَبَنَٰتُ الْأَخِ وَبَنَٰتُ الْأُخْتِ وَأُمَّهَٰتُكُمُ الّٰتِيٓ أَرْضَعْنَكُمْ وَ
أَخَوَٰتُكُم مِّنَ الرَّضَٰعَةِ وَأُمَّهَٰتُ نِسَآئِكُمْ وَرَبَٰٓئِبُكُمُ الّٰتِي فِي
حُجُورِكُم مِّن نِّسَآئِكُمُ الّٰتِي دَخَلْتُم بِهِنَّ فَإِن لَّمْ تَكُونُوا
دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلَا جُنَاحَ عَلَيْكُمْ وَحَلَٰٓئِلُ أَبْنَآئِكُمُ الَّذِينَ مِنْ

اَصْلَابِكُمْ ۙ وَاَنْ تَجْمَعُوْا بَيْنَ الْاُخْتَيْنِ اِلَّا مَا قَدْ سَلَفَ ؕ

اِنَّ اللّٰهَ كَانَ غَفُوْرًا رَّحِيْمًا ۟ۙ﴿٢٣﴾[26]

لَا يَحِلُّ لَكُمْ اَنْ تَرِثُوا النِّسَآءَ كَرْهًا ؕ [27]

وَلَا تَنْكِحُوْا مَا نَكَحَ اٰبَآؤُكُمْ مِّنَ النِّسَآءِ اِلَّا مَا قَدْ سَلَفَ ؕ [28]

اَلْيَوْمَ اُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبٰتُ ... ۫ وَالْمُحْصَنٰتُ مِنَ الْمُؤْمِنٰتِ وَ

الْمُحْصَنٰتُ مِنَ الَّذِيْنَ اُوْتُوا الْكِتٰبَ مِنْ قَبْلِكُمْ اِذَآ اٰتَيْتُمُوْهُنَّ اُجُوْرَهُنَّ مُحْصِنِيْنَ

غَيْرَ مُسٰفِحِيْنَ وَلَا مُتَّخِذِيْٓ اَخْدَانٍ ؕ [29]

وَلَا تَقْتُلُوْٓا اَنْفُسَكُمْ ؕ [30]

وَلَا تَقْتُلُوْٓا اَوْلَادَكُمْ[31]

لَا تَدْخُلُوْا بُيُوْتًا غَيْرَ بُيُوْتِكُمْ حَتّٰى تَسْتَاْنِسُوْا وَتُسَلِّمُوْا عَلٰٓى اَهْلِهَا ؕ [32]

فَاِنْ لَّمْ تَجِدُوْا فِيْهَآ اَحَدًا فَلَا تَدْخُلُوْهَا حَتّٰى يُؤْذَنَ لَكُمْ ۚ

وَاِنْ قِيْلَ لَكُمُ ارْجِعُوْا فَارْجِعُوْا هُوَ اَزْكٰى لَكُمْ ؕ [33]

وَاْتُوا الْبُيُوْتَ مِنْ اَبْوَابِهَا ۪ [34]

---

[26] سورة نساء :24

[27] سورة نساء : 20

[28] سورة نساء :23

[29] سورة المائدة :6

[30] سورة نساء :30

[31] سورة الانعام :152

[32] سورة النور :28

[33] سورة النور :29

[34] سورة البقرة :198

وَإِذَا حُيِّيتُم بِتَحِيَّةٍ فَحَيُّوا بِأَحْسَنَ مِنْهَآ أَوْ رُدُّوهَا ۗ [35]

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ إِنَّمَا ٱلْخَمْرُ وَٱلْمَيْسِرُ وَٱلْأَنصَابُ وَٱلْأَزْلَٰمُ رِجْسٌ

مِّنْ عَمَلِ ٱلشَّيْطَٰنِ فَٱجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴿٩١﴾ [36]

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمُ ٱلْمَيْتَةُ وَٱلدَّمُ وَلَحْمُ ٱلْخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيْرِ ٱللَّهِ بِهِۦ وَٱلْمُنْخَنِقَةُ وَ

ٱلْمَوْقُوذَةُ وَٱلْمُتَرَدِّيَةُ وَٱلنَّطِيحَةُ وَمَآ أَكَلَ

ٱلسَّبُعُ إِلَّا مَا ذَكَّيْتُمْ ۚ وَمَا ذُبِحَ عَلَى ٱلنُّصُبِ [37]

يَسْـَٔلُونَكَ مَاذَآ أُحِلَّ لَهُمْ ۖ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ ٱلطَّيِّبَٰتُ ۙ [38]

إِذَا قِيلَ لَكُمْ تَفَسَّحُوا۟ فِى ٱلْمَجَٰلِسِ فَٱفْسَحُوا۟ يَفْسَحِ ٱللَّهُ لَكُمْ ۖ

وَإِذَا قِيلَ ٱنشُزُوا۟ فَٱنشُزُوا۟ [39]

كُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ وَلَا تُسْرِفُوٓا۟ ۚ [40]

وَقُولُوا۟ قَوْلًا سَدِيدًا ﴿٧٠﴾ [41]

وَثِيَابَكَ فَطَهِّرْ ﴿٥﴾ وَٱلرُّجْزَ فَٱهْجُرْ ﴿٦﴾ [42]

وَٱقْصِدْ فِى مَشْيِكَ وَٱغْضُضْ مِن صَوْتِكَ ۚ [43]

[35] 87: سورة نساء

[36] 91: سورة المائدة

[37] 4: سورة المائدة

[38] 5: سورة المائدة

[39] 12: سورة المجادلة

[40] 32: سورة الاعراف

[41] 32: سورة الاحزاب

[42] 6-5: سورة المدثر

[43] 20: سورة لقمٰن

وَتَزَوَّدُوا فَإِنَّ خَيْرَ الزَّادِ التَّقْوَىٰ ۚ [44]

وَإِن كُنتُمْ جُنُبًا فَاطَّهَّرُوا ۚ [45]

وَفِي أَمْوَالِهِمْ حَقٌّ لِّلسَّائِلِ وَالْمَحْرُومِ ﴿٢٠﴾ [46]

وَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تُقْسِطُوا فِي الْيَتَامَىٰ فَانكِحُوا مَا طَابَ لَكُم مِّنَ
النِّسَاءِ مَثْنَىٰ وَثُلَاثَ وَرُبَاعَ ۖ فَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تَعْدِلُوا فَوَاحِدَةً أَوْ مَا
مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَدْنَىٰ أَلَّا تَعُولُوا ﴿٣﴾ [47]

وَآتُوا النِّسَاءَ صَدُقَاتِهِنَّ نِحْلَةً ۚ [48]

Яъне бар шумо модарони шумо ҳаром карда шуданд ва инчунин духтарони шумо, хоҳарони шумо, аммаҳои шумо, холаҳои шумо, духтарони бародарони шумо, духтарони хоҳарони шумо, модароне, ки шуморо шир додаанд, хоҳарони аз ҷиҳати ширхорагии шумо, модарони ҳамсарони шумо, духтарони аз шавҳари пешинаи ҳамсаронатон, ки шумо бо онҳо ҳамхоба шуда бошед ва агар бо онҳо ҳамбистар нашудаед, он гоҳ гуноҳе нест ва ҳамсарони писарони ҳақиқии шумо ва инчунин ду хоҳаронро дар як вақт ҷамъ кардан (бар шумо ҳароманд). Ин ҳамаи корҳо, ки пеш иҷро мешуданд, имрӯз бар шумо ҳаром карда шудаанд. Инчунин бароятон ҷоиз нест, ки зӯран занонро соҳиб шавед. Ин ҳам ҷоиз нест, ки шумо он занҳоро ба никоҳи худ дароред, ки пеш аз ин

[44] سورة البقرة :198

[45] سورة المائدة :7

[46] سورة الذريات :20

[47] سورة النساء :4

[48] سورة النساء :5

ҳамсарони падарони шумо буданд. Он чӣ гузашт, гузашт. Занони покдоман аз миёни шумо ва ҳам аз миёни аҳли китоби пешина бар шумо ҳалоланд, ки онҳоро ба занӣ гиред, аммо вақте никоҳ бо ҳаққи маҳр анҷом шавад, пас, на бадкорӣ ҷоиз асту на дӯстии пинҳонӣ. Миёни бесаводони арабҳо одаме, ки соҳиби фарзанд намешуд, дар баъзеҳо ин расм вуҷуд дошт, ки занаш барои авлод бо касе дигар ошноӣ пайдо мекард. Қуръон ин суратро ҳаром гуфт. Ҳамин расми бадро мусофиҳат (бадкорӣ) меномиданд.

Боз Худои таоло фармуд, ки худкушӣ накунед. Авлоди худро накушед ва дар хонаи дигарон монанди ваҳшиҳо беиҷозат дохил нашавед. Иҷозат гирифтан шарт аст ва вақте шумо дар хонаҳои дигарон дохил шавед, пас, вақти дохилшавӣ Ассалому алайкум бигӯед ва агар дар он хонаҳо касе набошад, то он гоҳ, ки касе аз соҳибони хона иҷозат надиҳад, дар он хонаҳо наравед ва агар соҳиби хона бигӯяд, ки баргардед, пас баргардед. Ва дар хонаҳо аз болои деворҳояшон парида наравед, балки аз дарҳои хонаҳо дохил шавед. Ва агар касе шуморо салом гӯяд, пас, дар ҷавоб саломи беҳтар ва нектар ӯро гӯед. Ва шароб, қиморбозӣ, бутпарастӣ ва фолгирӣ ҳама корҳои нопок ва шайтонӣ мебошанд. Аз инҳо худдорӣ намоед. Мурдор нахӯред. Гӯшти хук нахӯред. Садақа пеши бутҳо додашуда нахӯред. Ҳайвоне бо чӯб кушташуда нахӯред. Ҳайвоне, ки ғалтида мурдааст, нахӯред. Ҳайвоне бо шохи ҳайвони дигар мурдааст, нахӯред. Куштаи даранда нахӯред. Бо номи бутҳо кушташуда нахӯред, зеро ин ҳама ба манзилати мурдоранд ва агар мардум пурсанд, ки пас чӣ бояд хӯрем? Ҷавобаш ҳамин, ки ҳамаи чизҳои поки дунё бихӯред, танҳо мурдор ва мушобеҳ ба мурдор ва чизҳои нопок нахӯред.

Агар дар маҷлисҳо гуфта шавад, ки ҷойро боз карда бинишинед, яъне ба дигарон ҳам ҷо диҳед, пас, зуд ҷоро кушода кунед, то дигарон бинишинанд. Ва агар гуфта шавад, ки хезед, пас, бешикоят хезед. Албатта гӯшт, донаҳо ва ғайра ҳамаи чизҳои покро бихӯред, аммо ба як тараф майл накунед ва аз пурхӯрию исроф худро нигоҳ доред. Сухани беҳудаву бемаънӣ нагӯед. Сухани бамаврид ва бамавқеъ бигӯед. Либоси худро тоза нигоҳ доред. Бадан, хона, кӯча ва ҳар он ҷое, ки нишасти шумо бошад, аз чирк, касофат ва нопокӣ нигоҳ доред, яъне ғусл карда истед ва хонаҳоро тоза нигоҳ доред. На бисёр баланд гап занеду на бисёр паст. Ғайр аз вақти даркор овози миёнаро одат кунед. Оид ба роҳ гаштан низ қоидаи миёна риоя кунед. На бисёр тез ва на бисёр суст роҳ гардед. Вақте сафар кунед, аз ҳар ҷиҳат интизоми сафар кунед ва тӯшаи бисёр гиред, то гадо нашавед. Дар ҳолати ҷанобат ғусл кунед. Дар вақти хӯрок ба гадо ҳам диҳед ва сагу парандаҳои дигарро низ диҳед. Ҳеҷ боке нест, агар шумо бо он духтарони ятиме, ки парвариш кардаед, никоҳ кунед, аммо агар шумо ҳис кунед, ки ба сабаби беворис будани онҳо нафси шумо бар онҳо зулм мекунад, пас, занҳои падару модар ва хешу ақораб медоштагиро гиред, ки одоби шумо ҳам ба ҷо оранд ва шумо низ дар бораи онҳо тарс дошта бошед. Як ду се чор занҳоро гирифта метавонед, ба шарте, ки адл кунед ва агар инсоф набошад, пас, ҳарчанд лозим бошад, бар як иктифо кунед. Ҳикмати чор занҳо дар ин аст, ки мисли одатҳои пешина ифрот нашавад, яъне навбат ба садто нарасад, ё ин ки, ба тарафи ҳаромкорӣ майл накунед. Ва ба занони худ ҳаққи маҳр диҳед.

Хулоса, ин ислоҳи нахустини Қуръони шариф аст, ки дар ин, ҳолатҳои табиии инсонро аз расму одатҳои ваҳшиёна кашида таваҷҷуҳи вайро ба лавозимҳо ва таҳзиб тарбия монда шудааст. Дар ин таълим ҳоло зикри ахлоқи аъло нест. Танҳо одоби инсоният аст ва мо навиштем, ки ин таълим барои он лозим шуд, ки Пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ислоҳи қавме омада буданд, ки дар ҳолати ваҳшиёна аз ҳамаи қавмҳо зиёдтар буд. Аз ҳар як паҳлӯ инсоният дар онҳо боқӣ намонда буд. Пас, лозим буд, ки пеш аз ҳама одоби зоҳирии инсоният ба онҳо ёд дода шаванд.

### *Ҳаром шудани хук (хинзир)*

Як нукта дар ин ҷо бояд дар хотир монд, ки хинзир, ки ҳаром карда шудааст, Худо аз аввал дар номаш ишора ба ҳаром шудани он кардааст, зеро калимаи хинзир аз “хинз” ва “ар” мураккаб аст ва маънояш ин аст, ки “ман инро бисёр фосид ва зишт мебинам”. Маънои “хинз” бисёр фосид ва “ар” мебинам аст. Пас, номи ин ҷонвар, ки аз аввал аз тарафи Худо дода шудааст, бар палидиаш далолат мекунад. Боз чизи аҷиб ҳамин, ки дар забони ҳиндӣ инро суар мегӯянд. Ин калима низ аз калимаҳои **суъ** (سوء) ва **ар** (ار) мураккаб шудааст, ки маънояш “ман инро бисёр бад мебинам” мебошанд. Дар ин ҷо ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест, ки калимаи суъ чӣ хел арабӣ бошад, зеро мо дар китоби худ «Минанурраҳмон« исбот кардем, ки забони арабӣ модари ҳамаи забонҳо мебошад ва калимаҳои арабӣ дар ҳар як забон ба теъдоди ҳазорҳо шомиланд. Пас, калимаи “**суъ**” калимаи арабӣ мебошад, бинобар ҳамин тарҷумааш дар забони ҳиндӣ “**бад**” мебошад. Пас, ин ҳайвонро бад низ мегӯянд. Дар ин иштибоҳе нест, ки дар замоне, ки забони ҳамаи

дунё арабӣ буд, дар ин кишвар номи ин ҳайвон ба забони арабӣ машҳур буд, ки бо калимаи хинзир ҳаммаъно аст ва то ҳозир ҳамчун ёдгор мондааст. Мумкин аст, ки ҳамин калима дар Шостирӣ (китоби ҳиндуҳо) тағйир ёфта сурати дигаре гирифта бошад, аммо калимаи дуруст ҳамин аст, зеро сабаби номгузории худ дорад, ки калимаи хинзир дар он гувоҳӣ медиҳад. Ҳамин маъно, ки ин калима дорад, яъне бисёр фосид, ҳоҷати шарҳ надорад. Кӣ намедонад, ки ин ҳайвон дар хӯрдани наҷосат дар ҷойи аввал аст, инчунин дайюс ва беғайрат аст. Акнун сабаби ҳаром шудани ин зоҳир аст, ки қонуни қудрат ҳаминро мехост, ки таъсири гӯшти чунин палид ва ҳайвони бад бар бадани инсон палид мешавад, зеро мо исбот кардаем, ки хӯрокҳо низ бар бадани инсон таъсир доранд. Пас, дигар иштибоҳе нест, ки таъсири ин ҳайвони бад бар инсон бад шавад. Чӣ хеле, ки табибҳои юнонӣ пеш аз табибони Ислом фикри худро баён кардаанд, ки гӯшти ин ҳайвон махсус қувваи ҳаёро кам мекунад ва дайюсиро меафзояд. Хӯрдани мурдор низ дар ин шариат барои он манъ карда шудааст, ки мурдор низ хӯрандаро ба ранги худ медарорад ва илова бар ин барои сиҳати инсон низ зарар дорад. Ҳайвоноте, ки вақти мурдан хунашон дурун мемонад, мисли дам гаштани онҳо ва ё бо чӯб баромадани ҷонашон, ин ҳамаи ҳайвонҳо дар ҳақиқат зери ҳукми мурдор меоянд. Оё хуни мурдаҳо дарун истода дар ҳолати аслиаш барқарор мемонад? Албатта не, балки ба сабаби моеъ будани он тез чиркин мешавад ва бо бӯйи бади худ ҳамаи гӯштро вайрон хоҳад кард. Илова бар ин кирмҳои хун, ки аз рӯйи таҳқиқ исбот шудаанд, дар бадани мурда буйи бадро паҳн хоҳанд кард.

## *Ҳолатҳои ахлоқии инсон*

Қисми дуюми ислоҳи Қуръонӣ ин аст, ки ҳолатҳои табиии инсонро бо шароити муносиб вобаста карда, то ба ахлоқи фозила расонда шавад. Бидонед, ки ин қисми бисёр калон аст. Агар мо ин қисмро бо тафсил баён кунем, яъне ҳамаи он ахлоқро, ки дар Қуръони шариф зикр шудаанд, баён кардан хоҳем, пас, ин мазмун он қадар дарозӣ мекашад, ки қисми даҳуми вақти муқарраршударо кифоят нахоҳад кард. Бинобар ин, баъзе ахлоқҳои фозила ба таври намунавӣ баён мекунем.

Акнун бидонед, ки ахлоқ ду хел мешаванд. Аввал ахлоқе, ки ба воситаи он инсон ба тарки бадӣ қодир мешавад. Дуюм ахлоқест, ки ба воситаи он инсон қодир бар расондани хайр мебошад. Мафҳуми тарки шар он ахлоқро дар бар мегирад, ки ба воситаи он инсон кӯшиш мекунад, ки бо забони худ, ё бо дасти худ, ё бо чашми худ, ё бо ягон узви бадани дигари худ молу иззат ва ҷони касро зарар нарасонад ва ё ба зараррасонӣ ва паст задани дараҷааш нийят накунад. Инчунин дар мафҳуми расондани хайр он ахлоқ дохил мешаванд, ки ба воситаи онҳо инсон кӯшиш мекунад, ки ба воситаи забон, даст, мол, илм ва ё бо асбоби дигар молу иззати дигаронро фоида расонда тавонад. Ва ё нийят кунад, ки ҷалолу иззати дигарон қойм шавад. Агар касе бо ӯ зулм карда бошад, аз ҷазоҳое, ки он золим ҳақдори он буд, гузашт кунад ва ба ҳамин тариқ ӯро аз дарду алами баданӣ ва ҷаримаи молӣ маҳфуз монда фоида расонда тавонад ва ё ӯро чунон ҷазо диҳад, ки дар ҳақиқат барои ӯ саросар раҳмат шавад.

## *Ахлоқ оид ба тарки шар*

Акнун бидонед, ки он ахлоқ, ки барои тарки шар Офаридгори ҳақиқӣ муқаррар фармудааст, дар забони арабӣ барои баён намудани ҳамаи фикрҳо, тарзу тариқҳо ва ахлоқ калимаҳои ҷудогона дар худ доранд ва инҳо дорои чор ном мебошанд. Чунончи:

**Хулқи аввал** эҳсон (احصان) номида мешавад ва мурод аз ин калима махсус он покдоманӣ аст, ки бо қувваҳои таносули марду зан алоқаманд аст. Ҳамин тавр муҳсин (محصن) ва ё муҳсина (محصنه) он мард ё занеро гуфта мешавад, ки онҳо аз ҳаромкорӣ ва ё аз асбоби ҳаромкорӣ худдорӣ намуда худро аз ин бадкории нопок, ки натиҷаи он дар ин дунё зиллату лаънат ва дар дунёи дигар азоби охират аст, нигоҳ доранд. Ғайр аз ин барои гуноҳкорон ба ҷузъ аз беобрӯӣ, боз зарари сахт аст. Масалан, шахсе бо зани касе таҷовуз кунад ва ё масалан, зино набошад асбоби зино аз марду зан зоҳир шаванд, пас, беиштибоҳ он марде, ки занаш барои зино розӣ шуда буд ва ё зино ҳам карда буд, зани худро талоқ медиҳад ва агар аз шиками он зан кӯдак таваллуд шавад, тафриқаи бузург рӯ медиҳад. Сардори хона ба сабаби он зани бадзот ҳамаи ҳамин зарарро хоҳад дид.

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки ин хулқ, ки номаш эҳсон (احصان) ё иффат ё покдоманӣ аст, дар он сурат хулқ гуфта мешавад, ки соҳиби ин хулқ қувваи бадназрӣ ва ё бадкорӣ дар худ дошта бошад, яъне қудрати Худованд чунин қувваҳоро ба ӯ дода бошад, ки ба воситаи он гуноҳ карда метавонад. Дар ин сурат аз ин феъли шаниъ

(зишт) худро муҳофизат кунад. Агар ба сабаби кӯдак будан, ё номард, ё зансифат ва ё пири фартут будан ин қувваҳо дар он мавҷуд набошанд, дар ин сурат мо ӯро бо хулқи эҳсон ё иффат мавсуф карда наметавонем. Албатта дар вай як ҳолати табиии иффат ва эҳсон аст, аммо мо борҳо навиштем, ки ҳолатҳои табиӣ ҳеҷ гоҳ хулқ намешаванд, балки он гоҳ дохили хулқ мешаванд, ки зери сояи ақл бар маҳал содир шаванд ва ё қобалияти содир шуданро пайдо кунанд. Ҳамин тавр чӣ хеле, ки ман навиштаам, кӯдакон, номардҳо ва одамоне, ки бо ягон ҳила ва бо хоҳиши худ худашонро номард кардаанд, ҳарчанд дар иффат ва эҳсон зиндагии худро гузаронанд, дорандаи ин хулқ шуда наметавонанд, балки дар ҳар як сурат номи иффат ва эҳсонашон ҳолати табиӣ хоҳад шуд, на ягон номи дигар. Азбаски ин ҳаракатҳои нопок ва сабабҳояш мисли мард аз занҳо низ содир шуда метавонанд, бинобар ҳамин, дар каломи поки Худо барои ҳарду марду зан ин таълим омадааст:

قُلْ لِّلْمُؤْمِنِيْنَ يَغُضُّوْا مِنْ اَبْصَارِهِمْ
وَيَحْفَظُوْا فُرُوْجَهُمْ ؕ ذٰلِكَ اَزْكٰى لَهُمْ ؕ [49]
وَقُلْ لِّلْمُؤْمِنٰتِ يَغْضُضْنَ مِنْ اَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوْجَهُنَّ
وَلَا يُبْدِيْنَ زِيْنَتَهُنَّ اِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ
بِخُمُرِهِنَّ عَلٰى جُيُوْبِهِنَّ ۖ …… وَلَا يَضْرِبْنَ بِاَرْجُلِهِنَّ
لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِيْنَ مِنْ زِيْنَتِهِنَّ ؕ وَتُوْبُوْٓا اِلَى اللّٰهِ
جَمِيْعًا اَيُّهَ الْمُؤْمِنُوْنَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُوْنَ ﴿٣٢﴾ [50]

[49] سورة النور :31

[50] سورة النور :32

وَلَا تَقۡرَبُوا۟ ٱلزِّنَىٰٓۖ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةٗ وَسَآءَ سَبِيلٗا ﴿٣٢﴾[51]

وَلۡيَسۡتَعۡفِفِ ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا[52]

وَرَهۡبَانِيَّةً ٱبۡتَدَعُوهَا مَا كَتَبۡنَٰهَا عَلَيۡهِمۡ ... فَمَا

رَعَوۡهَا حَقَّ رِعَايَتِهَاۖ[53]

Яъне аз муъминон мардҳоро бигӯ, ки чашмҳои худро аз дидани занҳои номаҳрам худдорӣ намоянд ва занҳоро ошкоро набинанд, ки маҳалли шаҳват шуда тавонад. Дар чунин ҳолат нигоҳи хобидаро одат кунанд ва ҷойи сатри худро то ҳадди имкон ҳифз кунанд. Инчунин гӯшҳои худро аз номаҳрамон боз доранд, яъне сурудхонию хушхонии занҳои бегона гӯш накунанд. Қиссаҳои ҳусни онҳоро гӯш накунанд. Ин роҳи беҳтарин барои покназар ва покдил мондан аст. Ҳамин тариқ, ба занҳои имондор низ бигӯ, ки онҳо низ чашмҳои худро аз дидани мардҳои номаҳрам худдорӣ кунанд ва гӯшҳои худро низ аз номаҳрамҳо маҳфуз монанд, яъне овози шаҳватангези онҳоро гӯш накунанд ва ҷойи сатри худро нигоҳ дошта бошанд ва узвҳои зинати худро пеши ягон номаҳрам накушоянд ва чодарҳои худро чунон ба сар гиранд, ки аз гиребон гузашта боз ба сар оянд, яъне гиребон, ҳар ду гӯшҳо, сар ва чакка пушти чодари сатр шаванд. Пойҳои худро мисли раққосаҳо ба замин назананд. Ин тадбирест, ки риояи он аз лағзишу гумроҳӣ ҳифз карда метавонад.

[51] 33: بنی اسرائیل

[52] 34: سورة النور

[53] 28: سورة الحديد

Роҳи дуюм барои эмин мондан ин аст, ки ба тарафи Худо руҷӯъ ва аз Ӯ дуо бояд кард, то Худо аз лағзиш маҳфуз монад ва наҷот диҳад. Назди зино нашавед, яъне аз он маросимҳо низ дур шавед, ки аз онҳо дар дил хаёли зино пайдо шуда тавонад ва он роҳҳоро ихтиёр накунед, ки аз онҳо андешаи вуқӯи гуноҳ шавад. Касе ки зинокорӣ мекунад, бадиро ба авҷи худ мерасонад. Роҳи зино бисёр зишт аст, яъне аз манзили мақсуд боз медорад ва барои манзили охирини шумо хатари сахт дорад. Ба касе, ки никоҳ муяссар нашавад, бояд иффати худро бо роҳҳои дигар муҳофизат кунад. Масалан, рӯза гирад, ё кам хӯрад, ё бо қуввaҳои худ корҳои вазнин кунад. Баъзеҳо барои накардани никоҳ роҳҳои дигар эҷод кардаанд ва ё худро иннин (номард) мекунанд ва ё раҳбониятро интихоб мекунанд, аммо Мо бар инсон ин амр фарз накардаем. Бинобар ин, онҳо ин бидъатҳоро ба анҷом расонида натавонистанд. Фармони Худо, ки ҳукми Мо ин нест, ки мардум иннин шаванд, ин ишора ба ин тараф аст, ки агар ин ҳукми Худо мешуд, пас, ҳамаи мардум бояд бар ин ҳукм амал мекарданд ва дар натиҷа насли бани одам қатъ шуда кайҳо аз дунё нест мешуд. Ғайр аз ин агар касе ба ин тавр иффат ҳосил кунад, ки узви мардонаро бурад, пас, дар асл ӯ эътироз бар Сонеи ҳақиқӣ мекунад, ки ин узвро офаридааст. Савоби ҳақиқӣ дар ин мебошад, ки инсон як қувва дошта бошад, пас дар натиҷаи тарси Худо эҳсосоти бади он қувваро зер кунад ва аз истеъмоли фоиданоки он истифода бурда савоби дутарафа гирад. Аз ин мебояд, ки дар натиҷаи нест кардани чунин узв аз ҳар ду тарзи савоб маҳрум мемонад. Эҳсосоти мухолиф доштан ва бар муқобили ӯ баромадан савоб аст, аммо касе кӯдак барин он кувваро гум кардааст, ӯ чӣ савоб мегирад? Оё кӯдак савоби иффати худро мегирад?

### *Панҷ намуд табобат барои ҳифзи иффат*

Дар ин оятҳо натанҳо Худованд барои ҳосил намудани хулқи эҳсон (احصان), яъне иффат, таълими беҳтарин додааст, балки барои покдоман мондан инсонро панҷ навъ табобат низ гуфтааст 1. Боздоштани нигоҳи худ ба афтидани занҳои номаҳрам; 2. Нигоҳ доштани гӯшҳо аз шунидани овози занони номаҳрам; 3. Гӯш накардани қиссаҳои номаҳрамон; 4. Боздоштани худро аз ҳамаи он маросиме, ки ба сабаби онҳо падид омадани ин зишткорӣ эҳтимол дошта бошад; 5. Дар сурати никоҳ нашудан гирифтани рӯза ва ғайра.

Дар ин ҷо мо бо даъвои комил мегӯем, ки ин таълими олимартабаи Қуръон бо ҳамаи тадбирҳо танҳо дар дини Ислом аст. Дар ин ҷо як нукта бояд дар хотир монд. Азбаски он ҳолати табиии инсон, ки манбаи шаҳват аст ва инсон аз он бе тағйири комил ҷудо шуда наметавонад, ҳамин аст, ки эҳсосоти шаҳвати ӯ хоҳ нохоҳ бар вақти маҳал ва мавқеъ ҷӯш мезананд, ё ин хел гӯед, ки дучори хатари сахт мешаванд, бинобар ҳамин, Худованд моро ин таълим надодааст, ки мо занҳои номаҳрамро озод бубинем ва бар ҳамаи **зинатҳои** онҳо назар бияфканем ва ҳамаи ҳаракатҳои онҳо монанди рақс ва ғайраро тамошо бикунем, аммо бо хаёли пок бинем. Ҳамин тавр Худо моро ин таълим низ надодааст, ки мо сурудҳои ин занҳои бегонаро гӯш кунем ва қиссаҳои ҳусни онҳо низ гӯш кунем, аммо бо фикри пок гӯш кунем, балки моро таъкид кардааст, ки мо занҳои номаҳрамро ва ҷойи зинатҳояшонро тамоман набинем. На бо назари пок ва на бо назари нопок, балки мо бояд аз шунидану диданашон мисли мурдор нафрат кунем, то дучори лағзиш

нашавем, зеро лозим аст, ки бо чашмҳои беқайд гоҳе лағзиш пеш меояд. Азбаски Худо мехоҳад, ки чашмҳои мо, дилҳои мо ва хатарҳои мо ҳама пок истанд, банобар ҳамин, Ӯ ин таълими олирутба додааст. Оид ба ин иштибоҳе нест, ки беқайдӣ сабаби лағзиш мешавад. Агар мо пеши як саги гурусна нони гарму нарм монем ва боз умед кунем, ки дар дили ин саг нисбат ба нон хаёл ҳам нахоҳад омад, пас мо дар андешаи худ ғалат ҳастем. Бинобар ҳамин Худо хост, ки қувваҳои нафсониро барои корҳои махфӣ фурсате ҳам муяссар наояд ва ягон мавқеъ пеш наояд, ки ба он хатарҳои бад ҷунбиш кунанд.

Ҳамин фалсафа ва ҳидояти шаръии сатри исломӣ мебошад. Дар китоби Худо мурод аз сатр ин нест, ки танҳо занҳо монанди зиндониҳо маҳбус карда шаванд. Ин фикри он нодонҳо аст, ки аз тариқҳои исломӣ бехабаранд, балки мақсад ин буд, ки зану мардро аз озодназарӣ ва нишон додани **зинатҳои** худ манъ карда шавад, зеро танҳо дар ин сурат барои марду зан хайр аст. Хулоса, бидонед, ки баъд аз нигоҳи хобида ба ғайри маҳал худро маҳфуз мондан ва чизҳои дигари ҷоизро нигоҳ кардан дар забони арабӣ “ғаззи басар” (غضّ بصر) номида мешавад. Ҳар як парҳезкор, ки дили худро пок нигоҳ доштан мехоҳад, набояд ин тавр кунад, ки мисли ҳайвонҳо кадом тараф хоҳад, бинад, балки барои ӯ дар зиндагонии тамаддунӣ одати ғаззи басар ҳатмист. Ба воситаи ин одати муборакаш ҳолати табиии вай як хулқи калон шуда мебарояд ва дар ҳолатҳои тамаддунии ӯ низ халале пайдо нахоҳад шуд. Ҳамин хулқест, ки онро эҳсон ва иффат мегӯянд.

**Қисми дуюм** аз қисмҳои тарки шар хулқест, ки онро амонат ва диёнат (ҳалолкорӣ) мегӯянд, яъне ба молу мулки дигар кас аз рӯйи фасод ва нийяти бад соҳиб нашудан ва инчунин онро зарар нарасонданро амонат ва диёнат мегӯянд. Бидонед, ки диёнат ва амонат яке аз ҳолатҳои табиии инсон мебошад. Ба ҳамин сабаб як кӯдаки ширхора, ки дар ҳолати хурдсолӣ ва содагии худ мебошад ва ба сабаби хурдсолӣ ҳоло аз одатҳои бад бехабар аст, ончунон аз чизҳои дигар нафрат мекунад, ки шири зани дигар низ бо сад азоб мехӯрад. Агар дар замони беҳушӣ ягон доя таъйин карда нашавад, пас дар замони ҳушдорӣ шири дигар кас нӯшондан бениҳоят мушкил мешавад ва бар ҷони худ азоб мекашад ва мумкин аст, ки бо ҳамин азоб қариб ба мурдан расад, аммо аз шири зани дигар ба таври худ безор аст. Сирри ҳамин қадар нафтар чӣ бошад? Албатта ҳамин аст, ки табъаш безор аст, ки модарро гузошта руҷӯъ ба чизи дигар кунад. Акнун вақте мо ин одати кӯдакро ҷиддӣ фикр карда диққат диҳем ва ба ҳамин тариқ то ба ҳақиқати ҳамин одат бирасем, пас, ошкоро мебинем, ки ин одати нафрат аз чизи дигарон дар ҳақиқат решаи диёнат ва амонат аст. Дар хулқи диёнат касе то он вақт ростбоз шуда наметавонад, ки монанди кӯдак дар дили худ оид ба молу мулки дигар нафрати ҳақиқӣ пайдо накунад, аммо кӯдак ба сабаби нодонии худ ин одатро дар вақташ истифода намекунад ва бисёр мушкилҳоро ба души худ мегирад. Бинобар ҳамин, одати он кӯдак танҳо як одати табиӣ ҳисобида мешавад, ки онро беихтиёр нишон медиҳад ва ба ҳамин сабаб ин амалҳо дар хулқи ӯ дохил шуда наметавонанд, ҳарчанд дар сиришти инсон решаи хулқи амонату диёнат ҳамон аст. Чӣ хеле, ки кӯдак дар натиҷаи ин ҳаракату амалҳо диндор ва амин номида намешавад, ҳамин хел, шахсе низ дорандаи ин хулқ намешавад, ки ин ҳолати табииро дар

вақташ истифода намекунад. Амин ва диёнатдор шудан як чизи нозук аст. То вақте, ки инсон ҳар як паҳлуи онро ба ҷо наоварад, амин ва диёнатдор шуда наметавонад. Худои таоло дар оятҳои зайл роҳи амонатро нишон додааст ва он роҳи амонат ин аст:

وَلَا تُؤْتُوا السُّفَهَآءَ اَمْوَالَكُمُ الَّتِيْ جَعَلَ اللّٰهُ لَكُمْ قِيٰمًا وَّارْزُقُوْهُمْ فِيْهَا
وَاكْسُوْهُمْ وَقُوْلُوْا لَهُمْ قَوْلًا مَّعْرُوْفًا ۝٦ وَابْتَلُوا الْيَتٰمٰى
حَتّٰٓى اِذَا بَلَغُوا النِّكَاحَ ۚ فَاِنْ اٰنَسْتُمْ مِّنْهُمْ رُشْدًا فَادْفَعُوْٓا اِلَيْهِمْ
اَمْوَالَهُمْ ۚ وَلَا تَاْكُلُوْهَآ اِسْرَافًا وَّبِدَارًا اَنْ يَّكْبَرُوْا ۗ وَمَنْ كَانَ غَنِيًّا فَلْيَسْتَعْفِفْ ۚ
وَمَنْ كَانَ فَقِيْرًا فَلْيَاْكُلْ بِالْمَعْرُوْفِ ۗ
فَاِذَا دَفَعْتُمْ اِلَيْهِمْ اَمْوَالَهُمْ فَاَشْهِدُوْا عَلَيْهِمْ ۗ
وَكَفٰى بِاللّٰهِ حَسِيْبًا ۝٧ [54]

وَلْيَخْشَ الَّذِيْنَ لَوْ تَرَكُوْا مِنْ خَلْفِهِمْ ذُرِّيَّةً ضِعٰفًا خَافُوْا
عَلَيْهِمْ ۖ فَلْيَتَّقُوا اللّٰهَ وَلْيَقُوْلُوْا قَوْلًا سَدِيْدًا ۝١٠ اِنَّ الَّذِيْنَ
يَاْكُلُوْنَ اَمْوَالَ الْيَتٰمٰى ظُلْمًا اِنَّمَا يَاْكُلُوْنَ فِيْ بُطُوْنِهِمْ نَارًا ۗ
وَسَيَصْلَوْنَ سَعِيْرًا ۝١١ [55]

Тарҷума. Яъне агар дар миёни шумо сарватмандест, ки ақли саҳеҳ надорад, масалан, ятим ё хурдсол аст ва андеша аст, ки ӯ моли худро ба сабаби нодонии худ харҷ хоҳад кард, он гоҳ шумо (ба унвони амин) он ҳамаи молро, ки силсилаи тиҷорат ва маишат ба

[54] سورة النساء: 6-7

[55] سورة النساء: 10-11

он такя мекунад, ба дасти ин нодон надиҳед ва аз он мол ба қадри лозим барои хӯрду хӯрок ва либос онҳоро диҳед ва дар баробари ин онҳоро суханҳои нек гуфтан гиред, яъне суханҳое, ки ба сабаби он ақлу тамизи онҳо зиёд шавад ва як намуд тарбияи онҳо шавад ва ҷоҳилу нотаҷриба намонанд. Агар онҳо авлоди тоҷир бошанд, пас онҳоро усули тиҷорат ёд дода шаванд ва агар касе кори дигар карда бошад, пас онҳоро ба нисбати он кор моҳирона омӯзонда шавад. Хулоса, онҳоро таълим дода шавад ва гоҳ-гоҳ имтиҳони он таълим низ гирифта шавад, ки он чӣ шумо омӯзондед, оё ёд гирифтаанд ё не? Баъд калон шуда сазовори ақди никоҳ шаванд, яъне умрашон то ба 18 бирасад ва мушоҳида кунед, ки барои интизоми молу мулки худ ақл пайдо кардаанд, пас, моли онҳо ба онҳо диҳед. Ва аз рӯйи исроф моли онҳоро харҷ накунед ва на аз ин амр тарсида, ки онҳо калон шуда моли худро соҳиб хоҳанд шуд, тез-тез ва барои зарар расондан моли онҳо харҷ кунед. Агар касе аллакай сарватманд аст, набояд аз молу мулки онҳо ҳаққи хидмат гирад, аммо одами муҳтоҷ ба қадри эҳтиёҷ андак гирифта метавонад.

Дар Арабистон ин тариқ барои посбонҳои моли ятимҳо машҳуру маъруф буд, ки агар касе аз моли ятимҳо гирифтан мехост, қоидаи гирифтани моли ӯ ҳамин мебуд, ки аз фоидаи тиҷорате, ки аз моли ятим мешуд, мегирифт ва ба моли ҳақиқии он ятим даст намерасонд, яъне раъсулмолро барбод намекард. Пас, ба ҳамин одат ишора аст, ки шумо низ ҳамин тавр кунед. Боз фармуд, ки вақте шумо моли ятимҳоро гардондан мехоҳед, дар ҳузури гувоҳҳо баргардонед. Ва он шахсе, ки қариби марг шавад ва авлоди ӯ ҳоло хурдсол бошад, пас ӯ набояд чунин васият кунад, ки ҳаққи кӯдаконаш надода шавад. Онҳое, ки моли ятимро ин тавр мехӯранд,

ки бар ятим зулм шавад, онҳо мол не, балки оташ мехӯранд ва анҷоми кор дар оташ партофта хоҳанд шуд.

Акнун бубинед, ки Худованд чӣ қадар паҳлуҳои амонат ва диёнатро нишон додааст. Пас, диёнат ва амонати ҳақиқӣ он мебошад, ки аз ҷиҳати ҳамаҷониба рост барояд. Агар дар амонатдорӣ ақли пурра истифода карда нашавад, пас, чунин диёнат ва амонат бисёр хиёнатҳоро ҳамроҳи худ дорад. Чунончи Худо мефармояд:

وَلَا تَأْكُلُوٓا أَمْوَالَكُمْ بَيْنَكُمْ بِالْبَاطِلِ وَتُدْلُوا بِهَآ إِلَى الْحُكَّامِ
لِتَأْكُلُوا فَرِيقًا مِّنْ أَمْوَالِ النَّاسِ بِالْإِثْمِ وَأَنْتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١٨٩﴾ [56]

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُكُمْ أَنْ تُؤَدُّوا الْأَمَانَاتِ إِلَىٰٓ أَهْلِهَا [57]

إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ الْخَآئِنِينَ ﴿٥٩﴾ [58]

وَأَوْفُوا الْكَيْلَ إِذَا كِلْتُمْ وَزِنُوا بِالْقِسْطَاسِ الْمُسْتَقِيمِ [59]

وَلَا تَبْخَسُوا النَّاسَ أَشْيَآءَهُمْ [60]

وَلَا تَعْثَوْا فِي الْأَرْضِ مُفْسِدِينَ ﴿٦١﴾ [61]

---

[56] 189: سورة البقرة

[57] 59: سورة النساء

[58] 59: سورة الانفال

[59] 36: سورة بنی اسرائیل

[60] 86: سورة الاعراف

[61] 61: سورة البقرة

وَلَا تَتَبَدَّلُوا الْخَبِيثَ بِالطَّيِّبِ ۖ [62]

Яъне дар байни худ моли касро ба таври ноҷоиз нахӯред ва на моли худро ба таври ришва то ба ҳокимон диҳед, то ки бо кумаки ҳукком молҳои дигаронро соҳиб шавед. Амонатҳоро ба ҳақдорони ҳақиқӣ бирасонед. Худо дӯсти хиёнаткор намешавад. Чун баркашед, бо инсоф баркашед ва бо тарозуи дуруст вазн кунед ва бо ягон ҳила моли мардумро зарар нарасонед ва дар замин нийяти фасод дошта нагардед, яъне чунин нийят дошта, ки дуздӣ кунем ва ё рабудани чизе ва ё кисаи касеро задан ва ё бо ҳилаи дигар моли касеро соҳиб шавем. Боз фармуд, ки ба ивази чизҳои хуб чизҳои бад набояд диҳед, яъне чӣ тавре, ки моли бегонаро соҳиб шудан ноҷоиз аст, ҳамин тавр чизҳои айбдор фурӯхтан ва ё дар ивази чизи хуб чизи бад додан низ ноҷоиз аст.

Дар ҳамаи ин оятҳо Худован ҳамаи роҳҳои баддиёнатиро зикр фармудааст ва чунон зикри комил фармуд, ки ягон баддиёнатӣ аз ин берун намонад. Дар ин ҷо танҳо зикри ҳамин нест, ки ту дуздӣ накун мабодо нодоне гумон кунад, ки дуздӣ бароям ҳаром аст, вале дигар ҳамаи роҳҳои ноҷоиз ҳалоланд. Ба ин калимаи ҷомеъ ҳамаи роҳҳои ноҷоизро ҳаром гуфтан дар асл ҳикматбаёнӣ аст. Хулоса, агар касе бо чунин басират (нозукиҳо) дорандаи хулқи амонат ва диёнат набошад ва ҳамаи ин паҳлуҳоро риоя накунад, он кас агар дар баъзе ҷо диёнат ва амонатро нишон ҳам диҳад, ин феълаш дохили хулқи диёнат дониста намешавад, балки як ҳолати табиӣ хоҳад шуд, ки холӣ аз тамизи ақлӣ ва басират аст.

---

[62] سورة النساء :3

**Қисми сеюм** аз қисмҳои тарки шар он хулқ аст, ки ба забони арабӣ “ҳудна” (هُدنه) ва “ҳавн” (هَون) мегӯянд, яъне касеро аз роҳи зулм озори ҷисмонӣ нарасондан, инсони бешар шудан ва зиндагиро бо сулҳкорӣ гузарондан. Албатта сулҳкорӣ хулқи дараҷаи аълост ва барои инсоният ҳатмист. Монанди ин қувва, қувваи табиие, ки дар кӯдак вуҷуд дорад ва дар натиҷаи таъдили он (дуруст кардани он) ин хулқ ба вуҷуд меояд, ин улфат, яъне хӯ гирифтан аст. Медонем, ки инсон танҳо дар ҳолати табиӣ, яъне дар он ҳолате, ки инсон аз ақл ҳолӣ аст, мазмуни сулҳро фаҳмида наметавонад ва ҳамин тавр мазмуни ҷангро низ намефаҳмад. Дар ин ҳолат одати созгорӣ дар ӯ вуҷуд дорад, ки ҳамон решаи сулҳҷӯӣ аст. Аммо азбаски бо ақлу тадаббур ва иродаи хос ин одат ихтиёр карда намешавад, бинобар ҳамин ба хулқ дохил нахоҳад шуд, балки ҳамон вақт дохили хулқ мешавад, ки инсон бо ирода худро бешар сохта, хулқи сулҳкориро дар вақташ истифода намояд ва аз корбурди бемаҳал худдорӣ кунад. Дар ин хусус таълими Худои азза ва ҷалл ин аст:

وَأَصْلِحُوا ذَاتَ بَيْنِكُمْ ۖ [63]

وَالصُّلْحُ خَيْرٌ ۗ [64]

وَإِن جَنَحُوا لِلسَّلْمِ فَاجْنَحْ لَهَا [65]

وَعِبَادُ الرَّحْمَٰنِ الَّذِينَ يَمْشُونَ عَلَى الْأَرْضِ هَوْنًا [66]

---

[63] 2: سورة الانفال

[64] 129: سورة النساء

[65] 62: سورة الانفال

[66] 64: سورة الفرقان

وَإِذَا مَرُّوا بِاللَّغْوِ مَرُّوا كِرَامًا ﴿٧٢﴾[67]

ٱدْفَعْ بِٱلَّتِى هِىَ أَحْسَنُ فَإِذَا ٱلَّذِى بَيْنَكَ وَبَيْنَهُۥ عَدَٰوَةٌ كَأَنَّهُۥ وَلِىٌّ حَمِيمٌ ﴿٣٤﴾[68]

Яъне боҳам сулҳкориро интихоб намоед. Дар сулҳ хайр аст. Чун онҳо майл ба сулҳ кунанд, шумо низ сулҳ кунед. Бандагони некӯи Худо бар замин бо сулҳ роҳ мегарданд. Ва агар аз касе гапи лағв шунаванд, ки муқаддимаи ҷангу ҷанҷол бошад, онро диққат надода бузургвор мераванд ва ба суханҳои одӣ ҷанҷол сар намекунанд, яъне то вақте, ки ранҷи бисёр накашанд, овоз бардоштанро хуб намедонанд ва дар ҳақиқат маҳалшиносии сулҳкорӣ ҳамин усул дорад, ки гапҳои майда-майдаро дар хотир наорем ва бубахшем. Калимаи "лағв", ки дар ин оят омадааст. Бидонед, ки ба забони арабӣ лағв он ҳаракатро гуфта мешавад, ки масалан шахсе аз рӯйи бадкирдорӣ ёвагӯӣ кунад, ё бо ниййати зарар расондан чунин коре аз ӯ содир шавад, ки дар асл дар натиҷаи он гап ё кор зарари сахт намерасад. Пас, аломати сулҳкорӣ ин аст, ки аз чунин ҳарза ва ғамдиҳӣ чашмпӯшӣ кунем ва сирати бузургона ба амал орем, аммо агар зарраррасонӣ натанҳо лағв бошад, балки дар ҳақиқат аз ӯ ҷону мол ва иззати касе зарар бинад, пас, хулқи сулҳкорӣ бо он алоқа надорад, балки агар чунин гуноҳро бахшида шавад, пас, чунин хулқ "афв" номида мешавад, ки зикраш иншоАллоҳ баъд аз ин хоҳем кард. Боз Худои таоло фармуд, ки касе аз рӯйи бадкирдорӣ ҳарза бигӯяд, шумо бо роҳи нек ва бо

[67] 73: سورة الفرقان

[68] 35: سورة حم السجدة

сулҳкорӣ ӯро ҷавоб диҳед. Дар натиҷаи ин хубӣ душман низ дӯст хоҳад шуд. Хулоса, истеъмоли сулҳкорӣ то он вақт аст, ки бадии касе то он дараҷа бошад, ки аз он зарар набинем. Танҳо ҳарзаву сафсата ва беҳудагӯии душман бошад.

Қисми чаҳорум аз қисмҳои тарки шар хулқи **рифқ** (меҳрубонӣ) ва **қавли ҳусн** (гуфтори нек) аст ва он ҳолати табиӣ, ки ин хулқ аз он пайдо шудааст, номаш “талоқат” (طلاقت), яъне кушодарӯй аст. Кӯдак то вақте, ки гап зада натавонад, ба ивази рифқ ва қавли ҳусн талоқатро нишон медиҳад. Ҳамин далел бар ин аст, ки решаи рифқ, ки аз он ин шох пайдо мешавад, талоқат аст. Талоқат як қувва ва рифқ як хулқ мебошад, ки дар натиҷаи ин қувваро бар маҳал ва мавқеъ истифода намудан пайдо мешавад. Оид ба ин, таълими Худованд чунин аст:

وَقُوْلُوْا لِلنَّاسِ حُسْنًا[69]

لَا يَسْخَرْ قَوْمٌ مِّنْ قَوْمٍ عَسٰٓى اَنْ يَّكُوْنُوْا خَيْرًا مِّنْهُمْ وَلَا نِسَآءٌ

مِّنْ نِّسَآءٍ عَسٰٓى اَنْ يَّكُنَّ خَيْرًا مِّنْهُنَّ ۚ وَلَا تَلْمِزُوْٓا

اَنْفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوْا بِالْاَلْقَابِ ۗ [70]

اجْتَنِبُوْا كَثِيْرًا مِّنَ الظَّنِّ ۖ اِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ اِثْمٌ وَّلَا تَجَسَّسُوْا وَلَا يَغْتَبْ

بَّعْضُكُمْ بَعْضًا ۗ اَيُحِبُّ اَحَدُكُمْ اَنْ يَّأْكُلَ لَحْمَ اَخِيْهِ مَيْتًا فَكَرِهْتُمُوْهُ ۗ

وَاتَّقُوا اللّٰهَ ۗ اِنَّ اللّٰهَ تَوَّابٌ رَّحِيْمٌ ﴿١٣﴾[71]

---

[69] 84: سورة البقرة

[70] 12: سورة الحجرات

[71] 13: سورة الحجرات

وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۚ إِنَّ ٱلسَّمْعَ وَٱلْبَصَرَ
وَٱلْفُؤَادَ كُلُّ أُولَٰٓئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْـُٔولًا ﴿٣٦﴾[72]

Яъне ба мардум сухане бигӯед, ки дар ҳақиқат некӯ бошад. Қавме ба қавми дигар масхарабозӣ накунад, шояд тамасхуршавандагон хубтар бошанд. Занҳо ба занҳо тамасхур накунанд, шояд ҳамон тамасхуршавандагон хуб бошанд. Ба касе айб назанед. Ба мардуми худ номҳои зишт намонед. Суханони бадгумон накунед ва айбҳои пӯшидаро ҷустуҷӯ карда напурсед. Гилаи як дигар накунед. Ба нисбати касе туҳмат ва маломат назанед, ки исбот карда натавонед ва бидонед, ки ҳар як узв пурсида хоҳад шуд. Аз ҳар як узв монанди гӯш, чашм ва дил пурсида хоҳад шуд.

## *Қисмҳои исоли хайр (некӣ расондан)*

Акнун қисмҳои тарки шар ба поён расиданд ва минбаъд қисмҳои исоли хайрро (яъне ба дигарон чӣ тавр некӣ хоҳад расонд) зикр мекунем. Қисми дуюми ахлоқ ба исоли хайр алоқаманд мебошад.

Хулқи аввалаш афв аст, яъне гуноҳи касеро бахшидан. Дар ин маврид исоли хайр ин аст, ки гуноҳкор зарар мерасонад ва сазовор аст, ки ӯро низ зарар расонда шавад, ҷазо дода шавад, маҳкам кунонда шавад, ҷарима кунонда шавад ва ё бар ӯ даст

[72] 37: سورة بنى اسرائيل

бардошта шавад. Бо вуҷуди ҳамаи ин чизҳо агар ӯро бахшидан дуруст бошад, бахшидани ӯ исоли хайр мешавад. Дар ин бора таълими Қуръон чунин аст:

وَالْكٰظِمِيْنَ الْغَيْظَ وَالْعَافِيْنَ عَنِ النَّاسِ ۭ [73]
وَجَزٰۗؤُا سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِّثْلُهَا ۚ فَمَنْ
عَفَا وَاَصْلَحَ فَاَجْرُهٗ عَلَي اللّٰهِ ۭ [74]

Яъне накӯкор онҳо ҳастанд, ки қаҳри худро дар вақти фурӯ бурдан фурӯ мебаранд ва дар вақти бахшидан гуноҳро мебахшанд. Ҷазои бадӣ ба қадри бадӣ аст, аммо касе ба он сабаб гуноҳро бубахшад, ки мӯҷиби ислоҳ бошад ва ҳеҷ шар пайдо нашавад, яъне бар маҳалли афв бошад, пас, ӯ мукофоти онро ҳатман хоҳад гирифт.

Аз ин оят равшан аст, ки таълими Қурони карим ин нест, ки бар мқобили ҳар намуд шар ва ҳар маврид баромада нашавад ва шарирону золимонро ҷазо дода нашавад, балки таълим ин тавр аст, ки бояд нигоҳ карда шавад, ки оё мавқеъ ва маҳалли бахшидани гуноҳ аст ва ё ҷазо додан аст? Сипас, кадом роҳ дар ҳаққи гуноҳкор ва халқи омма беҳтар бошад, ҳамон суратро пеш гирифта шавад. Баъзе вақт гуноҳкоре дар натиҷаи бахшидани гуноҳаш тавба мекунад ва баъзе вақт муҷриме ба бахшидани гуноҳаш бар гуноҳ далертар мешавад. Бинобар ҳамин Худо фармудааст, ки **нобино барин одати бахшидани ҳар як гуноҳ накунед**, балки фикру

[73] 135: سورة آل عمران

[74] 41: سورة الشوري

таммул кунед, ки некии ҳақиқӣ дар чист? Оё дар бахшидан аст ё дар ҷазо додан аст? Баъд кадом коре, ки мувофиқи мавқеъ ва маҳал бошад, онро анҷом диҳед. Мушоҳидаи мардум ба мо ошкор мекунад, ки чӣ хеле, ки баъзе одам ҳарис бар кинакашӣ мебошанд, ҳатто кинаи авлодиро дар хотир нақш мебанданд, инчунин баъзе мардум одати афву даргузарро ба интиҳо мерасонанд ва басо аз зиёдатии ин одат ҳолат ба даюсӣ мерасад ва чунон қобили шарм ҳилм, авф ва даргузар аз чунин одамон содар мешавад, ки саросар бар хилофи ғайрат ва иффат мебошанд, балки доғ бар кирдори нек аст. Натиҷаи чунин авф ва даргузар ин мебарояд, ки мардум вой бар ҳолаш мехонанд. Ба сабаби ҳамин харобиҳо Қуръони шариф барои ҳар як хулқ шарти мавқеъ ва маҳал мондааст ва чунин хулқро қабул надорад, ки бемавқеъ бошад.

Бидонед, ки афви холиро хулқ гуфта намешавад, балки он як қувваи табиӣ аст, ки дар кӯдакон низ мавҷуд аст. Кӯдак аз дасти касе зарар бинад, хоҳ он зарар аз роҳи шарорат бошад, баъди андак он қиссаро фаромӯш карда пеши ӯ бо эҳсосоти муҳаббат меравад ва агар он шахс ирода ба қатли ӯ ҳам дошта бошад, ба як гапи хуш хурсанд мешавад. Пас, чунин афв ҳеҷгоҳ ба хулқ дохил нахоҳад шуд. Ба хулқ он гоҳ дохил мешавад, ки мо бар мавқеъ ва дар вақташ онро истифода кунем, вагарна танҳо як қувваи табиӣ аст. Дар дунё хеле кам одамонанд, ки байни хулқ ва қувваи табиӣ фарқ карда метавонанд. Мо бо такрор гуфтаем, ки фарқ байни хулқи ҳақиқӣ ва ҳолатҳои табиӣ ин аст, ки хулқ ҳамеша мавқеъ ва маҳалро дар худ дорад ва қувваи табиӣ бемаҳал зоҳир мешавад. Агар ҳайвонҳоро бинем, гов як ҳайвони бешар аст ва буз низ дили мискин дорад, аммо мо ба ин хотир онҳоро дорандаи ин хулқҳо гуфта

наметавонем, зеро инҳоро ақли мавқеъ ва маҳалшиносӣ нест. Ҳикмати Худо ва китоби росту комили Худо бо ҳар як хулқ шарти мавқеъ ва маҳал мондааст.

**Хулқи дувум** аз ахлоқи исоли хайр **адл** мебошад, сеюм **эҳсон** ва чаҳорум **итои зилқурбо** (ёрӣ расондан ба хешу таборон) аст. Чӣ хеле, ки Худованд мефармояд:

إِنَّ ٱللَّهَ يَأۡمُرُ بِٱلۡعَدۡلِ وَٱلۡإِحۡسَٰنِ وَإِيتَآيِٕ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ
وَيَنۡهَىٰ عَنِ ٱلۡفَحۡشَآءِ وَٱلۡمُنكَرِ وَٱلۡبَغۡيِۚ [75]

Яъне фармони Худо аст, ки дар муқобили хубӣ, хубӣ кунед ва агар болотар аз адл мавқеъ ва маҳалли эҳсон бошад, он гоҳ эҳсон кунед ва агар аз эҳсон зиёдтар бар мавқеъ ва маҳал монанди хешҳо неки кардан ба майли табиӣ аст, он гоҳ бо ҳамдардии табиӣ некӣ кунед ва Худо аз ин амр манъ мекунад, ки шумо аз миёнаравӣ гузаред, ё дар бораи эҳсон ҳолати мункирона аз шумо ба амал ояд, ки ақл аз он ҳолат инкор кунад, яъне ин ки шумо бемаҳал эҳсон кунед ва ё бар маҳал эҳсон накунед. Ё ин ки бар вақти итои зилқурбо аз хулқ камӣ ихтиёр кунед ва ё аз ҳад зиёд раҳм кунед. Дар ин оя се дараҷаи исоли хайр зикр шудаанд.

**Аввал** ин, ки дар муқобили некӣ бояд некӣ карда шавад. Ин дараҷаи камтар аст ва як одами нармдил низ метавонад, ки ноили ин хулқ шавад, ки ба хубикунандагони худ хубӣ кунад.

---

[75] سورة النحل :91

**Марҳилаи дувум** аз ин мушкилтар аст ва он аввал некӣ кардан аст ва бидуни ҳаққи касе ба таври эҳсон ӯро баҳра расонда шавад. Ин хулқ бар дараҷаи миёна қарор дорад. Бисёри мардум бар камбағалон эҳсон мекунанд ва дар эҳсон ҳамин айби пинҳонӣ вуҷуд дорад, ки эҳсонкунанда фикр мекунад, ки ман эҳсон кардаам ва ҳеҷ набошад дар ивази эҳсони худ калимаи раҳмат ва ё дуои нек дар ҳаққи худ гӯш кардан мехоҳад ва агар ягон миннатдораш мухолифи ӯ шавад, пас ӯро эҳсонфаромӯш меномад. Гоҳе ба сабаби эҳсони худ бар дӯши ӯ бор меорад ва эҳсони худро ба ӯ хотиррасон мекунонад. Бинобар ҳамин ба хотири танбеҳ додан Худо муҳсинҳоро мефармояд:

لَا تُبْطِلُوا صَدَقَاتِكُم بِالْمَنِّ وَالْأَذَىٰ [76]

Яъне эй эҳсонкунандагон, садақоти худро, ки асосашон бояд бар сидқ бошад, бо ёдоварии эҳсон ва бо ғам додан вайрон накунед, яъне калимаи садақа аз сидқ баромадааст, бинобар ин агар дар дил сидқ ва ихлос набошад, он гоҳ садақаро садақа намегӯем, балки як кори риё мебошад. Хулоса, дар муҳсин ин як камбудӣ аст, ки гоҳе ба хашм омада эҳсони худро ёдовар мешавад, бинобар ҳамин, Худои таоло эҳсонкунандагонро тарсондааст.

Дараҷаи сеюми исоли хайр Худованд ин фармудааст, ки тамоман фикри эҳсон набошад ва ба миннатдорӣ низ нигоҳ набошад, балки ба ҷӯши ҳамдардӣ, масалан, монанди модар, ки танҳо ба роҳи муҳаббат бо писари худ некӣ мекунад, некӣ карда

---

[76] سورة البقرة 265

шавад. Ин дараҷаи охири исоли хайр мебошад, ки аз ин пеш рафтан мумкин нест, аммо Худованд ин ҳамаи қисмҳои исоли хайрро дар маҳал ва мавқеъ вобаста кардааст ва дар оя возеҳ фармудааст, ки агар ин некиҳо дар вақташ иҷро нашаванд, пас он гоҳ ба бадиҳо иваз хоҳанд шуд, балки ба ҷойи адл фуҳшо хоҳанд шуд, яъне аз ҳад ин тавр таҷовуз кардан аст, ки сурати нопок шаванд ва инчунин ба ҷойи эҳсон сурати мункир мебарояд, яъне он сурате, ки ақлу виҷдон аз он инкор мекунад ва ба ҷойи итои зилқурбо ба ҳолати бағӣ (بغى) иваз мешавад. Яъне он ҷӯши ҳамдардии бемаҳал сурати бадиро хоҳад гирифт. Дар ҳақиқат бағӣ (بغى) боронеро мегӯянд, ки аз ҳад зиёд борида киштзорҳоро вайрон карда бошад ва ё камӣ кардан дар ҳаққи воҷиб низ бағӣ аст. Инчунин дар ҳаққи воҷиб зиёдатӣ низ бағӣ мебошад. Хулоса, байни ин се амр агар ягонто дар вақташ корбурда нашавад, ҳамон харобсират хоҳад шуд. Бинобар ҳамин, ба ҳар се амр шарти маҳал ва мавқеъ монда шудааст. Дар ин ҷо бояд донист, ки адл, эҳсон ва ҳамдардии зилқурбои (хешовандон) холиро хулқ гуфта наметавонем, балки дар инсон ин ҳамаи ҳолатҳои табиӣ ва қувваҳои тибиӣ мавҷуданд, ки дар кӯдакон низ пеш аз пайдо шудани ақл вуҷуд доранд, аммо барои хулқ ақл шарт аст ва боз ин ҳам шарт аст, ки ҳар як қувваи табиӣ бар маҳал ва мавқеъ истеъмол карда шавад.

Боз дар бораи эҳсон дар Қуръон дигар ҳидоятҳои лозим низ ҳастанд ва ҳамаи онҳоро бо артикли ал, ки барои хос кардани чизе меояд, истифода намуда ба тарафи мавқеъ ва маҳал ишора карда шудааст. Чӣ хеле, ки Худо мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَنفِقُواْ مِن طَيِّبَٰتِ مَا

كَسَبْتُمْ ... وَلَا تَيَمَّمُوا الْخَبِيثَ مِنْهُ [77]

لَا تُبْطِلُوا صَدَقَاتِكُم بِالْمَنِّ وَالْأَذَىٰ ۙ

كَالَّذِي يُنفِقُ مَالَهُ رِئَاءَ النَّاسِ [78]

وَأَحْسِنُوا ۛ إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ ﴿١٩٦﴾ [79]

إِنَّ الْأَبْرَارَ يَشْرَبُونَ مِن كَأْسٍ كَانَ مِزَاجُهَا كَافُورًا ﴿٦﴾

عَيْنًا يَشْرَبُ بِهَا عِبَادُ اللَّهِ يُفَجِّرُونَهَا تَفْجِيرًا ﴿٧﴾ [80]

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَىٰ حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا ﴿٩﴾

إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمْ جَزَاءً وَلَا شُكُورًا ﴿١٠﴾ [81]

وَآتَى الْمَالَ عَلَىٰ حُبِّهِ ذَوِي الْقُرْبَىٰ وَالْيَتَامَىٰ وَالْمَسَاكِينَ

وَابْنَ السَّبِيلِ ۙ وَالسَّائِلِينَ وَفِي الرِّقَابِ ۚ [82]

وَالَّذِينَ إِذَا أَنفَقُوا لَمْ يُسْرِفُوا وَلَمْ يَقْتُرُوا

وَكَانَ بَيْنَ ذَٰلِكَ قَوَامًا ﴿٦٨﴾ [83]

وَالَّذِينَ يَصِلُونَ مَا أَمَرَ اللَّهُ بِهِ أَن يُوصَلَ

وَيَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ وَيَخَافُونَ سُوءَ الْحِسَابِ ﴿٢٢﴾ [84]

---

[77] سورة البقرة :268

[78] سورة البقرة:265

[79] سورة البقرة :196

[80] سورة الدهر :6-7

[81] سورة الدهر :9-10

[82] سورة البقرة :176

[83] سورة الفرقان :68

[84] سورة الرعد :22

وَفِيٓ أَمۡوَٰلِهِمۡ حَقّٞ لِّلسَّآئِلِ وَٱلۡمَحۡرُومِ ﴿٢٠﴾[85]

ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ فِي ٱلسَّرَّآءِ وَٱلضَّرَّآءِ[86]

وَأَنفَقُواْ مِمَّا رَزَقۡنَٰهُمۡ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ[87]

إِنَّمَا ٱلصَّدَقَٰتُ لِلۡفُقَرَآءِ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱلۡعَٰمِلِينَ عَلَيۡهَا وَ
ٱلۡمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمۡ وَفِي ٱلرِّقَابِ وَٱلۡغَٰرِمِينَ وَفِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱبۡنِ
ٱلسَّبِيلِۖ فَرِيضَةٗ مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٞ ﴿٦٠﴾[88]

لَن تَنَالُواْ ٱلۡبِرَّ حَتَّىٰ تُنفِقُواْ مِمَّا تُحِبُّونَۚ[89]

وَءَاتِ ذَا ٱلۡقُرۡبَىٰ حَقَّهُۥ وَٱلۡمِسۡكِينَ وَٱبۡنَ
ٱلسَّبِيلِ وَلَا تُبَذِّرۡ تَبۡذِيرًا ﴿٢٦﴾[90]

وَبِٱلۡوَٰلِدَيۡنِ إِحۡسَٰنٗا وَبِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ
وَٱلۡجَارِ ذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡجَارِ ٱلۡجُنُبِ وَٱلصَّاحِبِ بِٱلۡجَنۢبِ
وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ وَمَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُحِبُّ مَن
كَانَ مُخۡتَالٗا فَخُورًا ﴿٣٦﴾ ٱلَّذِينَ يَبۡخَلُونَ وَيَأۡمُرُونَ ٱلنَّاسَ
بِٱلۡبُخۡلِ وَيَكۡتُمُونَ مَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦۗ[91]

---

[85] سورة الذريات :20

[86] سورة آل عمران :135

[87] سورة الرعد :23

[88] سورة التوبة :60

[89] سورة آل عمران :93

[90] سورة بنی اسرائیل :27

[91] سورة النساء :37-38

Тарҷума: Эй аҳли имон, шумо аз молҳои касбкардаи ҳалол ба тариқи саховат ё эҳсон ва ё садақа ва ғайра мардумро диҳед, яъне дар он омезиши сирқат ё ришва ё хиёнат ё ғасб ва ё ситам набошад ва дар дили шумо чунин фикр набошад, ки моли нопок мардумро диҳед. Чизи дигар ин, ки хайр ва муруввати худро бо миннат ниҳодан ва озор додан ботил накунед, яъне ба мамнуни миннати худ ҳеҷгоҳ нагӯед, ки чизе ба ту дода будем ва на ӯро озор диҳед, зеро ин тавр эҳсони шумо ботил хоҳад шуд ва на чунин роҳро дар пеш гиред, ки бо риёкорӣ молҳои худро харҷ кунед. Ба махлуқи Худо эҳсон кунед, зеро Худо эҳсонкунандагонро дӯст медорад. Ба онҳое, ки некии ҳақиқӣ мекунанд, чунон ҷом нӯшонида хоҳанд шуд, ки омезиши кофур (كافور) дар он бошад, яъне дарду алам, ҳасратҳо ва хоҳишҳои нопоки дунё аз дили онҳо дур карда хоҳанд шуд. Калимаи кофур аз КФР (كفر) баромадааст, ва маънои кафара дар луғати араб зер кардан ва ё пӯшондан мебошанд. Яъне эҳсосоти ноҷоизи онҳо зер карда хоҳанд шуд ва онҳо покботин хоҳанд шуд. Илова бар ин, онҳоро насими маърифат хоҳад расид.

Боз мефармояд, ки онҳо рӯзи қиёмат аз он чашма об хоҳанд нӯшид, ки имрӯз бо дастҳои худ канда истодаанд. Дар ин ҷо сирри амиқи фалсафаи биҳишт гуфта шудааст. Касе тавонад, бифаҳмад. Боз фармудааст, ки некони ҳақиқӣ чунин хубӣ доранд, ки онҳо танҳо аз барои Худо он хӯрокҳое, ки барои худ меписанданд, ба мискинҳо, ятимҳо ва асирон мехӯронанд ва мегӯянд, ки мо ба шумо ҳеҷ эҳсон накарда истодаем, балки ин кор ба сабаби он мекунем, ки Худо аз мо розӣ шавад ва барои чеҳраи Худо ин хидматро мекунем. Мо аз шумо на ягон уҷрат ва на шукру сипос мехоҳем. Ин маънои он дорад, ки қисми сеюми исоли хайр, ки танҳо дар натиҷаи ҷӯши

ҳамдардӣ мебошад, ба ҷо меоранд. Накӯкорони ҳақиқӣ одат доранд, ки барои ризоҷӯйи Худо хешони худро бо моли худ кумак мерасонанд. Илова бар ин, барои тааҳҳуди ятимҳо ва парваришу таълимашон харҷ мекунанд ва мискинҳоро аз камбағалию нодорӣ нигоҳ медоранд ва хидмати мусофирон ва талбандагон мекунанд. Боз ин молҳои худро барои озодии ғуломон ва сабук кардани қарзи қарздорон истифода мекунанд. Ва барои харҷи худ на исроф мекунанду на тангдилӣ, балки роҳи миёнаро пеш мегиранд. Дар вақти пайванд кардан пайванд мекунанд ва аз Худо метарсанд. Ғайр аз ин дар молҳои онҳо ҳаққи талбандагон ва безабонҳо низ ҳаст. Мурод аз безабонҳо саг, гурба, чумчук, гов, хар, буз ва монанди инҳо мебошанд. Онҳо дар ҳолати сахтӣ, даромади кам ва рӯзҳои қаҳтӣ аз саховат рӯ намегардонанд, балки дар ҳолати тангӣ низ то ҳадди имкон саховат мекунанд. Онҳо гоҳе хайри пӯшида мекунанд ва гоҳе зоҳир. Пӯшида барои он, ки аз риёкорӣ худдорӣ намоянд ва зоҳир ба сабаби он, ки дигаронро тарғиб намоянд. Бояд донист, ки бар он моле, ки барои хайру садақа ҷудо карда шавад, муҳтоҷ аз ҳама пеш ҳақ дорад. Албатта онҳоеро, ки моли хайротро тааҳҳуд мекунанд ва ё интизому нигаҳбонӣ мекунанд, аз моли хайрот андак дода метавонем ва касеро аз барои бадӣ нигоҳ доштан низ мол дода метавонем. Инчунин он мол барои озод кардани ғуломҳо, муҳтоҷҳо, қарздорон, офатзадагон ва барои ҳадафҳои дигар, ки танҳо барои Худо бошанд, харҷ хоҳад шуд. Шумо то он вакт соҳиби некии ҳақиқӣ шуда наметавонед, ки барои ҳамдардии мардум он моле харҷ кунед, ки азиз доред. Ҳаққи камбағалон ва мискинҳоро диҳед. Хидмати мусофирон кунед ва аз исроф худдорӣ намоед, яъне дар тӯйҳо, дигар маросими хушгузаронӣ, расмҳои дар натиҷаи таваллуд шудани писар харҷ кардани пулу моли худро худдорӣ

намоед. Шумо бо падару модар некӣ кунед ва ба наздикону ятимҳо, мискинҳо, ҳамсояе, ки хеши шумо бошад ва ҳамсояе, ки бегона бошад, мусофир, навкар ва ғулом, асп, буз, гови нару модина ва ҳайвоноте, ки зери дасти шумо ҳастанд, зеро Худоро, ки Худои шумо аст, ҳамин одатҳо писанданд. Ӯ бепарвоёну худситоёнро дӯст намедорад ва ба чунин одамон таваҷҷуҳ намекунад, ки бахиланд ва мардумро низ таълими бухл медиҳанд ва моли худро пинҳон медоранд, яъне муҳтоҷҳоро мегӯянд, ки мо ҳеҷ чиз надорем.

### *Шуҷоати ҳақиқӣ*

Яке аз ҳолатҳои табиии инсон он қуввaест, ки монанди шуҷоат мебошад. Чӣ тавре, ки кӯдаки ширхор низ ба сабаби ҳамин қувва гоҳе дасташро ба оташ мезанад, зеро кӯдаки инсон пеш аз оне, ки ӯро аз чизе тарсонда шавад, аз ҳеҷ чиз наметарсад. Дар ин ҳолат инсон бе ягон тарс ба муқобили шерҳо ва дарандаҳои дигари ҷангал мебарояд ва тани танҳо бо чандин одамон меҷангад ва мардум фикр мекунанд, ки ин кас бисёр баҳодур аст, аммо ин танҳо як ҳолати табиӣ аст, ки дар дигар дарандаҳо низ вуҷуд дорад, балки дар сагҳо низ мебошад. Ҳамин тавр дар инсонҳо низ вуҷуд дорад. Шуҷоати ҳақиқӣ, ки бо маҳал ва мавқеъ хос аст ва яке аз хулқҳои ахлоқи фозила мебошад, дар ҳақиқат ин аст, ки Худои пок дар каломи худ чунин зикр кардааст:

وَالصّٰبِرِيْنَ فِى الْبَاْسَآءِ وَالضَّرَّآءِ وَحِيْنَ الْبَاْسِ ؕ [92]

[92] سورة البقرة :178

وَالَّذِينَ صَبَرُوا ابْتِغَاءَ وَجْهِ رَبِّهِمْ [93]

الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُوا
لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَانًا ۚ وَقَالُوا
حَسْبُنَا اللَّهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ ﴿١٧٣﴾ [94]

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ خَرَجُوا مِنْ دِيَارِهِمْ بَطَرًا وَرِئَاءَ النَّاسِ [95]

Яъне далер онҳо мебошанд, ки вақте ҷанг бар онҳо таҳмил карда шавад ё сахтӣ фаро расад, по ба фирор намениҳанд. Сабри онҳо дар вақтҳои сахтӣ ва ҷанг натанҳо барои нишон додани далерии худ мебошад, балки барои ризои Худо мебошад ва онҳо толиби чеҳраи Худо ҳастанд. Онҳоро бим дода мешавад, ки мардум барои чазо додани шумо иттифоқ карда ҷамъ шудаанд, пас аз мардум битарсед. Дар натиҷаи тарсондан имони онҳо меафзояд ва мегӯянд, ки Худо бароямон кофист, яъне шуҷоати онҳо монанди сагҳо ва дарандаҳо нест, ки танҳо ҷӯши табииро дар бар гирад ва танҳо майл ба як қисм дошта бошанд, балки шуҷоати онҳо ду қисм дорад. Гоҳе бо шуҷоати шахсии худ муқобили эҳсосоти нафси худ мебароянд ва бар он ғолиб меоянд ва гоҳе мебинанд, ки рӯ ба рӯшавии душман лозим меояд, пас натанҳо бо ҷӯши нафси худ, балки барои кумак расондани ростӣ муқобили душман мебароянд, аммо ба қувваи худ боварӣ накарда, балки бар Худо таваккул карда шуҷоатро нишон медиҳанд ва дар шуҷоаташон риёкорию худбинӣ

[93] 23: سورة الرعد

[94] 174: سورة آل عمران

[95] 46: سورة الانفال

ва итоати нафс нест, балки аз ҳама ҷиҳат ризои Худо азизтари онҳо мебошад.

Дар ин ояҳо дарс дода шудааст, ки асоси шуҷоати ҳақиқӣ сабр ва побарҷоӣ аст ва дар вақти ҳар як майли нафсонӣ ё бало, ки монанди душманҳо ҳамла кунад, дар муқобили он побарҷо шудан ва монанди буздил нагурехтан шуҷоати ҳақиқӣ аст. Пас, байни шуҷоати инсон ва дарандаҳо фарқи калон аст. Даранда бар як паҳлӯ аз ҷӯш ва хашм кор мегирад ва инсоне, ки шуҷоати ҳақиқӣ дорад, ӯ ҷойи мубориза ва тарки муборизаро фаҳмида кадоми онҳо қарини маслиҳат бошад, ихтиёр мекунад.

***Ростӣ***

Яке аз ҳолатҳои табиии фитрати инсон ростӣ мебошад. Инсон ғайр аз мақсади нафсонӣ дурӯғ гуфтан намехоҳад ва дар ихтиёр намудани дурӯғ дар дил нафрат ва мумониатро ҳис мекунад. Бинобар ҳамин аз он шахсе, ки дурӯғи сареҳаш исбот шавад, хафа мешавад ва бо нигоҳи таҳқирона ӯро мебинад, аммо ҳамин ҳолати табиӣ дар ахлоқ дохил шуда наметавонад, балки кӯдакон ва девонаҳо низ ба ин тариқ амал карда метавонанд. Пас, ҳақиқат ин аст, ки то вақте инсон аз мақсадҳои нафсонӣ, ки монеаи ростгӯӣ мешаванд, ҷудо нашавад, ростгӯи ҳақиқӣ шуда наметавонад, зеро инсон танҳо дар вақти он суханҳо рост мегӯяд, ки ҳеҷ зарар надоранд ва дар вақти зарари иззат, мол ва ҷон дурӯғ мегӯяд ва аз ростгӯӣ сукут ихтиёр мекунад. Дар ин ҳолат ӯ аз кӯдакон ва девонаҳо чӣ бартарӣ дорад? Оё девонаҳо ва писарони ноболиғ чунин ростгӯӣ намекунанд? Дар дунё касе нест, ки бе ягон таҳрики

нохоста дурӯғ гӯяд. Аз ин мебояд, ки ростие, ки дар вақти зарар тарк карда шавад, дар ахлоқи ҳақиқӣ ҳеҷ дохил нахоҳад шуд. Мавқеъ ва маҳалли ростгӯӣ он мебошад, ки дар он андешаи зарари ҷону мол ва обрӯ бошад. Оид ба ин, таълими Худо ин аст:

فَاجْتَنِبُوا الرِّجْسَ مِنَ الْأَوْثَانِ وَاجْتَنِبُوا قَوْلَ الزُّورِ ﴿٣١﴾ [96]

وَلَا يَأْبَ الشُّهَدَاءُ إِذَا مَا دُعُوا ۚ [97]

وَلَا تَكْتُمُوا الشَّهَادَةَ ۚ وَمَنْ يَكْتُمْهَا فَإِنَّهُ آثِمٌ قَلْبُهُ ۗ [98]

وَإِذَا قُلْتُمْ فَاعْدِلُوا وَلَوْ كَانَ ذَا قُرْبَىٰ ۖ [99]

كُونُوا قَوَّامِينَ بِالْقِسْطِ شُهَدَاءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَىٰ أَنْفُسِكُمْ أَوِ الْوَالِدَيْنِ وَالْأَقْرَبِينَ ۚ [100]

وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَىٰ أَلَّا تَعْدِلُوا ۚ [101]

وَالصَّادِقِينَ وَالصَّادِقَاتِ [102]

وَتَوَاصَوْا بِالْحَقِّ وَتَوَاصَوْا بِالصَّبْرِ ﴿٣﴾ [103]

لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ [104]

---

[96] 31: سورة الحج

[97] 283: سورة البقرة

[98] 284: سورة البقرة

[99] 153: سورة الانعام

[100] 136: سورة النساء

[101] 9: سورة المائدة

[102] 36: سورة الاحزاب

[103] 4: سورة العصر

[104] 73: سورة الفرقان

Тарҷума: Аз парастиши бутон ва дурӯғгӯӣ бипарҳезед, яъне дурӯғ низ як бутест, ки боварикунандааш таваккули Худоро тарк мекунад. Пас, дар натиҷаи дурӯғгӯӣ Худо аз даст меравад. Боз гуфта шуд, ки вақте аз шумо шаҳодати рост талаб карда шавад, инкор накунед ва шаҳодати ростиро пинҳон накунед. Касе пинҳон дошт, дилаш гуноҳкор аст. Ва вақте шумо гап занед, ҳамон чизро ба даҳон биёред, ки рости маҳз ва адолат аст, ҳарчанд дар бораи наздикони худ гувоҳӣ диҳед. Бар ҳақ ва инсоф барқарор бошед ва бояд ҳар як гувоҳии шумо барои Худо бошад. Дурӯғ нагӯед, ҳарчанд дар натиҷаи ростгӯӣ ҷонҳои шуморо зарар расад ё ба падару модари шумо зарар расад ё хешҳои шумо мисли писарон ва ғайраро зарар расад. Ва бояд душмании қавме шуморо аз гувоҳии рост боз надорад. Мардҳо ва занҳои ростгӯ мукофоти бузургро соҳиб хоҳанд шуд. Онҳо одат доранд, ки дигаронро низ насиҳати ростӣ мекунанд ва дар маҷлисҳои дурӯғгӯён намешинанд.

### *Сабр*

Яке аз ҳолатҳои табиии инсон сабр аст, ки ӯ дар ҳолати сахтиҳо, бемориҳо ва ранҷҳо, ки ҳамеша рӯ ба рӯ мешавад, ҳатман сабр мекунад ва инсон дар натиҷаи бисёр синакӯбӣ ва додувой сабр мекунад, аммо намедонад, ки аз рӯйи китоби поки Худованд ин намуд сабр дохили ахлоқ намешавад, балки як ҳолатест, ки дар натиҷаи монда шудан аз додувой зоҳир мешавад, яъне ин ҳам яке аз ҳолатҳои табиии инсон мебошад, ки ӯ дар ҳолати зоҳир шудани мусибат аввал гиря мекунад ва саркӯбӣ мекунад, баъд аз дили худ шиддати ғамро холӣ карда ором мешавад ва то ба охири бесабрӣ расида ақибнишинӣ мекунад. Ин ҳар ду ҳолатҳои инсон ҳолатҳои

табиӣ мебошанд ва бо хулқ ҳеҷ алоқа надоранд. Хулқи ҳақиқӣ он гоҳ ҳисобида мешавад, ки дар вақте, ки чизеро аз даст диҳад, он гоҳ он чизро амонати Худо фикр карда ҳеҷ шикоят бар забон наорад ва бигӯяд, ки аз они Худо буд ва мо бо ризои Худо розӣ ҳастем. Оид ба ин хулқ каломи поки Худои таоло моро чунин таълим медиҳад:

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوْفِ وَالْجُوْعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الْاَمْوَالِ
وَالْاَنْفُسِ وَالثَّمَرٰتِ ۗ وَبَشِّرِ الصّٰبِرِيْنَ ﴿١٥٦﴾ الَّذِيْنَ اِذَآ اَصَابَتْهُمْ
مُّصِيْبَةٌ ۙ قَالُوْٓا اِنَّا لِلّٰهِ وَاِنَّآ اِلَيْهِ رٰجِعُوْنَ ﴿١٥٧﴾ اُولٰٓئِكَ عَلَيْهِمْ
صَلَوٰتٌ مِّنْ رَّبِّهِمْ وَرَحْمَةٌ ۫ وَاُولٰٓئِكَ هُمُ الْمُهْتَدُوْنَ ﴿١٥٨﴾ [105]

Яъне эй муъминон, мо шуморо чунин озмоиш хоҳем кард, ки гоҳе ҳолати хавф бар шумо ғалаба хоҳад кард ва гоҳе фақру фоқа шомили ҳоли шумо хоҳад шуд ва гоҳе зарари молиявӣ хоҳед дид ва гоҳе бар ҷонҳои шумо офат хоҳад омад ва гоҳе дар охири меҳнат нокомиро хоҳед дид ва натиҷаҳои мехостагии кӯшишҳо нахоҳанд баромад ва гоҳе авлоди азизи шумо хоҳад мурд. Пас, онҳоро хушхабарӣ бошад, ки вақте ягон мусибат ба онҳо расад, мегӯянд, ки мо чизҳои Худо ва амонатҳои Ӯ ва мамлуки Ӯ мебошем. Ҳақ ҳамин аст, ки амонати касе бошад, ба вай баргардонда шавад. Ҳамин одамонанд, ки раҳмати Худо бар онҳо бод ва ҳаминанд, ки роҳи Худоро ёфтаанд.

Хулоса, номи ин хулқ сабр ва ризо бар ризои Илоҳӣ аст ва аз як ҷиҳат номи ин хулқ адл низ ҳаст, зеро чун Худои таоло дар

---

[105] 158-156: سورة البقرة

зиндагии инсон мувофиқи ризои вай корҳоро анҷом медиҳад ва ҳазор-ҳазор корҳо мувофиқи ризои инсон ба зуҳур меорад ва тибқи хоҳиши инсон чунон неъматҳо ба вай додааст, ки инсон шумор карда наметавонад. Пас, ин амр аз рӯйи адл нахоҳад шуд, ки гоҳе агар Ӯ бихоҳад, ки хостаи худро иҷро кунад, инсон сарпечӣ кунад ва ба ризои Ӯ розӣ нашавад. Дар натиҷаи чуну чаро гуфта бедину гумроҳ гардад.

## *Ҳамдардии халқ*

Яке аз ҳолатҳои табиии инсон, ки бо мизоҷи ӯ мувофиқат мекунад, ин ҷӯши ҳамдардии халқ аст. Ҷӯши ҳимояи миллӣ одатан дар ҳар як пайрави дине вуҷуд дорад ва бисёриҳо таҳти ҷӯши табиӣ барои ҳамдардии қавми худ ба дигарон зулм мекунанд. Гӯё онҳоро инсон намедонанд. Ин ҳолатро хулқ гуфта наметавонем. Ин танҳо як ҷӯши табиӣ аст ва агар бо диққат фикру тааммул кунем, ин ҳолати табиӣ дар зоғҳо ва ғайра парандагон низ вуҷуд дорад, ки дар натиҷаи мурдани як зоғ ҳазорҳо зоғ ҷамъ мешаванд. Ин одат он гоҳ дар ахлоқи инсон дохил мешавад, ки ин ҳамдардӣ бо риояи адлу инсоф бар маҳал ва мавқеъ карда шавад. Он гоҳ ин як хулқи бузург хоҳад шуд, ки ба забони арабӣ муосот ва ба забони форсӣ ҳамдардӣ номида мешавад. Ба ҳамин тараф Худои ҷалла шаънуҳу дар Қуръони шариф ишорат карда мефармояд:

وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَىٰ ۖ

وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ ۚ [106]

[106] سورة المائدة :3

وَلَا تَهِنُوْا فِي ابْتِغَآءِ الْقَوْمِ ؕ [107]

وَلَا تَكُنْ لِّلْخَآئِنِيْنَ خَصِيْمًا ۙ﴿١٠٦﴾ [108]

وَلَا تُجَادِلْ عَنِ الَّذِيْنَ يَخْتَانُوْنَ اَنْفُسَهُمْ ؕ

اِنَّ اللّٰهَ لَا يُحِبُّ مَنْ كَانَ خَوَّانًا اَثِيْمًا ۙ﴿١٠٨﴾ [109]

Яъне ҳамдардӣ ва муовинати қавми худ танҳо дар корҳои некӣ бояд кард ва дар корҳои зулму таҷовузгарӣ набояд муовинати онҳо кард. Ва дар ҳамдардии қавм монда нашавед. Ва аз тарафи хиёнаткорон, ки аз хиёнат худдорӣ наменамоянд, ҷангу ҷанҷол накун. Худои таоло хиёнатпешаҳоро дӯст намедорад.

## ***Талоши як ҳастии бартар***

Яке аз ҳолатҳои табиии инсон, ки дар фитрати ӯ лозим аст, талоши як ҳастии бартар аст, ки барояш дар дили инсон худ ба худ як кашиш вуҷуд дорад ва таъсири талоши он аз ҳамон вақт ҳис карда мешавад, ки кӯдак аз шиками модар берун меояд, зеро кӯдак баъд аз таваллуд шуданаш аввалин хосияти рӯҳонии худро нишон дода, ба тарафи модараш майл мекунад ва муҳаббати модари худро табиатан дорад. Боз ҳарчи ҳавосаш бозтар ва фитраташ гул карда шукуфо мешавад, ин кашиши муҳаббат, ки дар дурунаш пинҳон буд, рангу рӯйи худро намоёнтар нишон медиҳад. Боз ӯ ғайр аз оғуши модар ҳеҷ ҷойи дигар ором намеёбад ва ороми пурраи ӯ

[107] 105: سورة النساء

[108] 106: سورة النساء

[109] 106: سورة النساء

танҳо дар утуфати модар қарор дорад. Агар аз модар ҷудо карда дуртар монда шавад, ҳамаи ороми ӯ талх мегардад ва ҳарчанд дар пеши ӯ ҳар хел неъмат монда шавад, хушҳолии ҳақиқии худро дар оғуши модар мебинад ва ғайр аз он дар ҳеҷ ҷо ором намеёбад. Пас, он **кашиши** муҳаббат, ки вай дар модари худ пайдо мекунад, чист?

Дар ҳақиқат ин ҳамон **кашиш** аст, ки барои **маъбуди ҳақиқӣ** дар кӯдак монда шудааст, балки дар ҳар як ҷое, ки инсон алоқаи муҳаббатро пайдо мекунад, дар ҳақиқат ҳамон кашиш кор мефармояд ва дар ҳар як ҷое, ки ӯ ҷӯши ошиқона нишон медиҳад, дар ҳақиқат як акси ҳамин муҳаббат аст. Гӯё чизҳои дигарро бардошта-бардошта як чизи гумшударо талош дорад, ки номаш фаромӯш кардааст. Пас, муҳаббати инсон нисбат ба мол, авлод, ҳамсари худ ё майл доштани рӯҳаш ба овози хуш дар ҳақиқат талоши ҳамон **муҳаббати гумшуда** аст ва азбаски инсон он ҳастии дақиқ дар дақиқро, ки монанди оташ дар ҳар як одам пинҳон ва ба ҳама пӯшида аст, бо чашмони моддии худ дида наметавонад ва на ба ақли нотамоми худ Ӯро ёфта метавонад, бинобар ҳамин, дар маърифати он, инсон хатоҳои калон кардааст ва хатокорона ҳаққи Ӯро бо дигарон додааст. Худои таоло дар Қуръони пок чӣ хел мисоли хуб додааст, ки ин дунё монанди як қасри шишагӣ мебошад, ки фарши он бо шишаҳои бениҳоят софу равшан ороста шудааст ва боз таҳти ин шишаҳо об гузаронда шудааст, ки бо суръати баланд ҷорист. Акнун ҳар як чашме, ки ба ин шишаҳо нигоҳ мекунад, ин шишаҳоро низ хато карда об медонад ва баъд аз ин инсон дар болои ин шишаҳо роҳ гаштан мисли болои об роҳ гаштан метарсад, ҳол он ки онҳо дар ҳақикт шишаҳо ҳастанд, аммо пурра тоза. Пас, ин ҷирмҳои калон-калон чун Офтобу Моҳтоб, ки

мебинем, ин ҳамон шишаҳои тозаанд, ки бо хато инҳоро парастиш карда шуд ва дар паси инҳо як қувваи ниҳоят бузург кор карда истодааст, ки дар зери ин шишаҳо монанди об бо суръати баланд ҷорӣ аст ва хатои нигоҳи махлуқпарастон ин аст, ки ба ҳамин шишаҳо ин корро муносибат медиҳанд, аммо дар асл қуввае зери онҳо анҷом дода истодааст. Ҳамин тафсири ин оя аст:

إِنَّهُۥ صَرۡحٞ مُّمَرَّدٞ مِّن قَوَارِيرَۗ [110]

Хулоса, азбаски зоти Худованд бо вуҷуди равшан буданаш ниҳоят махфӣ аст, бинобар ин барои шинохти Ӯ танҳо ин низоми ҷисмонӣ, ки пеши чашмҳои мо аст, кофӣ набуд ва ҳамин сабаб аст, ки одамоне бар ин низом асос медоштагӣ бо вуҷуди ин, ки ин тартиби беҳтару муҳкамро, ки шӯълавар бар садҳо аҷоибот аст, бо тааммули амиқ нигоҳ карданд, балки дар илмҳои ҳайат (астрономия), физика ва фалсафа чунон моҳир шуданд, ки гӯё дохили замину осмон шуданд, аммо бо вуҷуди ин аз торикии шакку шубҳа наҷот ёфта натавонистанд ва бисёриҳо мубталои хатоҳои гуногун шуданд ва дар ваҳмҳои беҳуда ворид шуда, аз куҷое ба куҷое расиданд. Ин қадар низоми аъло ва беҳтаринро дида инҳо дар бораи вуҷуди он сонеъ танҳо ҳамин қадар хаёл карданд, ки офаридгори ин силсилаи азим, ки низоми пурҳикмат дар худ дорад, бояд касе бошад. Аммо ин хаёли хом ва маърифати ноқис аст, зеро ин сухан, ки барои ин силсила як Худо лозим аст, ба сухани дигар, яъне дар ҳақиқат он Худо ҳаст, ҳеҷ баробарӣ надорад. Хулоса, ин маърифати қиёсии инҳо буд, ки дилро итминон ва сакинат (оромӣ)

[110] سورة النمل :45

бахшида наметавонад ва на шакҳоро тамоман аз дил дур карда метавонад ва на ин маърифат мисли он пиёла аст, ки ташнагии то маърифати комилро фурӯ нишонад, ки дар фитрати инсон аст, балки чунин маърифати ноқис бениҳоят пурхатар аст, зеро ки пас аз бисёр садобарорӣ оқибаташ ҳечу пуч ва бенатиҷа аст.

Хулоса, то вақте, ки Худои таоло ҳастии худро бо каломи худ ошкор накунад, чӣ хеле, ки бо кори худ зоҳир кардааст, танҳо мушоҳидаи кор тасалло намебахшад. Масалан, агар мо ҳуҷраеро бинем, ки аз дурун қулф аст, аз ин кор мо ҳатман аввал ҳамин фикр мекунем, ки ягон инсон дар дурун мавҷуд аст ва занҷирро қулф кардааст, зеро аз берун занҷирҳои дурунро қулф кардан хориҷ аз имкон аст, аммо баъди якчанд муддат ва ё солҳо бо вуҷуди садо додан аз тарафи он инсон ҷавоб наояд, пас раъйи мо, ки дар дурун касе ҳаст, иваз хоҳад шуд ва хаёл мекунем, ки дурун ҳеҷ кас нест, балки бо ягон ҳила занҷирҳои дурунро қулф карда шудааст. Ҳамин ҳолати файласуфҳо мебошад, ки танҳо бо мушоҳидаи феъл маърифати худро тамом кардаанд. Ин хатои калон аст, ки Худоро мисли як мурда фикр карда шавад, ки танҳо инсон вайро аз қабр бароварда метавонад. Агар Худо ин тавр аст, ки танҳо кӯшишҳои инсонӣ ӯро суроғ кардаанд, пас, нисбат ба чунин Худо умедҳои мо беҳуда мебошанд, балки Худо он касест, ки аз қадим ва ҳамеша аналмавҷуд (ман мавҷудам) гуфта мардумро ба тарафи худ ҷеғ мезанад. Ин беадабии калон хоҳад шуд, агар мо чунин хаёл кунем, ки дар маърифати Ӯ эҳсони инсон бар Ӯ аст ва агар файласуфҳо намешуданд, гӯё Худо гум шуда мемонд. Боз инро гуфтан, ки Худо чӣ хел гап зада метавонад, оё Ӯ забон дорад? Ин ҳам як беадабии калон аст. Оё Ӯ бе дастҳои моддӣ ҷирмҳои осмон ва заминро

наофаридааст? Оё Ӯ бе чашмони ҷисмонӣ дунёро дида наметавонад? Оё Ӯ бе гӯшҳои баданӣ овозҳои моро намешунавад? Агар ҳамаи ин корҳоро Худо мекунад, пас, ҳамин тавр калом ҳам мекунад. Ин фикр ҳам дуруст нест, ки калом кардани Худо (яъне гап задани Ӯ) оянда надорад, балки қафо мондааст. Мо бар калом ва мухотиботи Ӯ то ба замони махсус муҳр зада наметавонем. Албатта, Ӯ ҳозир ҳам омода аст, ки ҷӯяндаҳоро бо чашмаи илҳомӣ сероб намояд, чӣ хеле, ки пеш буд ва ҳозир ҳам дарҳои файзҳои Ӯ монанди пешина кушодаанд. Инро бояд донист, ки дар натиҷаи хатм шудани заруратҳо, шариатҳо ва ҳадҳо тамом шудаанд. Ҳамаи рисолату нубувватҳо ба нуқтаи охирин расидаанд ва вуҷуди сайиду мавлои мо ҳазрати Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи васаллам ҳамон вуҷуди комил ва дараҷаи баландтарини рисолату нубувватҳо мебошад.

## Ҳикмати зоҳиршавии ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мулки Араб

Зоҳиршавии ин нури охирин аз Араб холӣ аз ҳикмат набуд. Қавми араб ҳамон қавми бани Исмоил буд, ки аз Исроил қатъ гардида бо ҳикмати Илоҳӣ дар биёбони Форон монда шуд ва маънои Форон ду фирор кардагон, яъне давидагон аст. Пас, ҳазрати Иброҳим алайҳиссалом онҳоро аз Бани Исроил ҷудо кард ва аз Таврот саҳме надоштанд. Чӣ хеле, ки навишта шудааст, ки онҳо аз Исҳоқ ҳеҷ саҳм нахоҳанд ёфт. Хешҳо онҳоро тарк намуданд ва бо бегонаҳо онҳо алоқаву хешигарӣ надоштанд. Кишварҳои дигар баъзе расмҳои ибодатҳо ва ҳукмҳо доштанд ва аз ин маълум мешуд, ки ба онҳо таълими ягон пайғамбар расида буд, аммо танҳо мулки

араб чунин буд, ки аз ин таълимот ноошнои маҳз буд ва аз ҳамаи ҷаҳон қафомонда буд. Бинобар ҳамин, навбати вай дар охир расид ва нубуввати ӯ умумӣ шуд, то ҳамаи кишварҳоро дуюмбора аз баракатҳо саҳм диҳад ва кадом хатое, ки ривоҷ ёфта буд, онро аз байн барад. Пас, мо баъд аз чунин китоби комил интизори кадом китоб шавем, ки ҳамаи кори ислоҳи инсонӣ дар даст гирифт ва монанди китобҳои пешина танҳо бо як қавм алоқаи худ пайваст накард, балки ислоҳи ҳар як қавмро хост ва ҳар як дараҷаи тарбияи инсонро баён намуд. Ваҳшиҳоро одоби инсонӣ омӯзонд, баъд одобашон то ба инсоният расонда, дарси ахлоқи фозиларо дод.

### *Эҳсони Қуръони карим бар дунё*

Ин эҳсони бузурги Қуръон бар дунё аст, ки байни ҳолатҳои табиӣ ва ахлоқ фарқ карда нишон дод. Боз вақте аз ҳолатҳои табиӣ баровarda ба қасри олии ахлоқи фозила расонд, он гоҳ ба ҳамин кифоя накард, балки барои расондани марҳилаи дигар, яъне ба мақоми ҳолатҳои рӯҳонӣ, дарҳои маърифати покро кушода дод ва натанҳо дарҳоро кушод, балки миллион-миллион одамонро то он ҷо расонд ва ба ҳамин тариқ таълими ҳар се қисм, ки пештар зикрашон карда будам, бо хубии камол баён фармуд. Азбаски Қуръон ҷомеи комили он ҳамаи таълимот аст, ки бар онҳо тарбияи динӣ асос дорад, бинобар ин, Қуръон даъво кардааст, ки ман доираи таълими диниро то ба камол расондаам. Чӣ хеле, ки мефармояд:

ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ [111]

---

[111] سورة المائدة :4

Яъне имрӯз ман дини шуморо комил кардаам ва неъмати худро бар шумо ба итмом расондаам ва ман дини шуморо Ислом қарор дода хушнуд шудам, яъне дараҷаи охирини дин он амрест, ки дар мафҳуми Ислом ёфт мешавад, яъне ин ки, танҳо барои Худо шудан ва наҷоти худ, на ба роҳи дигар, балки дар натиҷаи қурбонии вуҷуди худ хостанд ва ин нийят ва иродаро ба таври амалӣ нишон додан аст. Ин нуқтаест, ки ҳамаи камолот бар он тамом мешаванд. Пас, он Худоро, ки ҳакимҳо шинохт накарданд, **Қуръон суроғи он Худои ростро гуфт**. Қуръон барои ато кардани маърифати Худо ду роҳ нишон додааст. Аввал роҳе, ки аз рӯйи он ақли инсонӣ барои пайдо намудани далелҳои ақлӣ бақувваттар ва равшантар мешавад ва аз хатокорӣ маҳфуз мемонад. Ва роҳи дуюми рӯҳониро мо дар ҷавоби саволи сеюм иншоАллоҳ баён хоҳем кард.

### *Далелҳои ҳастии Худои таоло*

Акнун бубинед, ки Қуръон аз рӯйи ақл дар бораи ҳастии Худо чӣ тавр далелҳои умда ва бемисл додааст. Чӣ хеле, ки як ҷо мефармояд:

رَبُّنَا الَّذِيٓ أَعۡطَىٰ كُلَّ شَيۡءٍ خَلۡقَهُۥ ثُمَّ هَدَىٰ ۝٥١ [112]

Яъне Худованд он Худо аст, ки ҳар як чизро пайдоиши муносиби ҳоли он бахшид. Боз он чизро барои ҳосил намудани камолоти матлуб раҳнамоӣ намуд. Акнун ин ояро дар назар гирифта, агар аз инсон сар карда, сохти ҳамаи ҷонварону

[112] 51: سورة طه

парандагони баҳру барро нигоҳ кунем, он гоҳ қудрати Худоро мебинем ва сохти ҳар як чиз муносиби аҳволи он маълум мешавад. Хонандагон худашон фикр кунанд, зеро ин мазмун хеле васеъ аст.

Дувумин далел бар ҳастии Худои таоло Қуръони карим иллатулилал (иллати иллатҳо, сабаби аслӣ) будани Ӯ қарор додааст. Чӣ хеле, ки мефармояд:

وَأَنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ الْمُنْتَهَىٰ ﴿٤٣﴾ [113]

Яъне ҳамаи силсилаи иллатҳо ва маълулҳо бар вуҷуди парвардигорат анҷом мепазирад. Шарҳи ин далел чунин аст, ки бо нигоҳи амиқ маълум мешавад, ки ҳамаи мавҷудот бо силсилаи иллат ва маълул марбутанд. Бинобар ҳамин, дар дунё илмҳои гуногун пайдо шудаанд, зеро ҳеҷ қисми махлуқот аз низом берун нест. Баъзеҳо барои баъзеи дигар ба таври усул ва баъзеҳо барои баъзеҳо ба унвони фурӯъ (дуюмдараҷа) ҳастанд ва зоҳир аст, ки иллат ё ба сабаби худи зоташ пайдо мешавад ва ё вуҷудаш қоим ба вуҷуди иллати дигар мебошад. Боз ин иллати дуюм ба ягон иллати дигар мебошад ва монанди инҳо. Ин чиз дуруст нест, ки дар ин дунёи маҳдуд ин силсилаи илалу маълул (сабабҳо ва натиҷаи сабабҳо) охир надошта бошад ва беохир бошад. Пас, ҳатман қабул хоҳем кард, ки ин силсила билохир ба як иллате расида тамом мешавад. Пас, ба касе ҳамаи ин силсила расида, тамом мешавад, ҳамон Худо аст. Чашмро боз карда бубинед, ки ояти وَأَنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ الْمُنْتَهَىٰ чӣ хел дар калимаҳои мухтасари худ далели болоро баён мекунад

[113] 43: سورة النجم

ва маънояш ҳамин мебошанд, ки интиҳои ҳар як силсила Рабби ту аст.

Боз барои ҳастии худ далели дигар ин додааст, ки:

لَا الشَّمْسُ يَنْۢبَغِيْ لَهَآ اَنْ تُدْرِكَ الْقَمَرَ وَلَا الَّيْلُ سَابِقُ النَّهَارِ ۭ وَكُلٌّ فِيْ فَلَكٍ يَّسْبَحُوْنَ ۝٤٠ [114]

Яъне Офтоб моҳро дошта наметавонад ва на шаб, ки мазҳари моҳтоб аст, тасаллут бар рӯз, ки мазҳари Офтоб мебошад, карда метавонад. Яъне ягонто байни инҳо аз доираи худ намебарояд. Агар ягон мудаббари инҳо дарпарда набошад, ин ҳамаи силсила вайрон мешавад. Ин далел барои фикркунандагони илми ҳайат (астрономия) ниҳоят фоидабахш аст, зеро ҷирмҳои фалак чунин курраҳои бисёр ва бузург дорад, ки бо вайроншавии андакашон ҳамаи дунё вайрон шуда метавонад. Ин чӣ хел қудрати ҳақ аст, ки онҳо на бо як дигар тасодум мекунанд, на суръати худро иваз мекунанд ва на баъд аз ин қадар кор кухна шуданд ва ё узвҳояшон дигар шуданд. Агар ба сарашон ҳеҷ муҳофиз нест, пас, чӣ тавр ин қадар корхонаи бузург аз солҳо ҷорист? Ба ҳамин ҳикматҳо Худои таоло ишора карда дар ҷойи дигар мефармояд:

اَفِي اللّٰهِ شَكٌّ فَاطِرِ السَّمٰوٰتِ وَالْاَرْضِ ۭ [115]

---

[114] 41: سورة يٰس

[115] 11: سورة ابراهيم

Яъне Оё дар вуҷуди он Худое, ки чунин осмону заминро офаридааст, шак карда мешавад? Боз як далели латифи дигар оид ба ҳастии худ мефармояд:

كُلُّ مَنْ عَلَيْهَا فَانٍ ﴿٢٦﴾ وَيَبْقَىٰ وَجْهُ رَبِّكَ ذُو الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ ﴿٢٧﴾ [116]

Яъне ҳар як чиз рӯ ба фаност ва чизе боқӣ мемонад, Худост, ки соҳиби бузургию ҷалол аст. Акнун бубинед, ки агар мо фарз кунем, ки чунин шавад, ки замин зарра-зарра шавад ва ҷирмҳои фалакӣ низ пора-пора шаванд ва дар болои онҳо чунин бод варзад, ки ҳамаи нишонаҳояшонро маҳв кунад, аммо боз ақл ин чизро таслим ва қабул мекунад, балки виҷдони саҳеҳ инро лозим медонад, ки бо вуҷуди ин ҳамаи нестӣ як чиз боқӣ мемонад, ки бар он фано нест ва тағйиротро қабул намекунад ва ба ҳолати пешинаи худ боқӣ мемонад. Пас, ҳамон Худо аст, ки ҳамаи суратҳои litфониро ба зуҳур овард ва худи Ӯ аз дастбурди фано маҳфуз монд.

Боз бар ҳастии худ як далели дигар дар Қуръони шариф меоварад:

اَلَسْتُ بِرَبِّكُمْ ۖ قَالُوْا بَلٰى ۚ [117]

Яъне ба рӯҳҳо гуфтам, оё парвардигори шумо нестам? Гуфтанд, албатта.

[116] 28-27: سورة الرحمٰن

[117] 173: سورة الاعراف

Дар ин оят Худои таоло ранги қисса хосияти рӯҳҳоро, ки дар фитрати онҳо Ӯ мондааст, баён кардааст ва он ин аст, ки ҳеҷ рӯҳе аз рӯйи фитрат инкори Худованд карда наметавонад. Танҳо мункирон ба сабаби далел набудан дар фикрашон инкор мекунанд, аммо бо вуҷуди ин инкор онҳо қабул доранд, ки барои ҳар як ҳодис (нав пайдошуда) муҳдас (пайдокунанда) лозим аст. Дар дунё чунин нодон нест, ки агар масалан дар бадан беморие пайдо шавад, вай бигӯяд, ки дар пинҳонӣ сабаби ин беморӣ нест. Агар ин силсилаи дунё марбут ба иллат ва маълул намешуд, пас пеш аз вақт ин чизҳоро гуфтан, ки фалон рӯз тӯфон хоҳад омад ва ё шамоли сахт хоҳад вазид, ё хусуф (гирифтани моҳ) ва ё кусуф (гирифтани офтоб) хоҳад шуд, ё фалон вақт бемор хоҳад мурд, ё то фалон вақт бо як беморӣ бемории дигар пайдо мешавад, ин ҳамаи гапҳо хориҷ аз имкон мешуданд. Пас, чунин муҳаққиқ ҳарчанд вуҷуди Худоро иқрор намекунад, аммо аз як ҷиҳат иқрор мекунад, ки ӯ ҳам монанди мо барои маълулҳо талоши иллат дорад. Ҳарчанд иқрори комил набошад, ин ҳам як навъ иқрор аст. Ғайр аз ин агар як мункири вуҷуди Худоро чунин беҳуш карда шавад, ки ӯ аз фикру хаёлҳои ин дунё тамоман ҷудо шавад ва аз ҳамаи корҳои худ бекор шуда, дар тасарруфи ҳастии воло қарор гирад, дар ин сурат ӯ иқрори вуҷуди Худо хоҳад кард ва инкор намекунад. Чӣ хеле, ки таҷрибакунандагон дар ин замина таҷриба доранд. Аз ин мебояд, ки дар ояи зикршуда ба ҳамин ҳолат ишора карда шудааст ва муроди оят ин аст, ки инкори вуҷуди Худо танҳо то ба зиндагии дунё аст, вагарна дар фитрати ҳақиқӣ иқрори комил аст.

## *Сифоти Худои таоло*

Ин далелҳо бар вуҷуди Худо буданд, ки мо ҳамчун намуна навиштаем. Акнун, баъд аз ин бояд донист, ки Қуръон ба сӯйи он Худое ҷеғ мезанад ва диққати моро ҷалб мекунад, сифоташ чунин навиштааст:

هُوَ اللّٰهُ الَّذِيْ لَاۤ اِلٰهَ اِلَّا هُوَ ۚ عٰلِمُ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ ۚ

هُوَ الرَّحْمٰنُ الرَّحِيْمُ ﴿٢٢﴾[118]

مٰلِكِ يَوْمِ الدِّيْنِ ﴿٣﴾[119]

اَلْمَلِكُ الْقُدُّوْسُ السَّلٰمُ الْمُؤْمِنُ

الْمُهَيْمِنُ الْعَزِيْزُ الْجَبَّارُ الْمُتَكَبِّرُ ؕ[120]

هُوَ اللّٰهُ الْخَالِقُ الْبَارِئُ الْمُصَوِّرُ لَهُ الْاَسْمَآءُ الْحُسْنٰى ؕ

يُسَبِّحُ لَهٗ مَا فِى السَّمٰوٰتِ وَالْاَرْضِ ۚ وَهُوَ الْعَزِيْزُ الْحَكِيْمُ ﴿٢٤﴾[121]

عَلٰى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيْرٌ ﴿٢٠﴾[122]

رَبِّ الْعٰلَمِيْنَ ﴿١﴾ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيْمِ ﴿٢﴾ مٰلِكِ يَوْمِ الدِّيْنِ ﴿٣﴾[123]

اُجِيْبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ اِذَا دَعَانِ ۙ[124]

---

[118] 23: سورة الحشر

[119] 4: سورة الفاتحه

[120] 24: سورة الحشر

[121] 25: سورة الحشر

[122] 21: سورة البقرة

[123] 4-2: الفاتحة

[124] 187: سورة البقرة

ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ [125]

قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ۝٢ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ۝٣

لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ۝٤ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ۝٥ [126]

Яъне, он Худо, ки воҳид ва ло шарик аст, ғайр аз Ӯ ҳеҷ кас сазовори ибодату фармонбардорӣ нест. Ин барои он фармуд, ки агар он кас ло шарик набошад, пас, шояд қувваи душман бар қувваи он ғолиб ояд. Дар ин сурат худоии Худо дар хатар меистад. Ва ба ин сабаб гуфт, ки ғайр аз Ӯ ҳеҷ кас сазовори парастиш нест, ин маънои инро дорад, ки Ӯ чунин Худои комил аст, ки сифатҳо ва хубиҳо ва камолҳои Ӯ он чунон олиқадр ва баландтар аст, ки агар хоҳем, ки аз миёни мавҷудот назар ба сифатҳои комил худоеро интихоб карданӣ бошем ва ё дар дил сифатҳои аълотарин ва хубтарин фикр кунем, пас аз ҳама бартар, ки аз он бартар намешавад, ҳамон Худо аст, ки дар ибодати Ӯ камтареро иштирок кардан зулм аст. Боз фармуд, ки олимулғайб аст, яъне зоти худро худи Ӯ медонад. Бар зоти Ӯ ҳеҷ кас иҳота карда наметавонад. Мо сару пойи офтоб, моҳтоб ва ҳар як махлуқро дида метавонем, аммо Худоро чунин дида намешавад. Боз фармуд, ки Ӯ **олимушшаҳодат** аст, яъне ҳеҷ чиз аз назараш пинҳон нест. Ин ҷоиз нест, ки Ӯ Худо номида боз аз илми чизҳо ғофил бошад. Ӯ ба ҳар як зарраи ин олам назар дорад, аммо инсон ин тавр карда наметавонад. Ӯ медонад, ки кай ин низомро мешиканад ва қиёматро барпо хоҳад кард. Аммо ғайр аз Ӯ ҳеҷ кас намедонад, ки ин тавр кай хоҳад шуд? Пас, ҳамон

[125] سورة البقرة :256

[126] سورة الاخلاص :2-5

Худост, ки ҳамаи ин вақтҳоро медонад. Боз фармуд, ки ҳуварраҳмон (هو الرحمٰن), яъне Ӯ пеш аз ҳастӣ ва аъмоли ҷондорон танҳо бо лутфи худ, на барои мақсади дигар ва на дар натиҷаи ягон амали касе барои онҳо асбоби осоишро таъмин менамояд. Масалан, офтоб, замин ва монанди инҳо чизҳоро пеш аз вуҷуди мо ва аъмоли мо барои мо сохтааст. Дар китоби Худо ин додагиро Раҳмоният ва ба сабаби ин кор Худоро Раҳмон мегӯянд. Боз фармуд, ки арраҳим (الرَّحِيْم), яъне он Худо подоши корҳои некро нектар дода заҳмати касеро барбод намедиҳад ва ба ин сабаб кораш Раҳим номида мешавад ва ин сифат, сифати Раҳимият номида мешавад. Ва боз гуфт молики яумиддин (مٰلِكِ يَوْمِ الدِّيْنِ), яъне он Худо ҷазои ҳар якро дар дасти худ дорад. Чунин корпардоз вуҷуд надоранд, ки Ӯ ҳукумати худро ба ӯ супорида бошад ва худи Ӯ ҷудо нишаста бошад ва ҳеҷ коре накунад ва ҳамон корпардоз ҷазодиҳандаи ҳозираю оянда бошад. Боз фармуд "алмаликулқуддус" (اَلْمَلِكُ الْقُدُّوْسُ), яъне он Худо подшоҳ аст, ки ҳеҷ доғи айб надорад. Маълум аст, ки подшоҳии инсон аз айб холӣ нест. Агар масалан ҳамаи раийяташ гурехта ба кишвари дигар равад, дар ин сурат подшоҳии вай нест хоҳад шуд. Ё агар масалан ҳамаи раийят қаҳтзада шавад, пас андоз аз куҷо ояд ва агар мардуми раийят бо ӯ баҳс сар кунанд, ки ту аз мо чӣ зиёдтар дорӣ, пас, ӯ кадом лаёқати худро исбот карда метавонад. Подшоҳии Худо ин тавр нест. Ӯ дар як лаҳза тамоми кишварро фано карда, махлуқоти дигар пайдо карда метавонад. Агар Ӯ чунин холиқ ва қодир намешуд, пас, ғайр аз зулм подшоҳии Ӯ давом намекард, зеро Ӯ дунёро як бор бахшида ва наҷот дода, боз дунёи дигарро аз куҷо меовард. Оё мардуми наҷотёфтаро боз барои ба дунё фиристодан нигоҳ медошт ва роҳи зулмро пеш гирифта, ҳукми бахшиш ва наҷотдиҳии худро бекор мекард? Пас, дар ин

сурат дар худоии Ӯ фарқ меомад ва мисли подшоҳони дунё подшоҳи доғдор мешуд, ки барои дунё қонунсозӣ мекунанд. Дар ҳар як масъала хашмгин мешаванд ва дар вақтҳои ғарази худ мебинанд, ки ғайр аз зулму беадолатӣ дигар чорае нест, он гоҳ зулмро шири модар медонанд. Масалан, қонуни шоҳӣ раво мебинад, ки барои наҷоти як киштии бузург саворони киштии майда ба табоҳӣ кашида ва ҳалок карда шаванд, аммо Худо чунин маҷбурӣ надорад. Аз ин мебояд, ки агар Худо қодир ва аз адам офаранда намешуд, пас ё Ӯ мисли подшоҳони заиф ба ҷойи қудрат зулм мекард ва ё одил шуда худоиро хайрухуш мекард, балки киштии бузурги Худо бо тамоми қудратҳо қоим бар инсофи росту комил давом дорад. Боз фармуд “Ассалом” (اَلسَّلَام), яъне он Худое, ки аз ҳамаи айбҳо, мусибатҳо ва сахтиҳо маҳфуз аст, илова бар ин саломатидиҳанда аст. Мафҳуми ин ҳам фаҳмо аст, зеро агар худи Худо дар мусибатҳо гирифтор мешуд, аз дастҳои мардум зада мешуд ва дар марому мақсади худ ноком мешуд, пас, ин намунаи бадро дида чӣ тавр дилҳо тасалло мегирифтанд, ки чунин Худо моро ҳатман аз мусибатҳо озод хоҳад кард. Чунончи, Худои таоло нисбат ба маъбудони ботил мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِ اللَّهِ لَن يَخْلُقُوا ذُبَابًا وَلَوِ اجْتَمَعُوا
لَهُ ۖ وَإِن يَسْلُبْهُمُ الذُّبَابُ شَيْئًا لَّا يَسْتَنقِذُوهُ مِنْهُ ۚ
ضَعُفَ الطَّالِبُ وَالْمَطْلُوبُ ﴿٧٣﴾ مَا قَدَرُوا اللَّهَ
حَقَّ قَدْرِهِ ۗ إِنَّ اللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ﴿٧٤﴾[127]

[127] سورة الحج: 74-75

Тарҷума. Ҳар касеро шумо Худо сохтаед, аҳволашон чунин аст, ки агар ҳама якҷоя шуда, як магасро пайдо карданӣ бошанд, ҳеҷ гоҳ пайдо карда наметавонанд, ҳарчанд ба як дигар кумак расонанд, балки агар магас аз онҳо чизе бирабуяд, онҳо қувва надоранд, ки аз он магас чизи худро бозгирифта тавонанд. Парасторашон ақли заиф ва худи онҳо заиф аз қувва мебошанд. Оё Худо ҳамин хел мешавад? Худо он касест, ки бақувваттарини бақувватҳо аст ва бар ҳама ғолиб меояд. Ҳеҷ кас Ӯро дошта ва кушта наметавонад. Онҳое, ки мубталои чунин хатоҳо ҳастанд, онҳо қадри Худоро нашинохтаанд ва намедонанд, ки Худо чӣ хел бояд шавад. Ва боз фармуд, ки Худо бахшандаи амн ва бар камолоту тавҳиди худ далелҳои барпокунанда аст. Ин ишора бар он аст, ки донандаи Худои рост дар ҳеҷ як маҷлис шарманда шуда наметавонад ва на пеши Худо шарманда хоҳад шуд, зеро ӯ далелҳои забардаст дорад, аммо донандаи худои сохта ҳама вақт дар мусибат аст. Ӯ ба ҷойи баён кардани далелҳо ҳар як чизи беҳударо дар сир дохил мекунад, то бар ӯ масхарабозӣ нашавад ва ҳар як хатоҳои исботшударо пинҳон кардан мехоҳад.

Боз фармуд, ки “алмуҳаймин алазиз алҷаббор алмутакаббир” (اَلْمُهيمن العزيز الجبار المتكبر), яъне посбони ҳар як аст ва бар ҳама ғолиб ва корҳои хаторафтаро созгор аст. Зоти Ӯ ҳамеша бениёз ва беэҳтиёҷ аст. Ва фармуд, ки هُوَ اللَّهُ الْخَالِقُ الْبَارِئُ الْمُصَوِّرُ لَهُ الْأَسْمَاءُ الْحُسْنَى, яъне Ӯ чунин Худост, ки офаридгори баданҳо ва инчунин рӯҳост. Дар раҳми модар сурат пайдо мекунад. Ҳамаи номҳои нек, ки ақли мо фикр карда метавонад, бо Ӯ мансубанд. Ва боз фармуд. -يُسَبِّحُ لَهُ مَا فِي السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ وَهُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ Яъне ҳам аҳли фалак ва ҳам аҳли замин номи Ӯро бо покӣ ёд мекунанд. Дар ин оят

ишора карда шудааст, ки дар ҷирмҳои осмонӣ ободӣ аст ва онҳо низ пойбанди ҳидоятҳои Худо ҳастанд. Ва боз фармуд, ки عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ- Яъне Худо қодири мутлақ аст. Ин тасалло барои парастишкунандагон аст, зеро агар Худо оҷиз бошад ва қодир набошад, пас, онҳо аз чунин Худо чӣ умед хоҳанд дошт. Ва боз фармуд, رَبِّ الْعَالَمِينَ- الرَّحْمنِ الرَّحِيمِ- مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ- أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ- Яъне Худо он аст, ки парваришкунандаи ҳамаи оламҳо, раҳмон, раҳим ва молики рӯзи ҷазо аст. Ин ихтиёрро ба ҳеҷ кас намедиҳад. Садои ҳар як садодиҳандаро гӯш мекунад ва ҷавобдиҳанда, яъне дуоро қабулкунандааст. Боз фармуд, "алҳайюлқайюм" (الحىُّ القيوم), яъне ҷовидон ва ҷони ҳамаи ҷонҳо ва вуҷуди ҳамагонро нигаҳдор аст. Ин барои он гуфт, ки агар Ӯ азалӣ ва абадӣ набошад, пас, ҳар вақт дар дил биму ҳарос пайдо мешавад, ки шояд он кас пеш аз мо вафот кунад. Боз фармуд, ки Ӯ Худои якто аст, на Ӯ писари касест ва на касе писари Ӯст. На касе ҳамтои Ӯ ва на касе ҳамҷинси Ӯст.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки тавҳиди Худои таолоро саҳеҳ таслим кардан ва дар ин маврид каму зиёд накардан, чунин адлест, ки инсон дар ҳаққи молики ҳақиқии худ ба ҷо меоварад. Ин ҳамаи қисми таълими ахлоқист, ки дар таълими Қуръони шариф зикр шудааст. Дар ин қоида ҳамин аст, ки Худо ҳамаи ахлоқро аз ифрот ва тафрит (камӣ) нигоҳ доштааст ва ҳар як хулқро дар он ҳолат бо хулқ номидааст, ки вақте он хулқ аз ҳадди ҳақиқии худ на камӣ ва на таҷовоз кунад. Албатта некии ҳақиқӣ ҳамон аст, ки дар байни ду ҳадҳо бошад, яъне байни зиёдатӣ ва камӣ ва ё ифрот ва тафрит мебошад. Ҳар як одате, ки ба миёнаравӣ кашад ва дар миён истад, ҳамон хулқи фозилро пайдо мекунад. Шинохтани маҳал ва мавқеъ (вақту замон) васт, яъне миёнаравӣ мебошад. Масалан, агар деҳқон

тухми худро пеш аз вақт корад ва ё баъд аз вақт, дар ҳар ду сурат ӯ вастро (миёнаравиро) тарк менамояд. Некӣ, ҳақ ва ҳикмат дар васт ҷойгиранд ва васт дар мавқеъшиносӣ ҷойгир мебошад. Ё ин хел бифаҳмед, ки ҳақ он чизест, ки ҳамеша дар байни ду ботилҳои бо ҳам зид ҷо дорад ва дар ин иштибоҳе нест, ки ҳамеша пойбанди мавқеъбинӣ инсонро дар васт нигоҳ медорад ва дар бораи Худошиносӣ шинохти васт ин аст, ки дар вақти баёни сифатҳои Худо на майл ба сифатҳои манфӣ шавад ва на Худоро ба чизҳои моддӣ монанд карда шавад. Ҳамин роҳро Қуръон дар зикри сифатҳои Худои таоло ихтиёр кардааст, чунончи Қуръон мефармояд, ки Худо мебинад, гӯш мекунад, медонад, гап мезанад ва калом мекунад ва боз барои нигоҳ доштан аз монандии махлуқ ин тавр мефармояд:

لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ ۖ [128]

فَلَا تَضْرِبُوا لِلَّهِ الْأَمْثَالَ ۚ [129]

Яъне дар зоту сифоти Худо ҳеҷ кас ҳамтои Ӯ нест. Барои Ӯ аз махлуқ мисолҳо наоред. Аз ин мебояд, ки зоти Худоро байни ташбеҳ (تشبيه) ва танзеҳ (تنزيه) мондан, ҳамин васт аст. Хулоса, тамоми таълими Ислом таълими миёнаравӣ аст. Сураи **Фотеҳа** низ ҳидояти миёнаравиро менамояд, зеро Худои таоло мефармояд. غَيْرِ الْمَغْضُوْبِ عَلَيْهِمْ وَلَا الضَّالِّيْنَ- سورة الفاتحة- 7 Мурод аз "мағзуби алайҳим" он касонанд, ки дар муқобили Худо қувваҳои ғазабиро истифода

[128] 12: سورة الشوري

[129] 75: سورة النحل

бурда пайравии узвҳои ҳафтгона мекунанд ва мурод аз "золлин" он кас мебошанд, ки қувваҳои баҳимияро (ҳайвониро) пайравӣ мекунанд ва роҳи миёна он аст, ки онро аз калимаҳои "анъамта алайҳим” (اَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ) ёд фармудааст. Хулоса, барои ин уммати муборак дар Қуръони шариф ҳидояти васт аст. Дар Таврот Худои таоло бар интиқом зиёдтар таъкид карда буд ва дар Инҷил афв ва бахшишро таъкид карда буд ва ин умматро таълими мавқеъшиносӣ ва васт дода шуд. Чунончи, Худои таоло мефармояд:

وَكَذٰلِكَ جَعَلْنٰكُمْ اُمَّةً وَّسَطًا [130]

Яъне мо шуморо амалкунандагон ба роҳи миёна сохта ва таълими миёнаравӣ омӯхтем. Пас, дуруд бар касоне, ки роҳи миёнаро дар пеш мегиранд. خَيْرُ الْاُمُوْرِ اَوْسَطُهَا

## *Ҳолатҳои рӯҳонӣ*

**Қисми сеюм**, яъне ин ки ҳолатҳои рӯҳонӣ чиҳо мебошанд? Бидонед, ки мо пеш аз ин зирк кардаем, ки ба сабаби ҳидояти Қуръони карим манбаъ ва сарчашмаи ҳолатҳои рӯҳонӣ нафси мутмаинна аст, ки инсонро аз дараҷаи боахлоқ то ба дараҷаи Худошинос мерасонад. Чӣ хеле, ки Худои азза ва ҷалла мефармояд:

يٰۤاَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ ۝٢٨ ارْجِعِيْۤ اِلٰى رَبِّكِ رَاضِيَةً

[130] سورة البقرة :144

مَّرۡضِيَّةٗ ﴿٢٨﴾ فَٱدۡخُلِي فِي عِبَٰدِي ﴿٢٩﴾ وَٱدۡخُلِي جَنَّتِي ﴿٣٠﴾[131]

Яъне эй нафси бо Худо оромёфта, ба тарафи Худо баргард. Ӯ аз ту розӣ ва ту аз Ӯ розӣ, пас, ба ҷамъи бандагонам ворид шав инчунин дар биҳишти ман дохил шав.

Дар ин ҷо лозим медонем, ки барои баён намудани ҳолатҳои рӯҳонӣ, ояти болоро андак шарҳ диҳем. Пас, бояд донист, ки ҳолати рӯҳонии дараҷаи аълои инсон дар ин дунё ин мебошад, ки бо Худо ором ёбад ва ҳамаи итминон, сурур ва лаззати ӯ дар Худо бошад. Ҳамин ҳолат аст, ки ба сурати дигар инро зиндагонии биҳиштӣ меноманд. Дар ин ҳолат инсон дар ивази сидқ, сафо ва вафои комили худ биҳишти нақд ба даст меорад. Дигарон ҳоло ба тарафи биҳишти ваъдашуда нигоҳ доранд ва ин кас дар биҳишти мавҷуд дохил мешавад. Инсон ба ин дараҷа расида мефаҳмад, ки ибодате, ки бораш ба сари ӯ бор карда шудааст, дар ҳақиқат ҳамон ғизоест, ки рӯҳаш аз он нашъунамо меёбад ва зиндагии рӯҳонии ӯ асоси калон бар он дорад ва ҳосили натиҷаи он бар ягон ҷаҳони дигар мавқуф нест. Дар ҳамин дараҷа ин чиз равшантар шуда ҳосил мешавад, ки он ҳамаи маломатҳо, ки нафси лаввомаи инсон бар зиндагии нопоки ӯ мекунад ва бо вуҷуди ин хоҳишҳои некро ангехта наметавонад ва аз хоҳишҳои бад нафрати ҳақиқӣ кунонда наметавонад ва на барои истодагарӣ кардан бар некӣ қувваи даркор дода метавонад, дар натиҷаи ин таҳрики пок иваз мешавад, ки дар асл оғози нашъунамои нафси мутмаинна аст. Ба ин дараҷа расида вақт мерасад, ки инсон соҳиби комёбии комил шавад ва дар ин

[131] سورة الفجر :28-31

мақом ҳамаи эҳсосоти нафсонӣ худ аз худ рӯ ба ноумедӣ ниҳода, бар рӯҳ чунон боди бақувват мевазад, ки инсон заъфҳои пешинаро бо нигоҳи хиҷолат мебинад. Он гоҳ бар сиришти инсон инқилоби бузург меояд ва дар одаташ таҳаввули азим рух медиҳад ва инсон аз ҳолатҳои пешина бисёр дур меравад, пок мешавад, тоза карда мешавад ва Худо муҳаббатӣ некӣ кардан бо дасти худро дар дилаш дохил мекунад ва чирки бадиро аз дилаш гирифта берун мепартояд. Ҳамаи лашкари ростӣ дар шаҳри дил дохил шуда бар ҳамаи бурҷҳои фитрат ростӣ ғолиб меояд. Ҳақ пирӯз мешавад ва ботил рӯ ба фирор ниҳода, силоҳҳои худро ба замин мениҳад. Бар дили он кас дасти Худо аст ва ӯ ҳар як қадамро зери сояи Худо мебардорад. Чунончи Худои таоло дар оятҳои зайл ба ҳамин чизҳо ишора карда мефармояд:

أُولَٰئِكَ كَتَبَ فِي قُلُوبِهِمُ الْإِيمَانَ وَأَيَّدَهُم بِرُوحٍ مِّنْهُ ۖ [132]

وَزَيَّنَهُ فِي قُلُوبِكُمْ وَكَرَّهَ إِلَيْكُمُ الْكُفْرَ وَالْفُسُوقَ وَالْعِصْيَانَ ۚ

أُولَٰئِكَ هُمُ الرَّاشِدُونَ ﴿٨﴾ فَضْلًا مِّنَ اللَّهِ

وَنِعْمَةً ۚ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ ﴿٩﴾ [133]

جَاءَ الْحَقُّ وَزَهَقَ الْبَاطِلُ ۚ إِنَّ الْبَاطِلَ كَانَ زَهُوقًا ﴿٨١﴾ [134]

Яъне Худо имонро дар дили муъминон бо дасти худ нигоштааст ва бо рӯҳулқудс кумакашон кардааст. Ӯ, – эй муъминон, имонро маҳбубатон кардааст ва ҳусну ҷамолаш дар

---

[132] 23: سورة المجادلة

[133] 9-8: سورة الحجرات

[134] 82: بنی اسرائیل

дилҳоятон нишондааст ва аз куфр, бадкорӣ ва гуноҳ дар дили шумо нафрат пайдо кардааст ва макруҳ будани роҳҳои бад дар дили шумо устувор кардааст. Ин ҳама бо фазлу раҳмати Худо шудааст. Ҳақ омад ва ботил гурехт ва ботил кай ба муқобили ҳақ истодагарӣ карда тавонист.

Хулоса, ҳамаи ин ишораҳо ба тарафи ин ҳолати рӯҳонӣ мебошанд, ки дар дараҷаи сеюм инсон ҳосил менамояд ва инсон ҳеҷ гоҳ басорати (дурандешии) ҳақиқӣ ёфта наметавонад, то вақте, ки ин ҳолат ӯро ҳосил нашавад. Фармони Худо, ки “Ман имонро бо дасти худ дар дили онҳо навиштаам ва бо рӯҳулқудус онҳоро кумак кардаам”, ишора ба ин тараф аст, ки инсон ҳеҷ гоҳ таҳорат ва покии ҳақиқӣ ҳосил карда наметавонад, то вақте, ки аз осмон ёрдам нашавад. Ҳолати инсон дар дараҷаи нафси лаввома ин тавр мебошад, ки тавба кардан мегирад ва бо такрор меафтад, балки бисёри вақт аз салоҳияти худ ноумед мешавад ва марзи худро лоилоҷ мефаҳмад ва то як муддате ҳамин хел меистад ва ҳангоме вақти таъйиншуда тамом мешавад, дар шабе ё рӯзе якбора бар ӯ нур нозил мешавад ва дар ин нур қувваи Илоҳӣ мебошад. Дар натиҷаи нозилшавии ин нур дар ӯ тағйири аҷибе пайдо мешавад ва аз тарафи як дасти пинҳон тасарруфи қавиро ҳис мекунад ва олами аҷибе пеши ӯ меояд. Он гоҳ инсон мефаҳмад, ки **Худо ҳаст** ва дар чашмҳояш нуре пайдо мешавад, ки пеш набуд, аммо ин роҳро чӣ тавр бояд ҳосил кунем ва ин равшаниро чӣ хел ёбем? Пас, бидонед, ки дар ин дунё, ки доруласбоб аст, барои ҳар як маълул як иллат вуҷуд дорад ва барои ҳар як ҳаракат як муҳаррик аст ва барои ҳар ҷӯяндаи илм роҳест, ки онро сироти мустақим мегӯянд. Дар дунё ҳеҷ чиз нест, ки ба ин қоидаҳо, ки аз аввал қудрат барои он

муқаррар кардааст, амал накарда ҳосил шавад. Қонун мегӯяд, ки барои ҳосил намудани ҳар як илм як сироти мустақим аст ва ҳосилшавиаш ба ҳамон сироти мустақим аз рӯйи қудрат мавқуф аст. Масалан, агар мо дар як ҳуҷраи торик нишаста бошем ва моро нури офтоб даркор шавад, пас, барои мо сироти мустақим ҳамин аст, ки мо он тирезаро кушоем, ки ба тарафи офтоб аст. Дар натиҷаи ин амал якбора нури офтоб омада, моро равшан хоҳад кард. Ҳамин тавр барои ҳосил намудани файзҳои рост ва ҳақиқии Худо ягон тирезае ва барои ҳосил намудани рӯҳонияти пок ягон роҳи махсус хоҳад шуд ва он ин аст, ки барои умури рӯҳонӣ талоши сироти мустақим кунем, чӣ тавре, ки барои комёб шудан дар ҳар як амри зиндагиамон мо ҳама вақт талоши сироти мустақим кардан мегирем, аммо оё он роҳ ин аст, ки мо танҳо бо ақли худ ва гапҳои сохтаи худро асос гузошта, висоли Худоро ҷӯем? Оё танҳо бо фалсафа ва мантиқи худамон он дарҳо бар мо кушода мешаванд, ки кушода кардани онҳо бар дастҳои қавии Ӯ мавқуф аст? Бешубҳа бидонед, ки ин чиз дуруст нест. Мо он Ҳай ва Қайюмро танҳо бо ҳилаҳои худ ҳосил карда наметавонем, балки дар ин роҳ сироти мустақим танҳо ин аст, ки аввал мо зинагии худро бо ҳамаи қувваҳои худ дар роҳи Худо вақф кунем, пас, барои висоли Худо дуо кардан гирем, то Худоро ба воситаи Худо ҳосил намоем.

### *Як дуои зебо*

Аз ҳама дуои хуб, ки тарзи савол кардани дар маҳал ва мавқеъ моро ёд медиҳад ва нақшаи ҷӯши рӯҳонии фитрат пеши мо мениҳад, он дуо аст, ки Худои карим дар китоби худ, яъне дар Қуръон ва дар сураи Фотеҳа моро омӯзондааст, яъне بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ

الرَّحِيْمِ۔ اَلْحَمْدُ لِلهِ رَبِّ الْعَالَمِيْنَ۔ Ҳамаи сифатҳои сазовор ва пок он Худорост, ки офаринандаи ҳамаи ҷаҳонҳо ва барқарордорандаи онҳост. اَلرَّحْمٰنِ الرَّحِيْمِ۔ Ҳамон Худо, ки пеш аз аъмоли мо барои мо асбоби раҳмат муҳайё месозад ва баъд аз аъмоли мо бо раҳмат мукофотдиҳанда аст. مَالِكِ يَوْمِ الدِّيْنِ۔ Худое, ки молики рӯзи ҷазо танҳо Ӯ мебошад. Он рӯз дар дасти касе дигар супорида нашудааст. إِيَّاكَ نَعْبُدُ وإِيَّاكَ نَسْتَعِيْنُ۔ Эй оне, ки ҷомеи ин сифатҳоӣ, мо туро парастиш мекунем ва мо дар ҳар як кор аз Ту тавфиқ мехоҳем. Дар ин ҷо бо ҷонишини “мо” иқрор кардани парастиш ишора ба ин тараф аст, ки ҳамаи узвҳои мо дар парастиши Ту бананд ва бар остонаи Ту хам шудаанд, зеро инсон аз рӯйи узвҳои дуруни худ як ҷамоат ва ё як уммат аст ва дар ин сурат Худоро саҷда кардани ҳамаи узвҳо дар ҳақиқат ҳолатест, ки онро Ислом меноманад. اِهدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيْمَ۔ صِرَاطَ الَّذِيْنَ أَنعَمْتَ عَلَيْهِمْ۔ Моро роҳи рости худ нишон бидеҳ ва бар он истиқомат ато карда, роҳи онҳоро нишон бидеҳ, ки инъому икроми Ту аллакай бар онҳо ҳаст ва мавриди фазлу карами Ту шудаанд. غَيْرِ الْمَغْضُوْبِ عَلَيْهِمْ وَلَا الضَّالِّيْنَ۔ سورة الفاتحة۔1-7 Моро аз роҳи онҳо дур кун, ки мавриди ғазаби Ту қарор гирифтаанд ва ба Ту расида натавонистанд ва роҳро гум кардаанд. Омин. Худоё, ҳамин тавр кун.

Ин оятҳо мефаҳмонанд, ки инъомҳои Худо, ки ба алфози дигар файзҳо номида мешаванд, бар ҳамонҳо нозил мешаванд, ки зинагии худро дар роҳи Худо фидо карда, ҳамаи вуҷуди худро дар роҳи Ӯ вақф карда ва дар ризои Ӯ маҳв шуда, боз ба ин сабаб дар дуо машғул мешаванд, ки чӣ қадар инсон аз неъматҳои рӯҳонӣ, қурби Худо, висол, муколима ва мухотиба ҳосил карда тавонад, он ҳамаи чиз онҳо ҳосил кунанд ва бо ҳамин дуо аз ҳамаи узвҳо ибодат

ба ҷо меоранд ва парҳез аз гуноҳ мекунанд ва худро дар остонаи Илоҳӣ мемонанд ва то ҳадди имкон худро аз бадӣ дур мекунанд ва аз роҳҳои ғазаби Худо дур меистанд. Азбаски онҳо бо сидқ ва ҷуръати баланд Худоро ҷустуҷӯ мекунанд, бинобар ҳамин Ӯро меёбанд ва аз пиёлаҳои маърифати поки Худо сероб карда мешаванд. Дар ин оят зикр кардани истиқомат ишора ба он аст, ки файзи комил ва рост, ки ба олами рӯҳонӣ мерасонад, бо истиқомати комил вобаста аст. Мурод аз истиқомати комил он сидқу вафост, ки ҳеҷ як имтиҳон онро зарар нарасонад, яъне чунон пайванд бошад, ки на шамшер бурида тавонад, на оташ сӯзонад ва на ягон офати дигар онро зарар расонад. Маргҳои хешону наздикон аз ин алоҳида карда натавонанд, ҷудоии дӯстдоштагон дар ин халал расонда натавонад, тарси беобрӯӣ ба даҳшат наафтонад, кушта шудан аз ранҷҳои сахт дилро заррае тарсонда натавонад. Пас, ин дарвоза ниҳоят танг аст ва ин роҳ ниҳоят душвор аст. Оҳ, сад оҳ, чӣ қадар мушкил аст.

Ба ҳамин тараф ишора карда Худои ҷалла шаънуҳу дар ин ояҳо мефармояд:

قُلْ اِنْ كَانَ اٰبَآؤُكُمْ وَاَبْنَآؤُكُمْ وَاِخْوَانُكُمْ وَاَزْوَاجُكُمْ وَ
عَشِيْرَتُكُمْ وَاَمْوَالُ ۨاقْتَرَفْتُمُوْهَا وَتِجَارَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا
وَمَسٰكِنُ تَرْضَوْنَهَآ اَحَبَّ اِلَيْكُمْ مِّنَ اللّٰهِ وَرَسُوْلِهٖ وَ
جِهَادٍ فِيْ سَبِيْلِهٖ فَتَرَبَّصُوْا حَتّٰى يَاْتِيَ اللّٰهُ بِاَمْرِهٖ ؕ

وَاللّٰهُ لَا يَهْدِى الْقَوْمَ الْفٰسِقِيْنَ ﴿٢٤﴾[135]

Яъне, ба онҳо бигӯ, ки агар падарҳоятон, писарҳоятон, бародарҳоятон, занҳоятон, қавму хешҳоятон, молҳои бо заҳмат касб кардаатон, тиҷоратҳое, ки аз зарари он метарсед ва ҷоҳои истиқомати дилписандатон дар муқоиса ба Худо ва расулаш ва дар роҳи Ӯ бо ҷонҳои худ ҷангидан азизтар ҳастанд, пас, то он вақт интизор шавед, ки Худо ҳукми худро ошкор намояд ва Худо ҳеҷ гоҳ бадкоронро роҳи худ нишон нахоҳад дод.

Аз ин ояҳо ошкор аст, ки онҳое, ки ризои Худоро тарк намуда хешҳо ва молҳои худро нисбат ба Худо азизтар доранд, дар назари Худо бадкор мебошанд ва ҳатман ҳалок хоҳанд шуд, зеро онҳо бегонаҳоро бар Худо муқаддам карданд. Ҳамин дараҷаи сеюм аст, ки дар ин он шахс Худодор мешавад, ки барои Ӯ ҳазорҳо балоро мехарад ва ба тарафи Худо бо чунон сидқ ва ихлос майл кунад, ки ғайр аз Худо ҳеҷ кас бо вай набошад, гӯё ҳама мурданд. Аз ин мебояд, ки то вақте, ки мо намурем, Худои зинда ба назар расида наметавонад. Ҳамон рӯз рӯзи зуҳури Худо мебошад, ки вақте бар зиндагии ҷисмонии мо марг ворид шавад. Мо нобиноем, то вақте ки аз дидани бегонаҳо нобино нашавем. Мо мурдаем, то вақте ки дар дасти Худо монанди мурда нашавем. Чун рӯйи мо дуруст дар рӯбарӯшавӣ бо Ӯ қарор гирад, он гоҳ он истиқомати ҳақиқие, ки бар ҳамаи эҳсосоти нафсонӣ ғолиб меояд, моро ҳосил хоҳад шуд. Пеш аз ин ҳослил намешавад. Ҳамин истиқоматест, ки

[135] سورة التوبة :24

бо вай дар зиндагии нафсонӣ марг воқеъ мешавад. Истиқомати мо, чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд, ин аст:

بَلَىٰ مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ [136]

Яъне монанди қурбонӣ дар пеши ман гардан гузоред. Ҳамин тавр, дараҷаи истиқоматро (сабот, истодагариро) дар он вақт ҳосил хоҳем кард, ки ҳамаи узвҳои вуҷудамон ва ҳамаи қувваҳои нафс дар ҳамин кор машғул шаванд ва маргу ҳаёти мо танҳо аз они Ӯ гардад. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿١٦٣﴾ [137]

Яъне бигӯ, Намози ман, қурбонии ман ва зистану мурданам ҳама ба хотири Худост. Ва вақте муҳаббати инсон бо Худо то ба ин дараҷа расад, ки зинда мондан ва мурданаш на барои худ, балки барои Худо шавад, он гоҳ он Худое, ки ҳамеша бо муҳаббаткунандагон муҳаббат мекунад, муҳаббати худро бар ӯ нозил мекунад ва дар натиҷаи якҷо шудани ин ҳар ду муҳаббатҳо дар дили инсон нуре пайдо мешавад, ки дунё онро намешиносад ва фаҳмида наметавонад. Ҳазорҳо сиддиқҳо ва баргузидаҳо ба сабаби ҳамин ба қатл расонда шуданд, ки дунё онҳоро нашинохт. Онҳо ба ҳамин сабаб якрав ва ҳилагар гуфта шуданд, ки дунё чеҳраи нуронии онҳоро дида натавонист. Чӣ хеле, ки мефармояд:

---

[136] 113: سورة البقرة

[137] 163: سورة الانعام

يَنْظُرُوْنَ اِلَيْكَ وَهُمْ لَا يُبْصِرُوْنَ ﴿١٩٩﴾[138]

Яъне онҳое, ки мункиранд, ба сӯйи ту нигоҳ мекунанд, аммо ту ба онҳо наменамоӣ. Хулоса, вақте он нур пайдо мешавад, ба сабаби пайдоиши он нур як шахси заминӣ, осмонӣ мегардад ва Оне, ки молики ҳар як вуҷуд аст, дар ӯ гап мезанад ва ҷилои улуҳияти худ нишон медиҳад ва дили онро, ки аз муҳаббати пок пур аст, тахтгоҳи худ месозад. Аз ҳамон лаҳза, ки ин шахс як табаддулоти нуронӣ ёфта, ба одами нав мубаддал мегардад, Худо барои он кас як Худои нав мешавад ва одатҳову суннатҳои нав нишон медиҳад. Ин тавр нест, ки Ӯ Худои нав аст ва ё одатҳои нав пайдо кардааст, аммо он одатҳо аз одатҳои одии Худо ҷудо мебошанд ва фалсафаи дунё аз онҳо ошно нест ва ин шахс монанди гуфтаҳои Худо мешавад:

وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَّشْرِيْ نَفْسَهُ ابْتِغَآءَ مَرْضَاتِ
اللّٰهِ ؕ وَاللّٰهُ رَءُوْفٌۢ بِالْعِبَادِ ﴿٢٠٨﴾[139]

Яъне аз миёни мардум онҳо инсони дараҷаи аъло мебошанд, ки дар ризои Худо фонӣ шуданд. Онҳо ризои Худоро дар ивази фурӯхтани ҷони худ мехаранд. Ба чунин одамон раҳмати Худо аст, инчунин он шахсе, ки ба дараҷаи ҳолати рӯҳонӣ расидааст, дар роҳи Худо фидо мешавад.

---

[138] 199: سورة الاعراف
[139] 208: سورة البقرة

Худованд дар ин оя мефармояд, ки он шахс, ки дар роҳи Ман ва дар роҳи ризои Ман ҷони худро фидо мекунад, аз ҳамаи ғамҳо наҷот меёбад ва бо ҷонфишонӣ ин ҳоли худро исбот мекунад, ки ӯ аз они Худо аст ва ҳамаи вуҷуди худро чизе фикр мекунад, ки барои итоати холиқ ва хидмати махлуқ сохта шудааст ва боз некиҳои ҳақиқӣ оид ба ҳар як қувва бо чунон завқу ҳавас ва аз таҳти дил ба ҷо меорад, ки гӯё дар оинаи фармонбардории худ маҳбуби ҳақиқии худро дида истодааст. Иродааш бо иродаи Худо ҳамранг мешавад ва ҳамаи лаззаташ дар фармонбардорӣ мебошад ва ҳамаи корҳои солеҳи ӯ на аз роҳи мушаққат, балки бо кашиши талаззуз (хушӣ) ва эҳзоз (бобаҳрагӣ) зоҳир шудан мегиранд. Ин биҳишти нақд аст, ки инсони рӯҳониро ҳосил мешавад ва он биҳиште, ки дар он дунё хоҳад ёфт, дар ҳақиқат азлол (инъикос) ва осори ҳаминанд, ки дар олами дигар қудрати Худованд ба таври ҷисмонӣ зоҳир карда нишон медиҳад. Ба ҳамин тараф ишора аст, ки Худои ҷалла шаънуҳу мефармояд:

وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهٖ جَنَّتٰنِ ۚ﴿٤٦﴾ [140]

وَسَقٰىهُمْ رَبُّهُمْ شَرَابًا طَهُوْرًا ﴿٢٢﴾ [141]

اِنَّ الْاَبْرَارَ يَشْرَبُوْنَ مِنْ كَاْسٍ كَانَ مِزَاجُهَا كَافُوْرًا ۚ﴿٦﴾

عَيْنًا يَّشْرَبُ بِهَا عِبَادُ اللّٰهِ يُفَجِّرُوْنَهَا تَفْجِيْرًا ﴿٧﴾ [142]

وَيُسْقَوْنَ فِيْهَا كَاْسًا كَانَ مِزَاجُهَا زَنْجَبِيْلًا ۚ﴿١٨﴾

---

[140] 47: سورة الرحمٰن

[141] 22: سورة الدهر

[142] 7-6: سورة الدهر

عَيۡنٗا فِيهَا تُسَمَّىٰ سَلۡسَبِيلٗا ۝١٨ [143]

إِنَّآ أَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ سَلَٰسِلَاْ وَأَغۡلَٰلٗا وَسَعِيرًا ۝٤ [144]

وَمَن كَانَ فِي هَٰذِهِۦٓ أَعۡمَىٰ فَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ أَعۡمَىٰ وَأَضَلُّ سَبِيلٗا ۝٧٢ [145]

Яъне барои шахсе, ки аз Худо тарсон ва аз дараҷаи азамату ҷалолаш ҳаросон бошад, ду биҳишт аст. Яке ҳамин дунё ва дигаре охират. Ва шахсоне, ки дар Худо маҳванд, Худо онҳоро шарбате нӯшондааст, ки дилу афкор ва иродаҳояшонро пок намуд. Бандагони нек он шарбат нӯшида истодаанд, ки дар таркибаш кофур аст. Онҳо аз он чашма менӯшанд, ки бо дасти худ мекобанд.

## ***Ҳақиқати шарбати кофурӣ ва занҷабилӣ***

Ман пештар зикр кардаам, ки калимаи кофур ба он сабаб дар ин оят истифода шудааст, ки дар луғати арабӣ “кафара” (كَفَرَ) фурӯ нишондан ва ё фурӯ пӯшонданро мегӯянд. Пас, ин ишора аст, ки онҳо ба чунин меҳру муҳаббат пиёлаи инқитоъ (танҳоӣ) ва руҷӯи илаллоҳ (баргашт ба Худо) нӯшидаанд, ки дилашон аз муҳаббати дунё тамоман хунук шудаанд. Ин қоида аст, ки ҳамаи эҳсосот аз хаёли дил пайдо мешаванд ва вақте дил аз хаёлҳои беҳуда бисёр дур шавад ва ҳеҷ алоқа бо онҳо боқӣ намонад, пас, он эҳсосот низ оҳиста-оҳиста кам шудан мегиранд, ҳатто нобуд мешаванд. Пас, дар ин ҷо мақсади Худо ҳамин аст ва Ӯ дар ин оя мефаҳмонад, ки

---

143 سورة الدهر :18-19

144 سورة الدهر :5

145 سورة بنی اسرائیل :73

онҳое, ки ба тарафи Ӯ ба таври комил майл карданд, онҳо аз эҳсосоти нафсонӣ бисёр дур шуданд ва ин тавр тарафи Худо майл карданд, ки аз корҳои дунё дилашон хунук шуданд ва эҳсосоташ чунон фуру нишастанд, чӣ хеле, ки кофур моддаҳои заҳрнокро фишурда зер мекунад.

Боз фармуд, ки онҳо баъд аз пиёлаи кофурӣ пиёлаи дигариро менӯшанд, ки дар таркибаш “занҷабил” аст. Акнун бидонед, ки калимаи занҷабил аз ду калима мураккаб аст, яъне “зана” ва “ҷабал”. Ва дар луғати арабӣ зана "боло баромадан" ва ҷабал "кӯҳ"-ро мегӯянд. Маънои луғавиаш “ба кӯҳ баромад” мешаванд. Акнун бидонед, ки баъд аз тамом шудани бемории заҳрнок ва пеш аз баргаштани сиҳати комил бар инсон ду ҳолат меоянд. Яке он ки ҷӯши моддаи заҳрнок тамоман нест мешавад ва ҷӯши моддаҳои хатарнок рӯ ба ислоҳ мекунанд ва ҳамлаи кайфиятҳои заҳрӣ ба хайр мегузарад ва он тӯфони муҳлаке, ки барпо шуда буд, фурӯ мешинад, аммо то ҳол дар узвҳо заъф боқӣ мемонад. Ягон кори вазнин карда намешавад. Ҳоло мисли мурда уфтону хезон роҳ мегардад. Ҳолати дуюм, вақти баргаштани сиҳати пурра аст. Он гоҳ бадан пур аз қувва мешавад ва бо сабаби баргаштани қувва чунон ҳавсалааш баланд мешавад, ки ба кӯҳҳо мебарояд ва бо нишот ба теппаҳои баланду боло давида меравад. Дар дараҷаи сеюми сулук (парҳезкорӣ) ин ҳолат муяссар мегардад. Дар бораи чунин ҳолат Худои таоло дар оя ишора мефармояд, ки ба дараҷаи боло мерасидагии мардуми Худо дар он пиёлаҳо менӯшанд, ки омезиши занҷабил доранд, яъне онҳо тамоми қувваи ҳолати рӯҳониро ёфта, бар теппаҳои бузургу баландтар мераванд ва корҳои мушкил аз

дасти онҳо анҷом мешаванд ва дар роҳи Худо онҳо ҷонфишониҳои ҳайратнок нишон медиҳанд.

***Таъсири занҷабил***

Дар ин ҷо бояд донист, ки аз рӯйи илми тиб занҷабил он доруест, ки ба забони ҳиндӣ “сӯнт” мегӯянд. Он ҳарорати ғаризӣ (гармии табии бадан)-ро бисёр қувват медиҳад ва шикамравиро сиҳат мекунад ва бинобар ҳамин номаш занҷабил монда шудааст, ки гӯё он заифҳоро чунон қувва медиҳад ва гармӣ мерасонад, ки вай ба кӯҳҳо баромада метавонад. Мақсади Худо аз баён намудани ин ояҳои ба ҳам муқобил, ки дар як ҷо зикри кофур аст ва дигар ҷо занҷабил аст, ин аст, ки вақте инсон бо эҳсосоти нафсонӣ ба тарафи некӣ ҳаракат мекунад, он гоҳ сараввал чунин ҳолат пайдо мешавад, ки моддаҳои заҳрнокаш фурӯ нишонда мешаванд ва эҳсосоти нафсонӣ рӯ ба камӣ мекунанд, чӣ хеле, ки кофур моддаҳои заҳрнокро фурӯ менишонад. Ба ҳамин сабаб он барои вабо ва тасфи баланди бадан фоидаовар мебошад ва вақте ҷӯши маводи заҳрнок фурӯ нишинад ва як намуди сиҳат, ки заъф дорад, ҳосил шавад, он гоҳ марҳилаи дуюм ин аст, ки он бемори заиф бо шарбати занҷабил қувва мегирад ва шарбати занҷабилӣ таҷаллии ҳусну ҷамоли Худованд аст, ки ғизои рӯҳ аст. Вақте аз ин таҷаллӣ инсон қувва мегирад, он гоҳ ба кӯҳу теппаҳои баланду боло баромада метавонад ва дар роҳи Худо корҳои сахту ҳайратовар карда нишон медиҳад. То вақте, ки чунин гармӣ дар дили касе набошад, ҳеҷ ин тавр карда наметавонад. Пас Худои таоло дар ин ҷо барои фаҳмондани ин ду ҳолат ду калимаи забони арабиро интихоб намудааст. Яке бо “кофур”, ки фурӯ нишонданро мегӯянд ва дигаре “занҷабил”, ки

боло баромаданро мегӯянд ва дар ин роҳ ду ҳолат барои соликҳо (зоҳидон) воқеъ аст. Қисмати боқимондаи оя чунин аст: إِنَّا أَعْتَدْنَا لِلْكَافِرِينَ سَلَاسِلَا وَ أَغْلَلًا وَسَعِيْرًا- سورة الدهر-5 Яъне мо барои мункирон, ки ростиро қабул кардан намехоҳанд, занҷирҳо, тавқи гардан ва сӯзиши оташи барафрӯхтаро омода кардаем. Мафҳуми ин оя чунин аст, ки онҳое, ки аз таҳти дил Худоро ҷустуҷӯ намекунанд, онҳоро вокуниш нишон дода мешавад. Онҳо ба гирифториҳои дунё мисли по ба занҷир дучор мешаванд ва дар корҳои заминӣ чунон сарнагун мешаванд, ки гӯё дар гарданашон тавқ аст ва он тавқ онҳоро намемонад, ки ба тарафи осмон сарашон баланд кунанд. Ва дар дилҳояшон чунин сӯзиши ҳавову ҳавас баста мешавад, ки фалон мол ҳосил шавад ва фалон мулкро соҳиб шавем ва фалон кишварро ғасб кунем ва бар фалон душмани фатҳ ҳосил кунем. Ин қадар пул бошад ва ин қадар сарват бошад. Пас, ба сабаби он ки Худо онҳоро нолоиқ мебинад ва дар корҳои бад машғул мебинад, бинобар ҳамин, ҳар се бало домангирашон мекунад. Ва дар ин ҷо ба ин тараф низ ишора аст, ки вақте аз инсон коре карда мешавад, он гоҳ Худо ҳам дар натиҷаи он кор аз тарафи худ як кор мекунад. Масалан, вақте инсон ҳамаи дарҳои ҳуҷраи худро маҳкам кунад, дар натиҷаи ин кори инсон кори Худо ҳамин хоҳад шуд, ки Ӯ дар ҳуҷра торикӣ пайдо хоҳад кард, зеро он корҳое, ки дар қонуни қудрати Худо дар натиҷаи корҳои мо ҳатман муқаддир шудаанд, онҳо ҳама корҳои Худо мебошанд. Сабаб ҳамин аст, ки худи Ӯ иллат бар илал аст. Инчунин масалан, агар касе заҳр хӯрад, дар натиҷаи ин кораш кори Худо ҳамин мебошад, ки ӯро ҳалок хоҳад кард. Боз агар касе чунин коре кунад, ки мӯҷиби ягон бемории сироятӣ бошад, пас баъд аз кори кардааш кори Худо ҳамин мебошад, ки он бемории сироятӣ вайро медорад. Пас, чӣ хеле, ки дар зиндагии дунёи мо мушоҳида

мекунем, ки барои ҳар як кори мо натиҷа ҳатмист ва он натиҷа кори Худо аст, ҳамин тавр, нисбат ба дин низ ҳамин қонун аст. Чӣ хеле, ки Худо дар ин ду мисолҳо возеҳ мефармояд:

الَّذِيْنَ جَاهَدُوْا فِيْنَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا ؕ [146]

فَلَمَّا زَاغُوْٓا اَزَاغَ اللّٰهُ قُلُوْبَهُمْ ؕ [147]

Яъне онҳое, ки ин феълро ба ҷо оварданд, ки дар пайи ҷустуҷӯи Худо то ҳадди имкон кӯшиш карданд, пас, вокуниши мо ин хоҳад шуд, ки мо онҳоро роҳи худ нишон хоҳем дод ва онҳое, ки каҷрав шуданд ва роҳи ростро нахостанд, пас, кори мо нисбат ба онҳо ҳамин хоҳад шуд, ки мо дилҳои онҳоро каҷ хоҳем кард. Ва боз ин ҳолатро ба хотири тавзеҳ додан фармуд:

مَنْ كَانَ فِيْ هٰذِهٖٓ اَعْمٰى فَهُوَ فِي الْاٰخِرَةِ اَعْمٰى وَاَضَلُّ سَبِيْلًا ﴿٧٣﴾ [148]

Яъне кӯри ин дунё дар он дунё низ кӯр, балки бадтар аз кӯрҳо хоҳад шуд. Ин ишора ба ин тараф аст, ки неконро дидори Худо дар ҳамин ҷаҳон ҳосил мешавад ва онҳо дар ҳамин дунё ҷилваи он маҳбуби худро, ки барояш ҳар чизро аз даст медиҳанд, мушоҳида мекунанд. Хулоса, мафҳуми ин оя ҳамин аст, ки асоси зиндагии биҳиштӣ ҳамин ҷо гузошта мешавад ва решаи нобиноии ҷаҳаннамӣ низ зисти кӯрона ва ифлоси ҳамин ҷаҳон аст. Ва боз фармуд:

---

[146] سورة العنكبوت :70

[147] سورة الصف :5

[148] سورة بنى اسرائيل :73

وَبَشِّرِ الَّذِيْنَ اٰمَنُوْا وَعَمِلُوا الصّٰلِحٰتِ
اَنَّ لَهُمْ جَنّٰتٍ تَجْرِيْ مِنْ تَحْتِهَا الْاَنْهٰرُ[149]

Яъне онҳое, ки имон оварда корҳои солеҳ ба ҷо меоранд, ворисӣ боғҳо мебошанд, ки зери онҳо рӯдҳо равонанд. Дар ин оя Худои таоло имонро бо боғ ташбеҳ додааст, ки зери он рӯдҳо ҷорист.

Пас, бояд донист, ки дар ин ҷо ба таври фалсафаи аъло гуфта шудааст, ки мисли қурби рӯдҳо бо боғҳо аъмол низ бо имон нисбат доранд. Чӣ хеле, ки ягон боғ ғайр аз об сарсабз намеистад, ҳамин хел, имон ҳам бе корҳои нек зинда номида намешавад. Агар имон бошад ва аъмол набошанд, он имон ҳеҷ аст ва агар аъмол бошанд ва имон набошад, он аъмол риёкорӣ ҳастанд. Ҳақиқати биҳишти Исломӣ ҳамин аст, ки сояи имон ва амалҳои ин дунё аст. Чизе нест, ки аз берун инсонро ҳосил мешавад, балки биҳишти инсон аз дуруни инсон мебарояд ва биҳишти ҳар як одам имон ва аъмоли солеҳаи онанд, ки лаззаташ дар ҳамин дунё мечашад ва ба таври пӯшида боғҳои имон ва аъмолро мушоҳида мекунад ва рӯдҳо низ мебинад, аммо дар олами охират ҳамин боғҳоро дарак хоҳад кард. Таълими поки Худо моро дарс медиҳад, ки имони рост, пок, мустаҳкам ва комил, ки дар хусуси Худо, зот, сифот ва иродаҳои Ӯ бошад, он биҳишти хушнамо ва дарахти боровар аст ва аъмоли солеҳа рӯдҳои он биҳишт мебошанд. Ба тавре, ки Худо фармудааст:

---

[149] 26: سورة البقرة

ضَرَبَ اللّٰهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ اَصْلُهَا
ثَابِتٌ وَّفَرْعُهَا فِى السَّمَآءِ ﴿٢٥﴾ تُؤْتِيْٓ اُكُلَهَا كُلَّ حِيْنٍ [150]

Яъне он калимаи имонӣ, ки пок аз ҳар як ифроту тафрит (камӣ ва бешӣ), нуқс, халал, кизб ва ҳазл аст ва аз ҳар як ҷиҳат комил бошад, ба он дарахт монандӣ дорад, ки аз ҳар як айб пок аст. Решааш дар замин қарор гирифта шохҳояш дар осмон мебошанд ва меваи худро ҳамеша медиҳад. Фасле нест, ки шохҳояш мева надошта бошанд. Дар ин баён Худои таоло калимаи имонро бо дарахти ҳамеша сарсабзу бо самар ташбеҳ дода нишонаашро се аломат гуфтааст:

**Аввал** ин, ки решааш, ки манзури он мафҳуми асли он аст, дар замини дили инсон собит бошад, яъне фитрат ва виҷдони инсон ҳаққоният ва аслияташро қабул карда бошад.

**Аломати дуюм** ин аст, ки шохҳои он калима дар осмон бошанд, яъне бо худ маъқулият дошта бошад ва қонуни қудрати осмонӣ, ки феъли Худо аст, бо феъли ин мутобиқат дошта бошад. Яъне далелҳои сиҳату аслияташ аз қонуни қудрат баровварда тавонем ва бар замми ин, он далелҳо чунон аъло бошанд, ки гӯё дар осмон ҷойгир бошанд ва дасти эътироз ба онҳо натавон расид.

**Аломати сеюм** ин аст, ки мевае, ки сазовори хӯрдан аст, доимӣ ва ғайри мунқатеъ бошад, яъне баъд аз анҷом додани амал баракатҳо ва таъсироташ ҳамеша ва дар ҳар замон ҳис карда

[150] سورة ابراهيم :25-26

шаванд. Ин тавр набошад, ки то як муддат зоҳир шуда сипас маҳкам шаванд.

Ва боз фармуд:

وَمَثَلُ كَلِمَةٍ خَبِيثَةٍ كَشَجَرَةٍ خَبِيثَةٍ اجْتُثَّتْ
مِنْ فَوْقِ الْأَرْضِ مَا لَهَا مِنْ قَرَارٍ ﴿٢٦﴾ [151]

Яъне калимаи палид монанди дарахтест, ки аз замин канда шудааст, яъне фитрати инсон онро қабул намекунад ва ба ягон роҳ он дарахт қарор намегирад, на аз рӯйи далелҳои ақл, на аз рӯйи қонуни қудрат ва на аз рӯйи виҷдон. Танҳо монанди қисса ва афсона мебошад ва чӣ хеле, ки Қуръони шариф дар олами охират дарахтҳои поки имонро бо ангур, анор ва меваҳои болаззат ташбеҳ додааст ва зикр кардааст, ки он рӯз онҳо ба сурати он меваҳо монанд хоҳанд шуд ва ба дидор хоҳанд расид. Ҳамин тавр, дарахти хабиси беимонро дар олами охират заққум номида шудааст. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

أَذَٰلِكَ خَيْرٌ نُزُلًا أَمْ شَجَرَةُ الزَّقُّومِ ﴿٦٢﴾ إِنَّا جَعَلْنَاهَا
فِتْنَةً لِلظَّالِمِينَ ﴿٦٣﴾ إِنَّهَا شَجَرَةٌ تَخْرُجُ فِي
أَصْلِ الْجَحِيمِ ﴿٦٤﴾ طَلْعُهَا كَأَنَّهُ رُءُوسُ الشَّيَاطِينِ ﴿٦٥﴾ [152]
إِنَّ شَجَرَتَ الزَّقُّومِ ﴿٤٣﴾ طَعَامُ الْأَثِيمِ ﴿٤٤﴾ كَالْمُهْلِ

[151] سورة ابراهيم :27

[152] سورة الصّٰفّٰت :66-63

يَغْلِي فِي الْبُطُونِ ۝٤٥ كَغَلْيِ الْحَمِيمِ ۝٤٦ [153]

ذُقْ إِنَّكَ أَنتَ الْعَزِيزُ الْكَرِيمُ ۝٤٩ [154]

Яъне бигӯед, ки оё боғҳои биҳишт хубтар ҳастанд ё дарахти заққум, ки барои золимон монанди бало аст. Он дарахтест, ки аз қаъри ҷаҳаннам мебарояд, яъне аз такаббур ва худбинӣ пайдо мешавад. Ҳамин решаи дӯзах аст, шукуфааш мисли сари шайтон аст. Маънои шайтон "ҳалокшаванда" мебошад. Ин калима аз шайт баромадааст. Аз ин мебояд, ки хӯрданаш баробар ба ҳалок шудан аст. Боз фармуд, ки дарахти заққум хӯроки ҳамон дӯзахиҳо аст, ки дониста гуноҳ мекунанд. Ин хӯрок монанди миси гудохта ва мисли оби ҷӯш дар шикам аст. Боз дӯзахиро мухотаб карда мефармояд, ки ин дарахтро бичаш, ту соҳиби иззату бузургӣ ҳастӣ. Ин сухани ниҳоят ғазабнок аст. Хулосааш ин мебарояд, ки агар ту такаббур намекардӣ ва бузургию иззати худро ба назар гирифта аз ҳақ рӯгардонӣ намекардӣ, имрӯз ин талхиҳо намедидӣ. Ин оят ба ин тараф низ ишора мекунад, ки дар ҳақиқат ин калимаи заққум аз “зуқ” ва “ам” мураккаб аст ва “ам” кӯтоҳшудаи ҷумлаи إِنَّكَ أَنتَ الْعَزِيزُ الْكَرِيمُ аст, ки ҳарфи аввал ва охири ин ҷумлаи арабӣ ҳаминанд ва корбурди бисёр ҳарфи золро ба зо иваз кардааст. Акнун ҳосили калом ҳамин, ки чӣ хеле, ки Худои таоло калимаҳои имонии ин дунёро бо биҳишт ташбеҳ додааст, ҳамин хел калимаҳои беимонии ин дунёро низ бо заққум ташбеҳ додааст ва онро дарахти дӯзах қарор додааст ва нишон дод, ки решаи асосии биҳишт ва дӯзах аз

[153] سورة الدخان :44-47

[154] سورة الدخان :50

ҳамин дунё сар мешавад. Чӣ хеле, ки дар бораи дӯзах дар як ҷойи дигар мефармояд:

نَارُ اللّٰهِ الْمُوْقَدَةُ ۝٧ الَّتِيْ تَطَّلِعُ عَلَى الْاَفْـِٕدَةِ ۝٨ [155]

Яъне дӯзах оташест, ки манбааш ғазаби Худост. Он бо гуноҳ шӯлавар мешавад ва нахуст бар дил ғолиб меояд. Ин ишора аст, ки асоси ин оташ он ғамҳо, ҳасратҳо ва дардҳо мебошанд, ки дилро зер мекунанд, зеро ҳамаи азобҳои рӯҳонӣ аз дил сар мешаванд ва сипас ҳамаи баданро иҳота мекунанд. Боз дар як ҷойи дигар фармуд:

وَّقُوْدُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ [156]

Яъне ҳезуми оташи дӯзах, ки бо он ҳамеша афрӯхта меистад, ду чизҳо мебошанд. Якум инсонҳое, ки Худои ҳақиқиро тарк намуда чизҳои дигарро парастиш мекунанд ё парастиши он чизҳо бо ризои онҳо карда мешавад. Чӣ хеле, ки фармуд:

اِنَّكُمْ وَمَا تَعْبُدُوْنَ مِنْ دُوْنِ اللّٰهِ حَصَبُ جَهَنَّمَ [157]

Яъне шумо ва маъбудҳои дурӯғи шумо, ки инсон шуда худо гуфта шудан, дар дӯзах партофта хоҳанд шуд. Ҳезуми дигари дӯзах бутҳо мебошанд. Мурод ин аст, ки агар вуҷуди ин чизҳо намешуд, дӯзах низ намешуд. Пас, аз ҳамаи ин ояҳо зоҳир мешавад, ки дар

[155] سورة الهمزة :7-8

[156] سورة البقرة :25

[157] سورة الانبياء :99

каломи поки Худо биҳишт ва дӯзах монанди дунёи ҷисмонӣ нест, балки манбаъ ва мабдаи ҳар ду амрҳои рӯҳонӣ мебошанд. Албатта он чизҳо дар олами дигар ба шакли ҷисмонӣ хоҳем дид, аммо аз ин олами ҷисмонӣ намешаванд.

***Воситаи пайдо кардани алоқаи комили рӯҳонӣ бо Худо***

Акнун боз ба мақсади ҳақиқии мо бармегардем ва мегӯем, ки василаи рӯҳонӣ ва комили алоқа бо Худо, ки Қуръон моро ёд додааст, **ислом ва дуои фотеҳа** аст. Яъне аввал ҳамаи зиндагии худро дар роҳи Худо вақф кардан ва боз машғули ин дуо мондан, ки дар сураи Фотеҳа мусулмонҳоро ёд дода шудааст. Мағзи Ислом ин ду чизҳо мебошанд, яъне Ислом ва дуои Фотеҳа. Олитарин восита барои расидан ба Худо ва нӯшидани оби наҷот ҳамин мебошад, балки ҳамин як восита аст, ки қонуни қудрат барои висоли Илоҳӣ ва рутбаи олитар пешниҳод кардааст. Ҳамонҳо Худоро меёбанд, ки дар оташи рӯҳонии мафҳуми Ислом ворид шуда бошанд ва дуои Фотеҳа кардан гиранд. Ислом чист? Ҳамон оташи афрӯхта, ки ҳаёти сифлии моро хокистар карда, маъбудони ботили моро сӯзонда, пеши маъбуди росту пок қурбонии ҷони мо, молҳои мо ва обрӯи моро медиҳад. Аз чунин чашма мо оби зиндагии нав менӯшем ва ҳамаи қувваҳои рӯҳониамон бо Худо монанди як ришта ба риштаи дигар пайванд мешаванд. Мисли шуълаи барқи осмонӣ аз даруни мо оташ мебарояд ва оташи дигар аз боло ба мо нозил мешавад ва дар натиҷаи боҳам шудани ҳар ду шуълаҳо ҳамаи ҳавову ҳавасамон дар бораи ғайри Худо хокистар мешаванд ва мо ҳаёти аввалаамонро аз даст медиҳем ва ҷонро фидо мекунем. Номи ин ҳолат аз рӯйи Қуръони шариф **Ислом** аст. Бо

Ислом ба эҳсосоти нафсониамон марг меояд ва бо дуо боз аз сари нав (ба таври рӯҳонӣ) зинда мешавем. Барои ин ҳаёти дувум илҳоми Илоҳӣ ҳатмист. Ба ҳамин дараҷа расиданро лиқои Илоҳӣ мегӯянд, яъне дидори Худо. Ба ин дараҷа расида инсон бо Худо чунон наздикӣ пайдо мекунад, ки гӯё бо чашми худ Ӯро мебинад. Ӯро қувва дода мешавад ва ҳамаи ҳавосу қувваҳои дуруни ӯро равшан карда мешавад ва кашиши зиндагии пок бо қувваи тамомаш сар мешавад. Ба ҳамин дараҷа расида инсон чашми Худо мешавад, ки бо он Ӯ мебинад ва забон мешавад, ки бо он Ӯ гап мезанад ва даст мешавад, ки бо он Ӯ ҳамла мекунад ва гӯш мешавад, ки бо он Ӯ гӯш мекунад ва по мешавад, ки бо он Ӯ роҳ мегардад. Ба ҳамин дараҷа ишора карда Худо мефармояд:

يَدُ اللّٰهِ فَوْقَ اَيْدِيْهِمْ ۚ [158]

Дасти Худо бар дасташон аст. Ба ҳамин тартиб мефармояд:

وَمَا رَمَيْتَ اِذْ رَمَيْتَ وَلٰكِنَّ اللّٰهَ رَمٰى ۚ [159]

Яъне он чӣ ту задӣ, ту на задӣ, балки Худо зад. Хулоса, ба ин дараҷа расида, бо Худо иттиҳоди комил мешавад ва ризои поки Худои таоло дар рагу решаи рӯҳ сироят мекунад ва он қувваҳои ахлоқӣ, ки то ҳол заиф буданд, ба ин дараҷа расида, монанди кӯҳҳои мустаҳкам мушоҳида мешаванд. Ақлу фаросат дорои

[158] 11: سورة الفتح

[159] 18: سورة الانفال

латофати бениҳоят мешавад. Ҳамин маънои ин оятанд, ки Худои таоло мефармояд:

وَاَيَّدَهُمْ بِرُوْحٍ مِّنْهُ[160]

Дар ин дараҷа рӯдҳои муҳаббату ишқ чунон ҷӯш мезананд, ки барои Худо фидо гаштан, ҳазорҳо ранҷ бардоштан ва беобрӯ шудан чунон осон мешавад, ки гӯё шикастани як хаси заиф аст. Ба тарафи Худо майл мекунад ва намедонад, ки кӣ кашида истодааст. Як дасти ғайб ӯро бардошта мегардад ва ризои Худоро муқаддам кардан мақсади зиндагиаш мешавад. Дар ин дараҷа Худо бениҳоят қариб дида мешавад, чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

وَنَحْنُ اَقْرَبُ اِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيْدِ ﴿١٧﴾[161]

Яъне мо ба андозаи раги ҷонаш ҳам наздиктар ҳастем. Дар чунин ҳолат одаме ба ин дараҷа мерасидагӣ монанди он мева мешавад, ки пухта худаш аз дарахт меафтад. Инчунин ҳамаи тааллуқоти сифлии инсонӣ ба ин дараҷа расида, бекор мегарданд. Ӯ бо Худои худ алоқаи сахт пайдо мекунад ва аз махлуқ дур меравад ва сазовори муколамаҳо ва мухотабаҳои Худо мешавад. Барои ҳосил намудани ин дараҷа ҳозир ҳам дарҳо кушодаанд, чӣ хеле, ки пеш кушода буданд ва ҳозир ҳам мисли пештара фазли Худо шомили онҳо мешавад, ки талош доранд. Аммо ин роҳ танҳо бо савсатаҳои забон ҳосил намешавад ва танҳо бо гапҳои беҳақиқат

[160] سورة المجادلة :23

[161] سورة ق :17

ин дарвоза боз намешавад. Хостгорҳо бисёранд, аммо ёбандагон каманд. Сабаб чист? Ҳамин, ки ин дараҷа бар саргармию ҷонфишониҳои рост асос дорад. То қиёмат гап занед, ҳеҷ фоида нест, шарти аввали ин роҳ бо сидқ қадам задан бар ин оташ аст, ки дигарон аз тарс аз он мегурезанд. Агар саргармии амалӣ набошад, пас лофзанӣ ҳеҷ аст. Дар бораи ҳамин Худои таоло мефармояд:

وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ ۖ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا
دَعَانِ ۖ فَلْيَسْتَجِيبُوا لِي وَلْيُؤْمِنُوا بِي لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ ﴿١٨٦﴾ [162]

Яъне агар бандагони ман дар бораи ман пурсанд, ки Ӯ дар куҷост? Пас, онҳоро бигӯ, ки Ӯ бисёр наздик аст. Ман дуои дуокунандаро мустаҷоб менамоям. Пас, онҳо бояд висоли маро бо дуоҳо талош кунанд ва танҳо бар ман имон биоранд, то муваффақ шаванд.

[162] 187: سورة البقرة

# САВОЛИ ДУЮМ

***Ҳолати инсон баъд аз марг чӣ гуна бошад*?**

Роҷеъ ба ин савол арз мекунам, ки пас аз марг дар ҳақиқат ягон ҳолати нав намешавад, балки ҳолатҳои зиндагии дунё возеҳтар ошкор мегарданд. Кадом кайфияти солеҳа ва ё ғайри солеҳаи ақидаҳо ва амалҳои инсон мебошад, дар ин ҷаҳон дар ҳолати пинҳонӣ қарор дорад ва фоида ё зарараш ба сурати як таъсири пинҳонӣ бар вуҷуди инсон мешавад. Аммо дар ҷаҳони оянда ин тавр нахоҳад шуд, балки он ҳамаи кайфиятҳо бо чеҳраи равшани худ ошкор хоҳанд шуд. Намунааш дар олами хоб вуҷуд дорад, ки бар бадани инсон чӣ гуна маводҳо ғолиб бошанд, дар олами хоб ҳамон хел ҳолатҳои ҷисмонӣ мебинад. Вақте тасфи баланд шуданӣ бошад, он гоҳ дар хоб оташ ва алангаи оташ нишон дода мешаванд ва ҳангоми ғалабаи тасфҳои балғамӣ, резиш ва зуком инсон худро дар об мебинад. Хулоса, барои чӣ гуна бемориҳо бадан омода шуда бошад, он ҳолатҳо ба таври тамассул (шабеҳи чизе шудан) дар хоб мебинем. Аз ин мебояд, ки ба силсилаи хоб фикр карда, ҳар як инсон мефаҳмад, ки дар олами сонӣ ҳамин суннатуллоҳ аст, зеро чӣ хеле, ки хоб дидан дар мо табаддулоти махсус пайдо карда, рӯҳониятро ба таври ҷисмонӣ нишон медиҳад, дар он олам низ ҳамин тавр хоҳад шуд ва он рӯз аъмол ва натиҷаҳои аъмоли мо ба таври ҷисмонӣ зоҳир хоҳанд шуд ва чизе аз ин олам пинҳонӣ ба худ мебарем, он ҳамаи чизҳо дар он рӯз дар болои чеҳраҳои мо намудор хоҳанд шуд. Чӣ

хеле, ки инсон дар хоб тамассулҳои гуногун мебинад ва гумон намекунад, ки ин ҳама тамассулотанд, балки онҳоро чизҳои ҳақиқӣ мепиндорад, ҳамин тавр дар он олам хоҳад шуд, балки Худо ба воситаи тамассулот қудрати нави худро нишон хоҳад дод. Азбаски он қудрати комил аст, бинобар ин агар мо тамассулот ҳам нагӯем ва ин тавр фаҳмем, ки он дар асл бо қудрати Худо як пайдоиши нав аст, пас ин тақрир дурусттар, воқеӣ ва саҳеҳтар аст. Худо мефармояд:

فَلَا تَعْلَمُ نَفْسٌ مَّآ أُخْفِيَ لَهُم مِّن قُرَّةِ أَعْيُنٍ [163]

Яъне ҳеҷ нафси накӯкор намедонад, ки барояш кадом-кадом неъматҳо пинҳон аст. Худо ҳамаи он неъматҳоро махфӣ қарор додааст, ки дар дунё назир надоранд. Медонем, ки неъматҳои дунё бар мо пинҳон нестанд. Шир, анор ва ангур ва ғайраро мешиносем ва ҳамеша инҳоро мехӯрем. Пас, маълум шуд, ки он чизҳо дигаранд. Танҳо аз рӯйи ном иштирок доранд. Пас, касе биҳиштро маҷмӯаи чизҳои дунё фикр кард, дар ҳақиқат он кас як ҳарфи Қуръонро нафаҳмидааст.

Дар шарҳи ҳамин оят, ки дар боло зикр кардам, Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд, ки биҳишт ва неъматҳои биҳиштро на ягон чашме дидааст, на гӯше шунидааст ва дар дили касе ҳам нагузаштааст, ҳол он ки мо неъматҳои дунёро бо чашм мебинем ва бо гӯш мешунавем ва аз дил ҳам мегузаранд. Аз ин мебояд, ки вақте Худо ва расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам он чизҳоро аз дунё шигарф мегӯянд,

[163] سورة السجدة:18

мо аз Қуръон дур ҳастем, агар чунин фикр кунем, ки дар биҳишт низ шири дунё хоҳад шуд, ки аз говҳо медӯшем. Гӯё рамаҳои ҳайвоноти ширдиҳанда дар он ҷо мавҷуд хоҳанд шуд ва дар болои дарахтҳо занбури асал хонаҳои бисёр хоҳанд дошт ва фариштаҳо асалро кофта, асал хоҳанд баровард ва дар рӯдҳо хоҳанд рехт. Оё чунин фикрҳо ба ин таълим муносибат доранд, ки дар он ин ояҳо мавҷуданд, ки дунё ин чизҳоро ҳеҷ гоҳ надидааст ва он чизҳо рӯҳро равшан мекунанд ва маърифати Худоро меафзоянд ва ғизоҳои рӯҳонӣ мебошанд. Ҳарчанд нақшаи ин ғизоҳо ба таври ҷисмонӣ зоҳир карда шудааст, аммо дар баробари ин гуфта шуд, ки сарчашмаи инҳо рӯҳ ва ростӣ аст. Касе гумон накунад, ки аз ояҳои дарҷи зайли қуръонӣ маълум мешавад, ки ким-кадом неъматҳо дар биҳишт дода хоҳанд шуд, биҳиштиҳо онҳоро дида шинохт хоҳанд кард, ки ҳамин неъматҳо моро пеш аз ин низ дода шуда буданд. Чӣ хеле, ки Худои таоло мефармояд:

وَبَشِّرِ الَّذِيْنَ اٰمَنُوْا وَعَمِلُوا الصّٰلِحٰتِ اَنَّ لَهُمْ جَنّٰتٍ تَجْرِيْ
مِنْ تَحْتِهَا الْاَنْهٰرُ ؕ كُلَّمَا رُزِقُوْا مِنْهَا مِنْ ثَمَرَةٍ رِّزْقًا ۙ قَالُوْا
هٰذَا الَّذِيْ رُزِقْنَا مِنْ قَبْلُ ۙ وَاُتُوْا بِهٖ مُتَشَابِهًا ؕ [164]

Яъне онҳое, ки имон овардагон ва накӯкорон ҳастанд ва дар онҳо заррае фасод нест, ба онҳо мужда бидеҳ, ки ворисӣ он биҳиштанд, ки дар домани онҳо рӯдҳо ҷорианд. Вақте онҳо дар олами охират аз меваҳои он дарахтон, ки дар зиндагии дунё доштанд, хоҳанд ёфт, хоҳанд гуфт, ки ин меваҳо моро пеш ҳам

[164] سورة البقرة :18

дода шуда буданд, зеро онҳо он меваҳоро монанди меваҳои пешина фикр хоҳанд кард.

Акнун чунин гумон доштан, ки мурод аз меваҳои пешина неъматҳои ҷисмонии дунё ҳастанд, ғалати маҳз аст ва бар хилофи маънои ошкори оя ва мантиқаш мебошанд, балки Худои таоло дар ин оя чунин гуфтааст, ки онҳое, ки имон овардаанд ва накӯкоранд, онҳо бо дастҳои худ биҳиште сохтаанд, ки дарахташ имон ва рӯдҳояш накӯкорӣ мебошанд. Меваҳои ҳамин биҳиштро оянда хоҳанд хӯрд ва он мева намоёнтар ва ширинтар хоҳад шуд ва азбаски он меваро ба шакли рӯҳонӣ дар ҳамин дунё аллакай хӯрда бошанд, бинобар ҳамин дар он дунё ин меваро хоҳанд шинохт ва хоҳанд гуфт, ки ин ҳамон меваҳо маълум мешаванд, ки пештар низ хӯрда будем ва он меваро монанди хӯроки пешина хоҳанд ёфт. Пас ин оя возеҳ карда гуфта истодааст, ки онҳое, ки дар дунё ғизои муҳаббати Худо мехӯранд, акнун ба таври ҷисмонӣ ҳамин ғизоро ҳосил хоҳанд намуд ва азбаски онҳо мазаи муҳаббатро чашида буданд ва аз ин кайфият огоҳ буданд, бинобар ин, рӯҳашон он замонро ба хотир меорад, ки вақте онҳо дар хилватҳо, гӯшаҳо ва дар торикии шаб бо муҳаббат маҳбуби ҳақиқии худро ёд мекарданд ва аз ин ёдашон лаззат мебурданд.

Хулоса, дар ин ҷо зикри ғизоҳои ҷисмонӣ нест ва агар дар дили касе чунин хаёл пайдо шавад, ки вақте ба таври рӯҳонӣ орифҳо ин ғизоро соҳиб шуда буданд, пас чунин гуфтан чӣ тавр дуруст аст, ки онҳо неъматҳое ҳастанд, ки дар дунё ҳеҷ кас надидааст, нашунидааст ва на дар дили касе гузаштаанд. Дар ин сурат байни ин ду ояҳо таноқуз пайдо хоҳад шуд. Ҷавобаш ин аст, ки таноқуз дар он сурат мешуд, ки вақте дар ин оя неъматҳои дунё мурод мешуданд, аммо дар ҳоле, ки ин ҷо неъматҳои дунё

мурод нестанд, чизе ориф ба ранги маърифат ҳосил мекунад, дар ҳақиқат он неъматҳои ҷаҳони дигар мебошанд, ки барои пайдо намудани завқи он намунааш пештар нишон дода мешавад.

Бояд донист, ки шахси Худодор аз дунё намебошад. Ҳамин аст, ки дунё бо ӯ кина дорад, балки он кас аз осмон аст. Ба ҳамин сабаб вайро неъмати осмонӣ ҳосил мешавад. Одами динёӣ неъматҳои дунё ва одами осмонӣ неъматҳои осмонӣ ҳосил мекунад. Пас, ин чиз дуруст аст, ки он неъматҳо аз гӯшҳо, дилҳо ва чашмҳои дунё руст карда шудаанд. Аммо касеро марг бар ҳаёти дунё расад ва он пиёла, ки дар дунё дигар ба таври ҷисмонӣ нӯшонда хоҳад шуд, ба таври рӯҳонӣ ӯро нӯшонда шавад, Ӯро ин нӯшокии рӯҳонии дунё, ки вақте дар он дунё ба таври ҷисмонӣ дода мешавад, ба хотираш меояд. Аммо ин ҳам дуруст аст, ки ӯ аз ин неъмат чашму гӯши динёро бехабар хоҳад фаҳмид. Азбаски ӯ дар дунё буд, ҳарчанд дар дунё набуд, банобар ин ӯ ҳам гувоҳӣ хоҳад дод, ки он неъмат аз неъматҳои дунё нест. Дар дунё на чашмаш ин неъматро дид ва на гӯшаш дар борааш шунид ва на дар дилаш гузашта буд, аммо дар зиндагии дуюм намунааш дида буд, ки аз дунё набуданд, балки он як хабари оид ба ҷаҳони оянда буд ва аз ҳамон пайваст ва алоқаманд буд. Аз дунё ҳеҷ алоқа надошт.

### *Се маърифати қуръонӣ оид ба олами маод (охират)*

Акнун аз рӯйи қоида ин чизро бояд донист, ки баъд аз марг кадом ҳолатҳо дарпеш хоҳанд омад, Қуръон онҳоро ба се қисм ҷудо кардааст ва дар бораи олами маод ин се маорифи қуръонӣ мебошанд, ки мо онҳоро ҷудо-ҷудо зикр мекунем.

### ***Аввалин дақиқаи маърифат***

Аввалин дақиқаи маърифат (нуктаи борики маърифат) ҳамин аст, ки Қуръони пок такроран моро мефармояд, ки олами охират чизи нав нест, балки ҳамаи наззораҳояш азлолу осори ҳамин зиндагии дунё мебошанд. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

وَكُلَّ إِنسَانٍ أَلْزَمْنَاهُ طَائِرَهُ فِي عُنُقِهِ ۖ وَنُخْرِجُ لَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ كِتَابًا يَلْقَاهُ مَنشُورًا ⑬ [165]

Яъне мо таъсири тамоми амалҳои ин дунёро ба гардани ҳар як шахс бастаем ва ҳамин таъсирҳои пӯшидаро рӯзи қиёмат зоҳир хоҳем кард ва ба шакли аъмолномаи кушода нишон хоҳем дод. Дар ин оят калимаи тоир омадааст. Бидонед, ки маънои тоир паранда аст, боз ба таври истиора маънояш амал низ мешавад, зеро ҳар як амал, хоҳ нек бошаду хоҳ бад, баъд аз анҷомаш мисли паранда парвоз мекунад ва мушаққат ё лаззаташ бекор мешавад ва бар дил касофат ва ё латофаташ боқӣ мемонад.

Ин қоидаи Қуръон аст, ки ҳар як амал ба таври пинҳонӣ таъсири худро мегузорад. Чӣ хеле, ки инсон кор мекунад, нисбат ба он аз тарафи Худо низ коре анҷом дода мешавад ва он феъл гуноҳ ё некияшро барбод намедиҳад, балки нақшҳои он бар дил, чеҳра, чашмҳо, гӯшҳо, дастҳо ва пойҳо навишта мешаванд ва ҳамин аъмолномаи пӯшида аст, ки дар зиндагии дигар ба таври зоҳир худро нишон хоҳад дод.

---

[165] سورة بنی اسرائیل :14

Дар як ҷойи дигар дар бораи соҳибони биҳишт мефармояд:

يَوْمَ تَرَى الْمُؤْمِنِيْنَ وَالْمُؤْمِنٰتِ يَسْعٰى نُوْرُهُمْ بَيْنَ اَيْدِيْهِمْ [166]

Яъне он рӯз нури имон, ки муъминҳоро пинҳонӣ ҳосил аст, ошкоро пеши онҳо ва дар дасти рости онҳо давон дида хоҳад шуд. Сипас дар ҷойи дигар бадкоронро мухотаб мефармояд:

اَلْهٰكُمُ التَّكَاثُرُ ۝١ حَتّٰى زُرْتُمُ الْمَقَابِرَ ۝٢ كَلَّا سَوْفَ تَعْلَمُوْنَ ۝٣
ثُمَّ كَلَّا سَوْفَ تَعْلَمُوْنَ ۝٤ كَلَّا لَوْ تَعْلَمُوْنَ عِلْمَ الْيَقِيْنِ ۝٥
لَتَرَوُنَّ الْجَحِيْمَ ۝٦ ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيْنَ الْيَقِيْنِ ۝٧
ثُمَّ لَتُسْـَٔلُنَّ يَوْمَئِذٍ عَنِ النَّعِيْمِ ۝٨ [167]

Яъне касрати ҳирсу ҳавои динё шуморо аз талоши охират боздошт, ҳатто дар гӯрҳо ворид шудед. Бо дунё дилро напайвандед. Ба наздикӣ мефаҳмед, ки бо дунё дил бохтан дуруст нест. Боз мегӯям, ки ба наздикӣ мефаҳмед, ки бо дунё дил бохтан дуруст нест. Агар шумо илми яқиниро дошта бошед, пас дӯзахро дар ҳамин дунё мушоҳида хоҳед кард. Сипас, дар олами барзах бо чашмҳои яқин хоҳед дид. Боз дар олами ҳашри аҷсод (ҷасадҳо) ба мусодираи комил гирифтор хоҳед шуд ва он азоб бар шумо ба таври комил ворид хоҳад шуд ва натанҳо аз қол (ба таври

---

[166] سورة الحديد :18

[167] التَّكَاثُر :1-9

маънавӣ), балки бо ҳол (ба таври амалӣ) илми дӯзахро ҳосил хоҳед кард.

### *Се қисми илм*

Дар ин ояҳо Худои таоло ошкоро фармудааст, ки барои бадкорон дар ҳамин дунё зиндагии ҷаҳаннамӣ вуҷуди махфӣ дорад ва агар андак тааммул кунанд, дӯзахи худро дар ҳамин дунё хоҳанд дид. Дар ин ҷо Худованд илмро ба се қисм ҷудо кардааст, яъне илмуляқин, айнуляқин ва ҳаққуляқин ва барои фаҳмотар карданаш ин мисолҳо ҳастанд, ки масалан, шахсе аз дур дудро бинад, пас бо дидани дуд фикраш ба тарафи оташ меравад ва ба вуҷуди оташ яқин мекунад. Аз рӯйи чунин фикре, ки дуд ва оташ алоқаи сахт доранд, куҷое дуд бошад, ҳатман он ҷо оташ ҳам ҳаст. Ин илмро илмуляқин номида мешавад. Сипас вақте алангаи оташ бо чашми худ бинад, он гоҳ ин илмро айнуляқин гуфта мешавад. Ва вақте дар он оташ дохил мешавад, он гоҳ он илмро ҳаққуляқин мегӯянд. Акнун Худои таоло мефармояд, ки илмуляқини вуҷуди дӯзах дар ҳамин дунё ҳосил шуда метавонад. Сипас дар олами барзах айнуляқин ҳосил хоҳад шуд ва дар олами ҳашри аҷсод ҳамон илм ба дараҷаи комили ҳаққуляқин хоҳад расид.

### *Се олам*

Дар ин ҷо бидонед, ки аз рӯйи илми Қуръон се олам исбот мешавад:

1. **Аввал** дунё, ки номаш **олами касб** ва **нашъати уло** (пайдоиши аввал) аст. Дар ҳамин дунё инсон некӣ ва ё бадиро

соҳиб мешавад ва ҳарчанд дар олами баъс (охират) барои накӯкорон тараққиҳо ҳастанд, аммо онҳо бо фазли Худо мешаванд. Касби инсон дар он дахл надорад.

2. Номи олами дуюм **барзах** аст. Дар асл дар луғати араб барзах он чизро гуфта мешавад, ки байни ду чиз вуҷуд дошта бошад. Азбаски ин замон байни олами баъс ва олами нашъати уло воқеъ аст, бинобар ин номаш барзах аст, аммо ин калима аз қадим ва дар баробари вуҷуди дунё истифода карда мешавад. Ба ҳамин сабаб дар ин калима бар вуҷуди олами мобайн шаҳодати бузург пинҳон аст. Мо дар китоби худ «Минан-ур-Раҳмон« аллакай исбот кардем, ки калимаҳои арабӣ он калимаҳо мебошанд, ки аз забони Худо баромадаанд ва дар дунё танҳо ҳамин забон аст, ки забони Худои Қуддус, қадим, сарчашмаи ҳамаи илмҳо, модари ҳамаи забонҳо, тахтгоҳи нахустину охирини ваҳйи Худо аст. Тахтгоҳи нахуст ба он сабаб, ки тамоми забони арабӣ каломи Худо буд ва аз қадим бо Худо буд, сипас ҳамон калом дар дунё нозил шуд ва дунё аз он забонҳои гуногун эҷод кард. Ва тахтгоҳи охирини Худо забони арабӣ ба он сабаб шуд, ки китоби охирини Худои таоло, яъне Қуръони шариф ба забони арабӣ нозил шуд. Пас, калимаи барзах калимаи мураккаби арабист, ки аз калимаҳои бар ва зах иборат аст. Маънояш "роҳи касби амалҳо тамом шуд ва дар ҳолати махфӣ ворид шуд" мебошад. Ҳолати барзах он ҳолат аст, ки вақте таркиби нопойдори инсон тақсим мешвад ва рӯҳаш ҷудо ва ҷисмаш ҷудо мешавад. Чӣ хеле, ки мебинем бадан дар як чуқурӣ монда мешавад ва рӯҳ ҳам дар як навъи чуқурӣ меравад ва калимаи зах)х) ба ҳамин далолат мекунад, зеро ӯ дигар қодир ба корҳои хайру шар шуда наметавонад, чӣ хеле, ки бо кумаки бадан мекард. Медонем, ки сиҳати хуби рӯҳамон бар ҷисм мавқуф аст.

Агар ҷойи махсуси димоғамон зарба хӯрад, ҳамаи қувваи хотираамонро аз даст медиҳем ва агар дар ҷойи дигар он офат расад, он гоҳ аз қувваи фикр маҳрум мегардем ва ҳамаи ҳӯшу ҳавос нест шуда мераванд ва агар дар димоғ варам шавад ва ё ташаннуҷ ҳамла кунад, ё хун, ё модаи дигар он ҷо ҷамъ шавад ва ягон монеаи куллӣ ва ё ҷузъӣ пайдо кунад, сипас дарҳол ғашӣ, саръ (эпилепсия) ва ё сактаъ шудан мумкин аст. Пас, таҷрибаи қадим моро водор мекунад, ки рӯҳамон бе алоқаи ҷисм бекор мемонад. Пас, ин чиз ботили маҳз аст, ки мо андеша кунем, ки рӯҳамон бе бадан хушҳолиеро ёфта метавонад. Агар ба унвони қисса инро қабул кунем, пас метавонем, аммо аз рӯйи ақл ба ин амр ҳеҷ далел нест. Ин чизро фаҳмида наметавонем, ки вақте рӯҳи мо бо харобии майдаи баданамон бекор мешавад, дар ҳоле ки аз бадан алоқаро тамоман қатъ кунад, он гоҳ чӣ хел ба ҳолати комил меистад. Оё таҷрибаи ҳаррӯза моро намеомӯзонад, ки барои сиҳати рӯҳ сиҳати бадан низ лозим аст. Вақте аз байнамон шахсе пир мешавад, рӯҳаш низ пир мешавад. Ҳамаи хазинаи илмии ӯ дузди пирӣ медӯзад. Чӣ хеле, ки Худои таоло мефармояд:

لِكَيۡلَا يَعۡلَمَ مِنۢ بَعۡدِ عِلۡمٖ شَيۡـٔٗاۚ [168]

Яъне инсон пир шуда ба чинин ҳолат мерасад, ки баъд аз олим шудан боз бесавод мегардад. Пас, мушоҳидаи мо ба ин чиз далели кофист, ки бебадан рӯҳ ҳеҷ чиз аст. Баъд, ин хаёл низ диққати инсонро ба тарафи ин ростии ҳақиқӣ мегардонад, ки агар рӯҳ бе бадан чизе мешуд, он гоҳ ин кори Худо беҳуда ҳисобида

[168] سورة الحج :6

мешуд, ки бефоида рӯҳро бо ҷисми фонӣ пайваст намуд. Дар баробари ин мавриди фикр аст, ки Худои таоло инсонро барои тараққиҳои бепоён пайдо кардааст. Вақте инсон тараққиҳои ин ҳаёти мухтасарро бе ҷисм ҳосил карда наметавонад, пас, чӣ хел умедвор шавем, ки ин тараққиҳои бепоён, ки беконоранд, бе рафоқати бадан ба таври худ ҳосил хоҳад кард.

Хулоса, аз ҳамаи ин далелҳо исбот мешавад, ки аз рӯйи қоидаҳои Ислом барои анҷом додани корҳои комили рӯҳ рафоқати ҷисм бо рӯҳ доимӣ мебошад. Ҳарчанд баъд аз марг ин ҷисми фонӣ аз рӯҳ ҷудо мешавад, аммо дар олами барзах барои чашидани подоши аъмол рӯҳро бадани орият дода мешавад. Он бадан аз қисмҳои ин бадан намешавад, балки аз нуре ва торикие, чӣ хеле, ки аъмол дошта бошем, тайёр мешавад. Гӯё дар ин олам ҳолатҳои амалии инсон вазифаи баданро иҷро мекунанд. Инчунин дар каломи Худо такроран зикр шудааст ва баъзе баданҳои нуронӣ ва баъзе зулмонӣ (торик) қарор дода шудаанд, ки аз рӯйи равшании аъмол ва ё зулмати аъмол тайёр мешаванд. Ҳарчанд ин сир як сирри дақиқ аст, аммо ғайри маъқул нест. Инсони комил дар ҳамин ҳаёти худ вуҷуди нуронӣ илова ба кайфияти бадани худ ҳосил карда метавонад ва дар олами кашфиёт мисолҳои зиёд дар бораи ин мавҷуданд. Ҳарчанд шахси камфаҳм ва бесаводро фаҳмондан мушкил аст, аммо онҳое, ки аз олами мукошифот саҳм доранд, ба чунин намуд баданро, ки бо аъмол тайёр мешавад, аз нигоҳи тааҷҷуб ва истибъод (дурӣ ҷустан) нахоҳанд дид, балки аз ин мазмун ҳаловат хоҳанд бурд.

Хулоса, ин бадане, ки бо кайфияти аъмол ҳосил мешавад, дар олами барзах мӯҷиби подоши неку бад мешавад. Ман дар бораи ин **соҳиби таҷриба** ҳастам. Маро дар ҳолати кашф айни

замон дар ҳолати бедорӣ басо бо баъзе мардҳо мулоқот афтид ва ман ҷисми баъзе фосиқон ва гумроҳонро чинин сиёҳ дидам, ки гӯё аз дуд сохта шудааст. Хулоса, ман аз ин кӯча шиносоии шахсӣ дорам ва ман бо боварии комил мегӯям, ки чӣ хеле, ки Худо гуфтааст, ҳамин тавр баъд аз марг хоҳ нуронӣ, хоҳ чисмонӣ ҳар кас ҷисм мегирад. Агар инсон ин маорифҳои борикро танҳо бо ақл исбот кунад, пас ин хатои маҳзи вай шуморида мешавад, билки бидонед, ки чӣ хеле, ки чашм маззаи ҳар чизи ширинро гуфта наметавонад ва инчунин забон чизеро дида наметавонад, ҳамин тавр, илмҳои маод, ки танҳо бо мукошифаҳои пок ҳосил шуда метавонанд, танҳо бо ақл уқдаи (гиреҳ) онҳо ҳал шуда наметавонем. Худо дар ин дунё барои донистани маҷҳулот (номаълумиҳо) василаҳои ҷудо-ҷудо муқаррар кардааст. Пас, ҳар як чизро аз рӯйи василааш ҷустуҷӯ кунед, сипас онро хоҳед ёфт.

Як чизи дигар сазовори зикр аст, ки Худо мардумро, ки машғули бадкорию гумроҳӣ шуданд, дар каломи худ ба номи мурдаҳо ёдовар карда ва накӯкоронро зинда қарор додааст. Дар ин сир ҳамин аст, ки мардуме, ки аз Худо ғофил шуда буданд, дар ин олам аз асбобҳои зиндагӣ, яъне хӯрдану нӯшидан ва шаҳватҳо буданд, қатъ шуданд ва аз ғизои рӯҳонӣ пешакӣ саҳм надоштанд. Пас, онҳо дар ҳақиқат мурданд ва онҳо танҳо барои азоб дидан зинда хоҳанд шуд. Ба тарафи ҳамин сир Худои таоло ишора кардааст. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

إِنَّهُۥ مَن يَأْتِ رَبَّهُۥ مُجْرِمًا فَإِنَّ لَهُۥ جَهَنَّمَ ۖ
لَا يَمُوتُ فِيهَا وَلَا يَحْيَىٰ ﴿٧٥﴾[169]

---

[169] 27: سورة طٰه

Яъне шахсе ҳамчун муҷрим (гуноҳкор) пеши Худо ҳозир хоҳад шуд, он гоҳ ҷойгоҳаш ҷаҳаннам аст. Он кас дар он ҷо на зинда ва на мурда хоҳад монд. Аммо онҳое, ки ошиқони Худо ҳастанд, аз марг намемуранд, зеро обу нонашро ҳамроҳ доранд.

Баъд аз барзах замоне меояд, ки номаш олами баъс аст. Дар ин замон ҳар як рӯҳ, хоҳ нек бошаду хоҳ бад, солеҳ бошад ё фосиқ як ҷисми ошкоро хоҳад ёфт ва ин рӯз барои таҷаллиҳои куллии Худо таъйин карда шудааст, ки дар он ҳар як инсон аз ҳастии Рабби худ ба таври комил ошно хоҳад шуд ва ҳар як шахс ба нуқтаи мунтаҳои подоши худ хаҳад расид. Набояд тааҷҷуб кард, ки ин кор аз Худо чӣ тавр воқеъ хоҳад шуд, зеро Ӯ молики ҳар як қудрат аст. Чизе хоҳад, мекунад. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

أَوَلَمْ يَرَ الْإِنْسَانُ أَنَّا خَلَقْنَٰهُ مِنْ نُّطْفَةٍ فَإِذَا هُوَ خَصِيمٌ مُّبِينٌ ﴿٧٨﴾ وَضَرَبَ لَنَا
مَثَلًا وَّنَسِيَ خَلْقَهُۥ ۖ قَالَ مَنْ يُّحْيِ الْعِظَامَ وَهِيَ رَمِيمٌ ﴿٧٩﴾
قُلْ يُحْيِيهَا الَّذِيٓ أَنْشَأَهَآ أَوَّلَ مَرَّةٍ ۖ وَهُوَ بِكُلِّ خَلْقٍ عَلِيمٌ ﴿٨٠﴾ [170]
أَوَلَيْسَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَٰوَٰتِ وَالْأَرْضَ بِقَٰدِرٍ عَلَىٰٓ أَنْ يَّخْلُقَ
مِثْلَهُمْ ۚ بَلَىٰ ۙ وَهُوَ الْخَلَّٰقُ الْعَلِيمُ ﴿٨١﴾ إِنَّمَآ أَمْرُهُۥٓ
إِذَآ أَرَادَ شَيْـًٔا أَنْ يَّقُولَ لَهُۥ كُنْ فَيَكُونُ ﴿٨٣﴾ فَسُبْحَٰنَ
الَّذِي بِيَدِهِۦ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَّإِلَيْهِ تُرْجَعُونَ ﴿٨٤﴾ [171]

Яъне оё инсон надид, ки мо ӯро аз як қатраи об, ки дар бачадон ниҳода шуд, офаридаем, сипас ӯ одами ситезгар шуд. Дар бобати мо гапҳо сохтан гирифт ва офариниши худро

[170] سورة يٰس :78-80

[171] سورة يٰس :82-84

фаромӯш кард ва гуфт, ки чӣ хел мумкин аст, ки вақте устухонҳои мо пӯсида хоҳанд гашт, пас, инсон аз сари нав зинда хоҳад шуд. Кист чунон соҳиби қудрат, ки вайро зинда хоҳад кард? Ба онҳо бигӯ, ки ҳамон кас зинда хоҳад кард, ки пештар офарида буд ва Ӯ аз ҳар як роҳу васила зинда карданро медонад. Шаъни ҳукми Ӯ ин аст, ки вақте чизеро кардан мехоҳад, танҳо мегӯяд, ки шав, сипас он чиз пайдо мешавад. Пас, он зот пок аст, ки ба ҳар як чиз подшоҳӣ дорад ва ҳамаи шумо ба тарафи Ӯ хоҳед баргашт. Пас, Худои таоло дар инояҳо фармуд, ки назди Худо ҳеҷ чиз мушкилӣ надорад. Оне, ки аз як қатра инсонро офаридааст, магар бори дуюм аз офариданаш нотавон аст?

Дар ин ҷо саволи дигар аз тарафи нодонҳо шуда метавонад ва он ин аст, ки вақте олами сеюм, ки олами баъс аст, баъд аз муддати дароз хоҳад омад, аз ин рӯ барои ҳар як неку бад олами барзах ҳамчун зиндон аст, ки ин кори беҳуда ба назар мерасад. Ҷавобаш ҳамин, ки чунин фикр, ки танҳо аз рӯйи нодонӣ пайдо мешавад, ғалати маҳз аст. Дар ҳақиқат дар китоби Худо барои мукофоту ҷазои неку бад ду мақом зикр шудаанд. Яке олами барзах, ки ҳар кас дар он ҷазои худро ба таври пинҳонӣ хоҳад ёфт. Шахсони бад баъд аз марг ба дӯзах дохил хоҳанд шуд. Шахсони нек баъд аз марг ба ҷаннат дохил хоҳанд шуд. Чунончи, ояҳо дорои чунин мазмун дар Қуръон бисёранд, ки ҳар як инсон ба муҷарради марг ҷазои аъмоли худро мебинад. Чӣ хеле, ки Худо дар бораи чаннатие хабар медиҳад:

قِيْلَ ادْخُلِ الْجَنَّةَ ؕ [172]

---

[172] 27: سورة يٰس

Ӯро гуфта шуд, ки ба биҳишт дохил шав ва инчунин хабари як дӯзахиро дода мефармояд:

فَرَاٰهُ فِيْ سَوَآءِ الْجَحِيْمِ ۝٥٥ [173]

Яъне биҳиштиеро дӯсти ҷаҳаннамӣ буд. Вақте ҳар ду мурданд, биҳиштӣ ҳайрон буд, ки дӯстам дар куҷост. Пас, вайро нишон дода шуд, ки он кас дар байни ҷаҳаннам аст. Пас, мукофоту ҷазо бедаранг оғоз мешавад ва дӯзахиҳо ба дӯзах ва биҳиштиҳо ба биҳишт меравандд, аммо баъд аз ин барои таҷаллои аъло рӯзи дигар аст, ки ҳикмати Худо онро зоҳир карданро тақозо мекунад, зеро Ӯ инсонро офаридааст, то бо холиқияти худ шинохта шавад ва баъд аз ин Ӯ ҳамаро ҳалок хоҳад кард, то бо сифати қаҳҳорияти худ шинохта шавад ва боз рӯзе ҳамаро зиндагии комил бахшида дар як майдон ҷамъ хоҳад овард, то бо сифати қодирияти худ шинохта шавад. Акнун бояд донист, ки аз байни дақоиқи зикршуда ин аввалин дақиқа буд, ки зикраш карда гузаштем.

### *Дувум нуктаи дақиқи маърифат*

Дуюм дақиқаи маърифат, ки онро дар бораи олами маод Қуръони карим зикр кардааст, ин аст, ки дар олами маод, он ҳамаи чизҳо, ки дар дунё рӯҳонӣ буданд, ба таври ҷисмонӣ ба зуҳур хоҳанд расид, хоҳ дар олами маод дараҷаи барзах бошад ва ё олами баъс. Оид ба ҳамин зикрҳое, ки Худои таоло кардааст, ояти зайл яке аз онҳо мебошад:

---

[173] 56: سورة الصّٰفّٰت

وَمَنْ كَانَ فِي هٰذِهٖٓ اَعْمٰى فَهُوَ فِي الْاٰخِرَةِ اَعْمٰى وَاَضَلُّ سَبِيْلًا ﴿٧٢﴾ [174]

Яъне шахсе дар ин дунё кӯр аст, дар он дунё низ кӯр хоҳад шуд. Мафҳуми ин оя ҳамин аст, ки нобиноии рӯҳонии ин дунё, дар он дунё ба таври ҷисмонӣ мушоҳида ва ҳис карда хоҳад шуд. Инчунин дар ояти дигар мефармояд:

خُذُوْهُ فَغُلُّوْهُ ﴿٣١﴾ ثُمَّ الْجَحِيْمَ صَلُّوْهُ ﴿٣٢﴾ ثُمَّ فِيْ سِلْسِلَةٍ ذَرْعُهَا سَبْعُوْنَ ذِرَاعًا فَاسْلُكُوْهُ ﴿٣٣﴾ [175]

Яъне он ҷаҳаннамиро бидоред. Дар гарданаш тавқ кунед. Боз ӯро дар ҷаҳаннам бисӯзонед. Сипас ӯро дар занҷире, ки тӯлаш ҳафтод газ аст, бидароред. Пас, бидонед, ки дар ин ояҳо ошкоро гуфта шудааст, ки азоби рӯҳонии ин дунё дар олами маод ба таври ҷисмонӣ зоҳир хоҳад шуд. Чунончи тавқи гардани хоҳишҳои дунё, ки сари инсонро тарафи замин хам карда буд, дар олами сонӣ ба таври зоҳирӣ хоҳад дид. Инчунин занҷири гирифториҳои дунё дар пой нишон хоҳад дод ва сӯзиши оташи хоҳишҳои дунё пеши чашм фурӯзон ба назар хоҳад расид.

Инсони фосиқ дар зиндагии дунё як ҷаҳаннами ҳавову ҳавас дар худ дорад ва ба сурати нокомию номуродиҳо сӯзиши он ҷаҳаннамро ҳис мекунад. Пас, вақте аз шаҳватҳои фонӣ дур монда хоҳад шуд ва ноумедии доимӣ ӯро фаро хоҳад гирифт, пас Худои таоло он ҳасратҳоро ба таври оташи ҷисмонӣ ба он зоҳир хоҳад кард. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

---

[174] سورة بنی اسرائیل :73

[175] سورة الحاقة :31-33

وَحِيْلَ بَيْنَهُمْ وَبَيْنَ مَا يَشْتَهُوْنَ[176]

Яъне дар байни онҳо ва хоҳишҳои онҳо ҷудоӣ хоҳад афканд ва ҳамчун решаи азоб хоҳад шуд. Ва боз фармуд, ки дар занҷири ҳафтод газ ӯро дохил кунед, ин ишора ба ин тараф аст, ки фосиқе басо ҳафтод сола мешавад, балки чандин бор ӯ дар ин дунё чунин ҳафтод сол меёбад, ки замони хурдсолӣ ва пириро як тараф монда, ӯро як умри тоза дода мешавад, сазовори меҳнат, ақлдорӣ ва кор мебошад, аммо ӯ бадбахт ҳафтод соли зиндагии тозаи худро дар гирифториҳои дунё мегузаронад ва аз ин занҷир озод шудан намехоҳад. Пас, Худованд дар ин оя мефармояд, ки ҳафтод соле, ки ӯ ба гирифтори дунё шуда сарф кард, дар олами охират занҷир шуда аён хоҳанд шуд, ки ҳафтод газ хоҳад шуд. Ҳар як газ ба ҷойи як сол аст. Дар ин ҷо бояд дар хотир дошт, ки Худованд аз тарафи худ бар банда ҳеҷ мусибат нозил намекунад, балки Ӯ корҳои бади инсон дар пешаш мемонад. Боз дар изҳори ҳамин суннати худ Худои таоло дар як ҷойи дигар мефармояд:

اِنْطَلِقُوْٓا اِلٰى ظِلٍّ ذِيْ ثَلٰثِ شُعَبٍ ﴿٣١﴾
لَّا ظَلِيْلٍ وَّلَا يُغْنِيْ مِنَ اللَّهَبِ ﴿٣٢﴾[177]

Яъне эй бадкорону гумроҳон, ба сӯйи сояи сегона биривед, ки се шохҳо дорад. Онҳо соя дода наметавонанд ва аз гармӣ низ эмин дошта наметавонанд. Дар ин оя мурод аз се шохҳо қувваҳои сабъӣ, баҳимӣ ва ваҳмӣ (хосиятҳои дарандаҳо, ки дар инсон ба таври маҷоз вуҷуд доранд) мебошанд. Онҳое, ки

[176] سورة سبا :55

[177] سورة المرسلٰت :32-31

ин ҳар се қувваҳоро ба ранги ахлоқ иваз намекунанд ва таъдили он намекунанд, дар рӯзи қиёмат ин қувваҳояшон монанди се шоххҳои бебарг ва аз гармӣ онҳоро нигоҳ надошта пеши онҳо нишон дода хоҳанд шуд. Онҳо аз гармӣ хоҳанд сӯхт. Боз Худои таоло барои изҳори ҳамин суннати худ дар ҳаққи биҳиштиҳо мефармояд:

يَوْمَ تَرَى الْمُؤْمِنِيْنَ وَالْمُؤْمِنٰتِ[178]

Яъне он рӯз хоҳӣ дид, ки ин нури муъминҳо, ки дар дунё ба таври пӯшида аст, ошкоро дар пеш ва ба паҳлуи росташон хоҳад давид. Сипас дар ояти дигар фамудааст:

يَّوْمَ تَبْيَضُّ وُجُوْهٌ وَّتَسْوَدُّ وُجُوْهٌ ۚ[179]

Яъне дар он рӯз баъзе чеҳраҳо сафеду нуронӣ ва баъзеҳо тираву сиёҳ хоҳанд шуд. Ва боз дар ҷойи дигар мефармояд:

مَثَلُ الْجَنَّةِ الَّتِيْ وُعِدَ الْمُتَّقُوْنَ ؕ فِيْهَآ اَنْهٰرٌ مِّنْ مَّآءٍ غَيْرِ اٰسِنٍ ۚ
وَاَنْهٰرٌ مِّنْ لَّبَنٍ لَّمْ يَتَغَيَّرْ طَعْمُهٗ ۚ وَاَنْهٰرٌ مِّنْ خَمْرٍ
لَّذَّةٍ لِّلشّٰرِبِيْنَ ۚ وَاَنْهٰرٌ مِّنْ عَسَلٍ مُّصَفًّى ؕ[180]

Яъне мисоли биҳиште, ки ба муттақиҳо дода хоҳад шуд, боғест, ки дар он рӯдҳои оби ифлоснопазир ҷорианд ва дар он ҷо рӯдҳои ширанд, ки маззаашон ҳеҷ гоҳ дигар намешавад ва боз

[178] 13: سورة الحديد

[179] 107: سورة آل عمران

[180] 16: سورة محمد

дар он рӯдҳои шаробанд, ки фақат лаззат медиҳанд ва хумор надоранд. Боз дар он ҷо рӯдҳои асал ҳастанд, ки бениҳоят тоза ва ҳеҷ касофат надоранд. Дар ин ҷо ошкоро фармуд, ки дар ин биҳишт рӯдҳои зикршуда беканоранд. Он оби зиндагӣ, ки орифе дар дунё ба таври рӯҳонӣ менӯшад, дар он ҷо ба таври зоҳирӣ мавҷуд аст ва он шири рӯҳонӣ, ки бо ӯ чун кӯдаки хурдсол ба таври рӯҳонӣ дар дунё парвариш меёбад, дар биҳишт ба таври зоҳирӣ хоҳад дид. Ва он шароби муҳаббати Худо, ки бо он дар дунё ба таври рӯҳонӣ маст мешуд, акнун дар ҷаннат ошкоро рӯдҳои онро хоҳад дид. Ва он лаззати асали имонӣ, ки дар дунё ба таври рӯҳонӣ дар даҳони ориф резонда мешавад, дар биҳишт ҳамчун рӯдҳои намоён хоҳад дид ва ҳар як биҳиштӣ ҳолатҳои рӯҳонии худро бо он рудҳову боғҳои худ ошкоро нишон дода хоҳад шуд ва Худо низ он рӯз барои биҳиштиҳо аз ҳиҷобҳо берун хоҳад омад. Хулоса, ҳолатҳои рӯҳонӣ пинҳон нахоҳанд монд, балки ба таври ҷисмонӣ дида хоҳанд шуд.

### *Сеюм нуктаи дақиқи маърифат*

Савум нуктаи дақиқи маърифат аз ин иборат аст, ки дар олами маод (охират) тараққиҳо бепоён хоҳанд шуд. Дар ин маврид Худои таоло мефармояд:

وَالَّذِيْنَ اٰمَنُوْا مَعَهٗ ۚ نُوْرُهُمْ يَسْعٰى بَيْنَ اَيْدِيْهِمْ
وَبِاَيْمَانِهِمْ يَقُوْلُوْنَ رَبَّنَآ اَتْمِمْ لَنَا نُوْرَنَا وَاغْفِرْ لَنَا ۚ
اِنَّكَ عَلٰى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيْرٌ ⑨ [181]

[181] سورة التحريم :9

Яъне онҳое, ки дар дунё нури имон доранд, рӯзи қиёмат нурашон дар пеши онҳо ва дар дасти рости онҳо хоҳад давид. Онҳо ҳамеша хоҳанд гуфт, ки Худоё, нури моро ба ҳадди камол бирасон ва моро таҳти мағфирати худ бигир. Ту бар ҳар як чиз қодир ҳастӣ.

Дар ин оят чунин фармон, ки онҳо ҳамеша ҳамин хел хоҳанд гуфт, ки нури моро то ба ҳадди камол бирасон, ба тараққиҳои бепоён ишора карда шудааст, яъне як камоли нуроният ба онҳо ҳосил хоҳад шуд, сипас камоли дуюм ба назар хоҳад расид. Ин камолро дида камоли пешинаро ноқис фикр хоҳанд кард. Баъд барои ҳосил намудани камоли сонӣ хоҳиш хоҳанд кард ва вақте ӯ ҳосил хоҳад шуд, сипас як дараҷаи сеюми камол бар онҳо ошкор хоҳад шуд. Боз инро дида камолоти пешинаро ҳеҷ чиз фикр хоҳанд кард ва хоҳишаш хоҳанд кард. Ҳамин хоҳиши тараққиҳо аст, ки аз калимаи **атмим** (комил), фаҳмида мешавад.

Хулоса, силсилаи тараққиҳои бепоён бар ҳамин минвол идома хоҳад ёфт. Ҳеҷ гоҳ таназзул нахоҳад шуд ва на онҳо аз биҳишт ронда хоҳанд шуд, балки ҳар як рӯз пешрафт дорад ва онҳо ба қафо нахоҳанд рафт. Ва ин фармон, ки онҳо ҳамеша мағфирати худро хоҳанд хост, савол ба миён меорад, ки вақте дар биҳишт дохил шуданд, пас, дар мағфират кадом камӣ мондааст ва вақте гуноҳҳо бахшида шуданд, пас, чӣ ҳоҷати истиғфор (бахшиш талаб кардан) мондааст. Ҷавобаш ин, ки маънои ҳақиқии **мағфират** ҳолати номувофиқ ва ноқисро фурӯ

нишондан ва пӯшондан аст. Пас, биҳиштиҳо чунин хоҳиш хоҳанд кард, ки камоли ниҳоӣ ҳосил кунанд ва сар то по ба нур ғарқ шаванд. Онҳо ҳолати дуюмро дида ҳолати аввалро ноқис фикр хоҳанд кард. Бинобар ҳамин, хоҳанд хост, ки ҳолати аввал фурӯ нишонда шавад. Сипас, камоли сеюмро дида орзу хоҳанд кард, ки ба нисбати камоли дуюм мағфират шавад, яъне он ҳолати ноқис фурӯ нишонда шавад ва пинҳон карда шавад. Ба ҳамин тариқ хоҳишманди силсилаи мағфирати бепоён хоҳанд шуд. Ин ҳамон калимаи мағфират ва истиғфор аст, ки баъзе нодонҳо ба нисбати Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба таври эътироз ҳамчун эрод месозанд. Пас, бинандагон дар ин ҷо фаҳмиданд, ки ҳамин хоҳиши истиғфор фахри инсон аст. Оне, ки аз шиками зане таваллуд шуда, бар одати истиғфор давом накунад, ӯ як кирм аст, на инсон ва кӯр аст, на ки бино ва нопок аст, на ки пок.

Акнун хулосаи калом ҳамин, ки аз рӯйи Қуръони шариф дӯзаху биҳишт азлол (инъикос) ва осори ҳаёти инсон аст. Ягон чизи ҷисмонии нав нест, ки аз ҷойи дигар омада бошад. Дуруст аст, ки ҳар ду ба таври ҷисмонӣ зоҳир хоҳанд шуд, аммо онҳо азлолу (инъикос) осори ҳолатҳои рӯҳонии аслӣ хоҳанд шуд. Мо вуҷуди чунин биҳиштро қабул намекунем, ки дар он ба таври ҷисмонӣ бар як замин дарахтҳо шинонда шудаанд ва на ба чунин дӯзах қойл ҳастем, ки дар он дар ҳақиқат сангҳои сулфур мавҷуд бошанд, **балки аз рӯйи ақидаи исломӣ биҳишту дӯзах инъикоси ҳамон аъмол мебошад, ки дар дунё инсон мекунад.**

# САВОЛИ СЕЮМ

***Мақсуди аслии ҳаёти инсонӣ дар дунё чист ва чӣ хел онро ба даст оварда метавонем*?**

Ҷавоби ин савол чунин аст, ки ҳарчанд мизоҷҳои гуногундоштаи инсон ба сабаби кутоҳфаҳмӣ ва ҳиммати пасти худ ҳадафҳои гуногун барои зиндигии худ муқаррар мекунанд ва танҳо ба мақсадҳо ва орзуҳои дунё расида меистанд, аммо он ҳадафе, ки Худои таоло дар каломи поки худ овардааст, чунин мебошад:

وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ۝٥٦ [182]

Яъне Ман ҷинну инсро ба ин сабаб офаридаам, ки онҳо маро шиносанд ва маро парастиш кунанд. Акнун аз рӯйи ин оя ҳадафи ҳақиқии зиндагии инсон парастиши Худо, маърифати Худо ва барои Худо шудан аст. Медонем, ки инсон ба дараҷае нарасидааст, ки ҳадафи зиндагонии худро худаш таъйин кунад, зеро инсон на ба хоҳиши худ ба дунё меояд ва на ба хоҳиши худ хоҳад рафт, балки як махлуқест, ва оне, ки ӯро офаридааст ва нисбат ба ҳамаи ҳайвонҳо ӯро узвҳои аъло бахшидааст, ҳамон кас ҳадафи зиндагии инсонро муқаррар кардааст. Хоҳ инсон ин ҳадафро фаҳмад ва ё нафаҳмад, аммо бешубҳа ҳадафи пайдоиши

[182] 57: سورة الذريت

инсон парастиши Худо, маърифати Худо ва фано шудан дар Худо аст. Чӣ хеле, ки Худои таоло дар Қуръони пок мефармояд:

إِنَّ الدِّيْنَ عِنْدَ اللّٰهِ الْإِسْلَامُ ۗ [183]

فِطْرَتَ اللّٰهِ الَّتِيْ فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا ۚ ... ذٰلِكَ الدِّيْنُ الْقَيِّمُ ۙ [184]

Яъне дине, ки дар он маърифати саҳеҳи Худо ва парастишаш ба таври аҳсан аст, Ислом аст ва Ислом дар фитрати инсон ниҳода шудааст ва Худо инсонро бар Ислом офаридааст ва барои Ислом офаридааст. Яъне чунин хостааст, ки инсон бо ҳамаи қувваҳои худ парастиши Ӯ ва дар итоату муҳаббаташ банд шавад. Бинобар ҳамин он Қодир ва Карим инсонро ҳамаи қувваҳо мувофиқ ба Ислом додааст.

Шарҳи ин ояҳо хеле дароз аст ва мо аллакай дар бахши сеюми саволи якум андаке дар борааш навиштаем, аммо акнун мо ба таври мухтасар изҳор намудан мехоҳем, ки чӣ қадар узвҳои дарунӣ ва берунӣ инсонро дода шудаанд ва ё чӣ қадар қувваҳо ато шудаанд, мақсади ҳақиқии онҳо маърифати Худо, парастиши Худо ва муҳаббат бо Худо аст. Ба ҳамин сабаб инсон дар дунё ҳазорҳо кор анҷом медиҳад ва интихоб мекунад, аммо ғайри Худо хушҳолии ҳақиқии худро намеёбад. Сарватманди калон шуда, соҳибмақом гашта, тоҷир муваффақ шуда, файласуфи моҳир шуда ва ҳатто подшоҳи бузург шуда, охир ба афсӯс аз ин гирифториҳои дунё меравад ва ҳамеша дилаш ба сабаби ғарқи корҳои дунё ӯро накӯҳиш мекунад ва дар виҷдонаш бо найрангу

---

[183] 20: سورة آل عمران

[184] 31: سورة الروم

фиреб ва корҳои ноҷоиз ҳеҷ гоҳ мувофиқат намекунад. Як одами доно ин масъаларо ин тавр низ фаҳмида метавонад, ки сифоти ҳар як чиз, ки корҳои олитарро анҷом дода метавонанд ва дар як мақом омада меистанд, дар ҳақиқат ҳамон корҳои бузург сабаби аслии пайдоиши он дониста мешаванд. Масалан, кори барзагов шудгор кардани замин ё об пошидан ва ё бор бардоштан мебошанд. Аз ин зиёд ҳеҷ чиз карда наметавонад. Аз ин мебояд, ки ҳадафи барзагов ҳамин се вазифа мебошанд. Зиёда аз ин ҳеҷ қувва дар он вуҷуд надорад, аммо вақте мо қувваҳои инсонро месанҷем, ки дар он кадом қувваи аълотарин мавҷуд аст, пас, исбот мешавад, ки дар он талоши Худои таоло вуҷуд дорад, ҳатто ӯ мехоҳад, ки дар муҳаббати Худо чунон гудоз ва фонӣ шавад, ки ҳар як чизи ӯ аз они Худо шуда, аз ӯ ҳеҷ чиз боқӣ намонад. Ӯ дар корҳои умумӣ масалан дар хӯрдану хуфтан ҳайвонҳои дигарро шарики худ меҳисобад. Баъзе ҳайвонҳо дар санъаткорӣ аз ӯ пеш рафтагианд. Занбурҳои асал атри гулро бароварда, чунон асали тоза месозанд, ки то ҳол инсон дар ин санъат комёб нашудааст. Аз ин мебояд, ки камоли аълотарини инсон дар висоли Худо аст. Пас, ҳадафи аслии ҳаёти инсон ҳамин аст, ки тирезаи дилаш ба тарафи Худо кушода шавад.

## Василаҳои ҳосил намудани ҳаёти инсонӣ

Агар чунин савол шавад, ки ба ҳадаф расидан чӣ хел мумкин аст ва бо кадом василаҳо инсон онҳоро ёфта метавонад, пас бидонед, ки **василаи якум**, ки барои ҳосил намудани ин ҳадаф шарт аст, ин мебошад, ки Худоро хубтар шинохта шавад ва бар Худои рост имон оварда шавад, зеро агар гоми аввал нодуруст бошад ва паранда, чаранда, унсурҳо ё писари инсонро Худо ҳисобида шавад, пас, дар қадамҳои дигар ба роҳи рост

рафтан чӣ умед хоҳем дошт. Худои рост ба талошкунандагони худ кумак мерасонад, аммо мурда-мурдаро чӣ тавр ёрдам карда метавонад. Дар ин маврид Худои ҷалла шаънуҳу мисоли хуб овардааст:

لَهُۥ دَعْوَةُ ٱلْحَقِّ ۖ وَٱلَّذِينَ يَدْعُونَ مِن دُونِهِۦ لَا يَسْتَجِيبُونَ لَهُم بِشَىْءٍ إِلَّا كَبَٰسِطِ كَفَّيْهِ إِلَى ٱلْمَآءِ لِيَبْلُغَ فَاهُ وَمَا هُوَ بِبَٰلِغِهِۦ ۚ وَمَا دُعَآءُ ٱلْكَٰفِرِينَ إِلَّا فِى ضَلَٰلٍ ﴿١٥﴾[185]

Яъне сазовори дуо он Худои ҳақиқӣ аст, ки бар ҳар як амр қодир аст ва онҳое, ки ғайр аз он дигаронро ҷеғ мезананд, онҳо ҳеҷ ҷавоб ба онҳо гардонда наметавонанд. Инҳо монанди он кас мебошанд, ки даст дароз карда бигӯяд. Эй об, ба даҳонам биё. Оё он ба даҳонаш меояд? Албатта не. Пас, онҳое ки аз Худои рост бехабаранд, ҳамаи дуоҳояшон ботиланд.

**Василаи дувум** огоҳ шудан бар ҳусну ҷамоли Худо аст, ки ба дараҷаи камол дар он вуҷуд дорад, зеро ҳусн чизест, ки ба таври худ дил ба тарафи он кашол-кашол меравад ва аз мушоҳидаи он ба таври худ муҳаббат пайдо мешавад. Пас, ҳусни Худо сифатҳои ваҳдонияти он ва азамату бузургии он мебошад. Чӣ хеле, ки Қуръони пок фармудааст:

قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿٢﴾ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٣﴾ لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ﴿٤﴾ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ﴿٥﴾[186]

---

[185] 15: سورة الرعد

[186] 5-2: سورة اخلاص

Яъне Худо дар зот, сифат ва ҷалоли худ якто аст. Ҳеҷ кас шарики Ӯ нест. Ҳама ба ӯ эҳтиёҷ доранд. Зарра-зарра аз Ӯ зиндагӣ меёбад. Ӯ барои ҳамаи чизҳо мабдаи файз аст ва худи Ӯ аз ҳеҷ кас файз намегирад. Ӯ на писари касест ва на падари касест ва чӣ хел шуда метавонад, дар ҳоле ки ҳеҷ кас ҳамзоти Ӯ нест. Қуръон бо такрор камоли Худоро нишон дода ва азаматҳои Ӯро пеш ниҳода, диққати мардумро ба ин тараф гардондааст, ки бубинед, чунин Худо дӯстдоштаи дилҳо мебошад, на он, ки мурда, заиф, камраҳм ва камқудрат бошад.

**Василаи сеюм**, ки то ба расидани мақсуди ҳақиқӣ зинаи дуюмдараҷа мебошад, иттилоъ ёфтан бар эҳсони Худо аст, зеро муҳаррики муҳаббат ду чиз мебошанд. Ҳусн ё эҳсон ва хулосаи сифатҳои эҳсонии Худо дар сураи Фотеҳа ёфта мешавад. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

اَلْحَمْدُ لِلّٰهِ رَبِّ الْعٰلَمِيْنَ ۙ۝۲ الرَّحْمٰنِ
الرَّحِيْمِ ۙ۝۳ مٰلِكِ يَوْمِ الدِّيْنِ ؕ۝۴ [187]

Медонем, ки эҳсони комил онгоҳ  мешавад, ки Худои таоло бандагони худро аз нестӣ пайдо кунад, сипас ҳамеша рабубияти Ӯ шомили онҳо бошад ва ҳар як чиз такия бар Ӯ кунад ва ҳар гуна раҳматҳои Ӯ барои бандагонаш зоҳир шаванд ва эҳсонаш интиҳо надошта бошад ва касе онро шумор карда натавонад. Пас, чунин эҳсонҳоро Худои таоло бо такрор ёдовар шудааст. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

---

[187] سورة فاتحه :2-4

وَإِنْ تَعُدُّوا نِعْمَتَ اللَّهِ لَا تُحْصُوهَا[188]

Яъне агар неъматҳои Худоро шуморидан хоҳед, ҳеҷ гоҳ шуморида наметавонед.

Худои таоло **василаи чаҳорум** барои ноил шудани мақсади ҳақиқӣ дуоро гуфтааст. Чӣ хеле, ки Ӯ мефармояд:

ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ[189]

Яъне шумо дуо кунед, ман қабул хоҳам кард ва борҳо ба дуо роғиб кардааст, то инсон на ба қувваи худ, балки бо қудрати Худо истифода кунад.

**Василаи панҷум** барои ҳосил намудани мақсади ҳақиқӣ Худои таоло муҷоҳидаро гуфтааст. Яъне молҳо, қувваҳо, ҷонҳо ва ақлҳои худро дар роҳи Худо харҷ карда барои Ӯ ҷустуҷӯ карда шавад.

جَاهِدُوا بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ[190]

مِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنْفِقُونَ ۝٣[191]

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا[192]

---

[188] 35: سورة ابراهيم

[189] 61: سورة مؤمن

[190] 41: سورة التوبه

[191] 4: سورة البقرة

[192] 70: سورة العنكبوت

Яъне молҳо, ҷонҳо ва нафсҳои худро бо ҳамаи қувваҳои онҳо дар роҳи Худо харҷ кунед ва чӣ қадар ақл, илм, фаҳмиш ва ҳунар, ки шуморо додаем, ҳамаро дар роҳи Худо харҷ кунед. Онҳое, ки дар роҳи мо ҳар гуна кӯшишҳоро ба ҷо меоранд, мо онҳоро роҳҳои худ нишон медиҳем.

**Василаи шашум** барои ҳосил намудани мақсади ҳақиқӣ истиқоматро баён фармуда шудааст. Яъне дар ин роҳ монда ва оҷиз нашавад ва аз имтиҳон натарсад. Чӣ хеле, ки Худо мефармояд:

إِنَّ الَّذِيْنَ قَالُوْا رَبُّنَا اللّٰهُ ثُمَّ اسْتَقَامُوْا تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ
الْمَلٰٓئِكَةُ اَلَّا تَخَافُوْا وَلَا تَحْزَنُوْا وَاَبْشِرُوْا بِالْجَنَّةِ الَّتِيْ كُنْتُمْ
تُوْعَدُوْنَ ﴿٣١﴾ نَحْنُ اَوْلِيٰٓؤُكُمْ فِي الْحَيٰوةِ الدُّنْيَا وَفِي الْاٰخِرَةِ ج [193]

Яъне онҳое, ки гуфтаанд, ки Худо парвардигори мост ва аз худоҳои ботил ҷудо шуданд, сипас ба ин қавли худ истиқоматро нишон доданд, яъне дар вақти озмоиш ва балоҳои гуногун поҳои худро мустаҳкам монданд, бар онҳо фариштаҳо нозил мешаванд, (чунин гуфта) ки шумо натарсед ва ғамгин машавед ва хурсанд шуда шодӣ кунед, ки шумо ворисӣ ин шодӣ гаштаед, ки шуморо ваъда дода шудааст. Мо дар ин зиндагии дунё ва охират дӯстҳои шумоем. Дар ин ҷо бо ин калимаҳо ишора фармуд, ки аз ин истиқомат ризои Худо ҳосил мешавад. Дуруст аст, ки истиқомат болои кароматаст. Истиқомати камол ин аст, ки вақте аз чор тараф балоҳо иҳота карда бошанд, дар роҳи Худо

[193] سورة حٰم السجدة :32-31

ҷон, мол, обрӯ дар хатар бошанд ва ҳеҷ кас тасаллодиҳанда набошад, ҳатто Худои таоло низ барои имтиҳон кашф, хоб ва илҳоми тасаллоро маҳкам карда бошад ва дар биму тарси хатарнок бимонад, он гоҳ номардиро нишон надода монанди буздилҳо кафо нагардад ва дар сифати роҳи вафо хеҷ халал пайдо нашавад. Рахнае дар сидқу сабот пайдо нашавад. Бар зиллат шод бошанд. Бар марг розӣ шаванд ва барои собитқадам мондан интизори дӯсте нашаванд, ки кумак кунад. На он гоҳ толибони башоратҳои Худо шаванд, ки вақт нозук аст ва бо вуҷуди бекасу заифи маҳз будан ва наёфтани тасалло рост беистанд ва "ҳар чӣ бодо бод" гуфта, гарданро дар пеш монанд ва пеши қазову қадр дам назананд ва ҳеҷ гоҳ гиряву нола нишон надиҳанд, то вақте, ки ҳаққи санҷиш ба ҷо оварда шавад. Ҳамин истиқомат аст, ки аз он Худоро ёфта мешавад. Ҳамин сабаб аст, ки то ҳозир аз хоки расулҳо, анбиё, сиддиқҳо ва шаҳидҳо бӯйи хуш мебарояд. Ба ҳамин тараф ишора карда Худои таоло мефармояд:

اِهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيْمَ ۙ﴿۶﴾ صِرَاطَ الَّذِيْنَ اَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ ۙ [194]

Яъне Худоё, моро роҳи истиқомат нишон бидеҳ. Ҳамон роҳе, ки бар он инъому икроми Ту мутараттиб мешавад ва Ту розӣ мешавӣ. Ба ҳамин тараф дар ояти дигар ишора карда шудааст:

رَبَّنَآ اَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْرًا وَّتَوَفَّنَا مُسْلِمِيْنَ ﴿۱۲۷﴾ ع [195]

---

[194] 7-6: سورة فاتحة

[195] 127: سورة الاعراف

Худоё, ҳангоми ин мусибат бар мо сакинати дил нозил фармо, ки мо сабр ҳосил кунем ва чунин шавад, ки марги мо бар Ислом бошад. Бидонед, ки дар вақти ғаму мусибатҳо Худои таоло бар дили бандагони худ нуре нозил мекунад, ки аз он қувва гирифта, онҳо бо итминон муқобили мусибат мебароянд ва аз ҳаловати имонӣ он занҷирҳоро, ки дар ин роҳ дар пояшон меафтанд, буса медиҳанд. Вақте бар одами бо Худо балоҳо нозил мешаванд ва осори марг зоҳир мешаванд, дар натиҷа ӯ бо рабби худ ҷанҷоли беҳуда сар намекунад, ки маро аз ин балоҳо маҳфуз мон, зеро дар дуои офият якравӣ кардан гӯё ҷанҷол бо Худо ва зидди мувофиқати комил аст, балки муҳибби ҳақиқӣ дар натиҷаи дар пеш омадани бало қадамҳоро пештар мемонад ва он гоҳ ҷони худро ҳеҷ дониста ва муҳаббати ҷонро видоъ гуфта тобеи ризои рабби худ мешавад ва ризои Ӯро мехоҳад. Дар ҳаққи ҳамин Худои таоло мефармояд:

وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَّشْرِيْ نَفْسَهُ ابْتِغَآءَ
مَرْضَاتِ اللّٰهِ ؕ وَاللّٰهُ رَءُوْفٌۢ بِالْعِبَادِ ﴿٢٠٨﴾[196]

Яъне бандаи маҳбуби Худо ҷони худро дар роҳи Худо фидо мекунад ва дар ивази он ризои Худоро мехарад. Ҳаминҳо мавриди раҳмати хоси Худо ҳастанд. Хулоса, истиқомате, ки аз он Худо ҳосил мешавад, ҳамин рӯҳ дорад. Ҳар ки фаҳмидан мехоҳад, бифаҳмад.

[196] سورة البقرة :208

Барои ҳосил намудани ҳадафи ҳиқиқӣ **василаи ҳафтум** суҳбати ростбозҳо ва дидани намунаҳои комили онҳо мебошад. Пас, бояд донист, ки яке аз зароратҳои инсон барои вуҷуди пайғамбарон ин мебошад, ки табъан он кас ба намунаи кирдори комил ниёз дорад ва намунаи комил завқро меафзояд ва ҳимматро зиёд мекунад ва касе ки пайрави он намуна нест, суст мешавад ва роҳро гум мекунад. Ба ҳамин тараф Худои таоло дар ин оя ишора кардааст:

كُونُوا مَعَ الصّٰدِقِيْنَ ﴿١١٩﴾ [197]

صِرَاطَ الَّذِيْنَ اَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ ۙ [198]

Яъне ба онҳо ҳамнишинӣ кунед, ки ростбоз ҳастанд. Роҳи онҳоро пайравӣ кунед, ки бар онҳо пеш аз шумо фазли Худо нозил шудааст.

**Ҳаштумин васила** аз тарафи Худо кашфҳои пок, илҳомҳои пок ва хобҳои покро дидан аст. Азбаски ба тарафи Худо сафар кардан роҳи ниҳоят дақиқ аст ва ин роҳ дарду алам бисёр дорад ва мумкин аст, ки инсон дар роҳи нодида гум шавад ва ё ноумед шавад ва қадамҳои худро пеш нагузорад, бинобар ҳамин раҳмати Худо хост, ки аз тарафи худ дар ин сафар тасалло диҳад ва дилдорӣ кунад, камари ҳиммати ӯро баста, шавқи ӯро афзояд. Пас, суннати Худо дар ин роҳ бо мусофирҳо чунин будааст, ки ҳар гоҳ онҳоро бо калому илҳоми худ тасалло дода, бар онҳо равшан мекунад, ки Ман бо шумо ҳастам. Сипас онҳо

[197] سورة التوبة :119

[198] سورة الفاتحة :7

қувва гирифта, бо иштиёқи зиёд он сафарро тай мекунанд. Чунончи, дар ин бора Ӯ мефармояд:

لَهُمُ الْبُشْرٰى فِي الْحَيٰوةِ الدُّنْيَا وَفِي الْاٰخِرَةِ ۚ [199]

Ба ҳамин тартиб василаҳои дигар низ ҳастанд, ки Қуръони пок баён фармудааст, аммо ба андешаи тӯл шудани мазмун онҳоро баён карда наметавонем.

[199] 65: سورة يونس

# САВОЛИ ЧАҲОРУМ

***Нақши шариати амалӣ дар ин зиндагӣ ва дар он зиндагӣ чист*?**

Ҷавоби ин савол ҳамон навиштаи пешина аст, ки кирдори шариати рост ва комил бар дили инсон дар ин ҳаёташ ин мебошад, ки ӯ аз ҳолати ваҳшоният ба ҳолати инсон мубаддал гардонад. Сипас, аз инсони одӣ ба инсони ахлоқдор иваз кунад ва баъд аз инсони ахлоқдор ба зинаи инсони Худодор бирасонад. Илова бар ин дар ин зиндагӣ феъли шариати амалӣ ин ҳам мебошад, ки дар натиҷаи амал кардан бар шариати рост он шахс ба мардум ин тавр таъсир мерасонад, ки дараҷа ба дараҷа ҳаққи онҳоро мешиносад ва қувваҳои адл, эҳсон ва ҳамдардиро дар вақташон истифода мекунад ва чӣ қадар Худо онро илм, маърифат, мол ва осоиш додааст, ҳамаи дигар мардумро ба маротиб дар ин неъматҳо шарик мекунад. Ӯ монанди офтоб бар ҳамаи мардум нури худро мепӯшонад ва мисли моҳтоб аз Худо нур гирифта ба дигарон мерасонад. Ӯ монанди рӯз равшан шуда, роҳҳои некӣ ва беҳбудиро ба мардум нишон медиҳад. Ӯ монанди шаб заъфҳои ҳар як нотавонро мепӯшонад ва хастагону дармондагонро ба ором меоварад. Ӯ монанди осмон ҳар як ҳоҷатмандро зери сояи худ ҷо медиҳад ва борони файзи худро дар вақташ меборонад. Ӯ монанди замин бо инкисори камол барои осоиши ҳар як одам ба таври фарш мешавад ва ҳар касро дар канори отифати худ мегирад ва меваҳои рӯҳонии гуногун пешкаши онҳо мекунад. Ҳамин таъсири комили шариат

мебошад, ки амалкунандаи шариати комил ҳаққи Худо ва ҳаққи бандаҳоро ба нуқтаи камол мерасонад. Маҳви Худо шуда ходими ҳақиқии махлуқ мешавад. Ин аст таъсири шариати амалӣ дар ин дунё, аммо таъсире, ки баъд аз ин зиндагӣ аст, ин иттисоли (наздикии) рӯҳонии Худо мебошад ва ба шакли дидор он рӯз ошкоро ба ӯ хоҳад шуд ва он хидмати бандагони Худо, ки дар муҳаббати Худо карда буд ва ба сабаби он, ки хоҳиши имон ва амалҳои солеҳ дошт, он хидмат дар биҳишт ба дарахтҳо ва рӯдҳо иваз шуда, пеши вай хоҳад омад. Дар бораи ин фармони Худо чунин аст:

وَالشَّمْسِ وَضُحٰهَا ۝٢ وَالْقَمَرِ اِذَا تَلٰىهَا ۝٣ وَالنَّهَارِ اِذَا جَلّٰىهَا ۝٤
وَالَّيْلِ اِذَا يَغْشٰىهَا ۝٥ وَالسَّمَآءِ وَمَا بَنٰىهَا ۝٦ وَالْاَرْضِ وَمَا طَحٰىهَا ۝٧
وَنَفْسٍ وَّمَا سَوّٰىهَا ۝٨ فَاَلْهَمَهَا فُجُوْرَهَا وَتَقْوٰىهَا ۝٩ قَدْ اَفْلَحَ مَنْ
زَكّٰىهَا ۝١٠ وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسّٰىهَا ۝١١ كَذَّبَتْ ثَمُوْدُ بِطَغْوٰىهَآ ۝١٢
اِذِ انْۢبَعَثَ اَشْقٰىهَا ۝١٣ فَقَالَ لَهُمْ رَسُوْلُ اللّٰهِ نَاقَةَ اللّٰهِ وَ
سُقْيٰهَا ۝١٤ فَكَذَّبُوْهُ فَعَقَرُوْهَا ۙ فَدَمْدَمَ عَلَيْهِمْ رَبُّهُمْ
بِذَنْۢبِهِمْ فَسَوّٰىهَا ۝١٥ وَلَا يَخَافُ عُقْبٰهَا ۝١٦ [200]

Яъне савганд ба хуршед ва нураш. Ва савганд ба моҳ чун аз хуршед пайравӣ кунад, яъне аз офтоб нур ҳосил кунад ва монанди офтоб ин нурро ба дигарон расонад. Ва савганд ба рӯз чун садоқати офтобро нишон дода, роҳҳоро намоён созад. Ва қасам ба шаб, вақте торик шавад ва дар пардаи торикии худ ҳар як чизро дар бар гирад ва қасам ба осмон ва он иллати ғой (аслӣ), ки мӯҷиби ин пайдоиши осмон шуд ва қасам ба замин ва он

[200] سورة الشمس :2-16

иллати ғой (аслӣ), ки мӯҷиби чунин фарши замин шуд ва қасам ба нафс ва камоли он нафс, ки он нафсро баробари ҳамаи ин чизҳо намуд, яъне камолоте, ки ба таври ҷудогона дар ин чизҳо вуҷуд доранд. Нафси инсони комил дорои ҳамаи ин чизҳоро мебошад ва чӣ хеле, ки ин ҳамаи чизҳо ҷудо-ҷудо навъи инсонро хидмат карда истодаанд, инсони комил ҳамаи ин хидматҳоро танҳо ба ҷо меорад, чӣ хеле, ки пештар навиштаам. Ва боз фармуд, ки он шахс наҷот ёфт ва аз марг эмин гирифт, ки нафси худро ба ин тариқ пок кард, яъне монанди офтобу моҳтоб ва замин ва ғайраҳо маҳви Худо шуда, ходими халқи Худо шуд.

Бояд донист, ки мурод аз ҳаёт он ҳаёти ҷовидон аст, ки инсони комил оянда ҳосил хоҳад кард. Ин ишора аст, ки меваи шариати амалӣ дар зандагии оянда ҳаёти ҷовидон аст, ки аз ғизои дидори Худо ҳамеша хоҳад монд ва боз фармуд, ки он шахс ҳалок шуд ва аз зиндагӣ ноумед монд, ки нафси худро дар хок омезиш дод ва он камолотро, ки истеъдодашон ба ӯ дода шуда буд, ҳосил накард ва ҳаёти ифлос гузаронда баргашт. Боз барои мисол фармуд, ки қиссаи ин бадбахт монанди қиссаи Самуд аст, ки онҳо шутуреро ярадор карданд, ки шутури Худо номида мешуд ва аз нӯшидани об онро аз чашмаи худ боз монданд. Пас, ин шахс низ дар ҳақиқат шутури Худоро захмӣ кард ва онро аз ин чашма маҳрум кард. Ин ишора аст, ки нафси инсон шутури Худо аст, ки бар он вай савор мешавад, яъне дили инсон ҷойи таҷаллии Илоҳӣ аст ва оби он шутур муҳаббат ва маърифати Худо аст, ки ба сабаби он вай зинда аст. Ва боз фармуд, ки вақте Самуд он шутурро ярадор кард ва аз обаш боз монд, пас бар сари онҳо азоб нозил шуд ва Худои таоло ҳеҷ парвое накард, ки баъд аз марги онҳо аҳволи беваҳо ва кӯдаконашон чӣ хоҳад шуд. Ҳамин тавр касе ин шутур, яъне нафсро захмӣ мекунад ва онро ба камол

расондан намехоҳад ва аз об нӯшидан боз мемонад, ӯ низ ҳолок хоҳад шуд.

### *Ҳикмати Худо дар хӯрдани қасами чизҳои гуногун*

Дар ин ҷо бояд донист, ки қасам хӯрдани Худованд ба офтобу моҳтоб муштамил бар ҳикмати ниҳоят дақиқ аст, ки бисёри мухолифони мо ба сабаби ноошно будан ба ин амр эътироз мекунанд, ки Худоро савганд хӯрдан чӣ лозим буд ва Ӯ қасамҳои махлуқи худ чаро хӯрд, аммо азбаски фикрашон заминӣ аст, на осмонӣ, бинобар ин онҳо маърифатҳои ҳақиқиро фаҳмида наметавонанд. Пас, возеҳ шавад, ки ҳадафи ҳақиқӣ дар қасам хӯрдан ин мебошад, ки муқсим (савгандхӯранда) барои даъвои худ гувоҳӣ овардан мехоҳад, зеро бар даъвои касе агар ҳеҷ шоҳид набошад, пас он кас ба ҷойи шоҳид қасами Худоро мехӯрад, зеро Худо олимулғайб аст ва дар ҳар кадом даъво гувоҳи нахустин аст. Гӯё ӯ қасами Худо дар нитиҷаи ин фикр мехӯрад, ки агар Худо баъд аз ин қасам хомӯш истод ва бар ӯ ҳеҷ навъ азоб нозил накард, пас гӯё Худо монанди шоҳидҳо бар даъвоаш муҳр зад. Бинобар ҳамин махлуқ набояд қасами махлуқи дигар хӯрад, зеро махлуқ олимулғайб нест ва на қодир бар он аст, ки дар натиҷаи қасами дурӯғ касеро ҷазо диҳад, аммо савганди Худо дар ин ояҳо ба он мафҳум нест, чӣ хеле, ки мурод аз савганди махлуқ гирифта мешавад, балки дар ин ҷо суннатуллоҳ ҳамин аст, ки корҳои Худо ду навъ мебошанд, аввал бадеҳӣ (равшан), ки ҳама онҳоро мефаҳманд ва дар онҳо ҳеҷ кас ихтилофе надорад ва дуюм он корҳо, ки назарӣ ҳастанд. Дар корҳои назарӣ дунё хато мекунад ва бо як дигар ихтилоф дорад, пас, Худо хост, ки бо шаҳодати корҳои бадеҳии худ корҳои назарии худро пеши мардум исбот кунад.

Медонем, ки дар офтобу моҳтоб, рӯзу шаб, замину осмон он хислатҳо вуҷуд доранд, ки мо пеш зикр кардаем, аммо он хислатҳоро, ки монанди инҳо дар нафси нотиқаи инсон вуҷуд доранд, ҳар як шахс намешиносад. Пас, Худо корҳои бадеҳии худро ба таври гувоҳӣ корҳои назарӣ пешниҳод кардааст. Гӯё Ӯ мефармояд, ки агар шумо аз хосиятҳое, ки дар нафси инсонӣ мавҷуданд, дар иштибоҳ ҳастед, пас моҳу офтоб ва ғайраро бо диққат бинед, ки дар онҳо ба таври бадеҳӣ (равшан) ин хосиятҳо мавҷуданд ва шумо медонед, ки инсон як олами сағир аст, ки дар нафсаш нақшаи ҳамаи олам ба таври ихтисор ҷой гирифтааст. Пас, вақте исбот шудааст, ки ҷирмҳои калон-калони олами кабир ин хосияту хислатҳо дар бар мегиранд ва ба ҳамин тариқ махлуқро фоида мерасонад, пас инсон, ки бузургтарини онҳо гуфта мешавад ва бо дараҷаи олитар пайдо карда шудааст, чӣ хел аз ин хосиятҳо холӣ ва бенасиб монад. Албатта не, балки дар ин ҳам монанди офтоб як нури илмӣ ва ақлӣ вуҷуд дорад, ки ба воситаи он ӯ ҳамаи дунёро мунаввар карда метавонад ва монанди моҳтоб аз Худои таоло нури кашф, илҳом ва ваҳй меёбад ва ба дигароне, ки то ҳол камоли инсонӣ ҳосил накардаанд, ин нурро мерасонад. Пас, чӣ хел гуфта метавонем, ки нубуввват ботил аст ва ҳамаи рисолатҳо, шариатҳо ва китобҳо фиреби инсон аст. Ин ҳам мушоҳида мекунед, ки чӣ хел бо равшан шудани рӯз ҳамаи роҳҳо равшан мешаванд, ҳамаи нишебу фароз мебинем. Пас, инсони комил рӯзи нури рӯҳонӣ аст, бо тулӯи ӯ ҳамаи роҳҳо равшан мегарданд. Ӯ роҳи ростро нишон медиҳад, ки дар куҷо ва кадом тараф аст, зеро рӯзи равшани ростӣ ва садоқат худи ӯст. Инчунин мушоҳида мекунед, ки шаб чӣ тавр мондаҳоро ҷо медиҳад. Коргарони хаставу куфта дар канори утуфати шаб (меҳрубонии шаб) ба хурсандӣ хобида, аз меҳнатҳо ором

меёбанд. Илова бар ин, шаб барои ҳама ҳамчун пардапӯш аст. Ҳамин тавр, бандагони комили Худо барои орому роҳат додани дунё меоянд. Мулҳимону ваҳй ёфтагони Худо ҳамаи ақлҳоро аз ҷонкоҳӣ осудагӣ мебахшанд. Ба шарофати онҳо улуми бузурги рӯҳонӣ ба осонӣ ҳал мешаванд. Инчунин ваҳйи Худо ақли инсониро монанди шаб пардапӯш мекунад. Хатоҳои нопоки ӯро бар дунё зоҳир намекунад, зеро одами ақлдор нури ваҳйро ёфта ба таври худ хатоҳои худро ислоҳ мекунад ва бо баракати илҳоми поки Худо худро аз шармандагӣ маҳфуз мемонанд. Ҳамин сабаб аст, ки монанди Афлотун ягон файласуфи исломӣ пеши бут қурбонии хурӯс надодааст. Азбаски Афлотун аз нури илҳом бенасиб буд, бинобар ҳамин, фиреб хӯрд ва бо вуҷуди дараҷаи баланди файласуфӣ гирифта, чунин кори аҳмақона кард, аммо ҳакимони Исломро пайрави намудан аз чунин ҳаракатҳои аблаҳона ва нопок сардору мавлои мо ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васаллам боз монд. Акнун бубинед, ки чӣ тавр исбот шуд, ки илҳом ақлдоронро монанди шаб пардапӯшӣ мекунад.

Инро ҳам медонед, ки бандагони комили Худо монанди осмон ҳар як дармондаро дар сояи худ мегиранд. Пайғамбарони Худо ба таври хос ва соҳибони илҳом ба таври оддӣ монанди осмон борони хайр мебoронанд. Инчунин хосияти замин дар худ доранд. Аз нафси нафиси онҳо дарахтҳои гуногуни илмҳои олӣ мебароянд, ки аз соя ва гулу меваҳояшон мардум фоида мегиранд. Пас, ин қонуни қудрати ошкоро, ки пеши назарамон аст, гувоҳи ин қонуни пинҳон аст, ки гувоҳии онро Худои таоло ба сурати қасамҳо дар ин ояҳо овардааст. Пас, бубинед, ки чӣ қадар каломи пурҳикмат дар Қуръон аст. Ин калом аз даҳони муборакии он кас баромадааст, ки як уммӣ (нохонда) ва бошандаи

биёбон буд. Агар ин каломи Худо намешуд, он ақлҳои оддӣ ва тамоми мардум, ки донишманд гуфта мешаванд, аз шинохти ин нуктаи дақиқ оҷиз омада инро бо нигоҳи эътироз намедиданд. Ҳамин қонуни қудрат аст, ки вақте инсон паҳлӯи як чизро бо ақли мухтасари худ фаҳмида натавонад, пас, як гапи ҳикматро мавриди эътироз қарор медиҳад ва эътирозаш гувоҳи он хоҳад шуд, ки он нуктаи ҳикмат аз ақлҳои оддӣ бартару боло буд, ба ҳамин сабаб ақлдорон худро ақлдор гуфта боз бар он эътироз карданд, аммо акнун ин сир кушода шуд, пас минбаъд ҳеҷ ақлдор бар ин эътироз нахоҳад кард, балки аз ин ҳаловат хоҳад бурд.

Бояд донист, ки Қуръони пок барои гувоҳӣ додан аз қонуни қудрат бар суннати қадимаи ваҳӣ ва илҳом дар як ҷойи дигар низ монанди ҳамин қасам хӯрдааст. Чунончи:

وَالسَّمَآءِ ذَاتِ الرَّجْعِ ﴿١٢﴾ وَالْاَرْضِ ذَاتِ الصَّدْعِ ﴿١٣﴾
اِنَّهٗ لَقَوْلٌ فَصْلٌ ﴿١٤﴾ وَّمَا هُوَ بِالْهَزْلِ ﴿١٥﴾[201]

Яъне қасам ба осмоне, ки аз тарафи он борон меояд ва қасам ба замине, ки ба сабаби борон сабзавотҳои гуногун мебарорад. Ин Қуръон каломи Худо аст ва ваҳйи Ӯ мебошад ва он байни ҳаққу ботил қазоват мекунад ва абасу беҳуда нест, яъне бевақт наомадааст, балки монанди борони дар фаслаш омадааст. Акнун Худои таоло барои исбот намудани Қуръони шариф, ки ваҳйи Ӯ мебошад, як қонуни қудрати ошкорро ба ранги қасам овардааст, яъне дар қонуни қудрат ҳамеша ин чиз дидашуда ва ҳувайдост, ки дар вақти зарурат аз осмон борон меборад ва ҳамаи

[201] سورة الطارق :12-15

сарсабзии замин бар борони осмон такя дорад. Агар аз осмон борон наборад, оҳиста-оҳиста чоҳҳо ҳам хушк мешаванд. Пас, дар асл вуҷуди оби замин такя бар борони осмон мекунад. Ба ҳамин сабаб вақте аз осмон борон меборад, оби чоҳҳо низ боло мебарояд. Чаро боло мебарояд? Сабабаш ҳамин, ки оби осмонӣ оби заминро боло мекашад. Ҳамин ришта байни ваҳйи Худо ва ақл аст. Ваҳйи Худо, яъне илҳоми Илоҳӣ оби осмон аст ва ақл оби заминист ва ин об ҳамеша аз оби осмонӣ, ки илҳом аст, тарбия мегирад. Агар оби осмонӣ, яъне ваҳй қатъ шавад, оби заминӣ низ оҳиста-оҳиста хушк мешавад. Оё барои ин амр ҳамин далел кофӣ нест, ки вақте як замони дароз аз байн мегузарад ва ҳеҷ каси илҳомёфта дар замин пайдо намешавад, пас ақлҳои ақлдорон ниҳоят ифлос ва рӯ ба таназзул мешаванд. Чӣ хеле, ки оби заминӣ хушк ва бадбӯй мешавад.

Барои равшантар фаҳмидани ин амр замони пеш аз Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз назар гузарондан кофист, ки ранги худро ба тамоми дунё нишон дода буд. Азбаски ҳоло замони ҳазрати Масеҳ алайҳиссаломро шаш сад сол гузашта буданд ва дар ин муддат ҳеҷ каси илҳомёфта пайдо нашуда буд, бинобар ҳамин ҳамаи дунё аҳволи худро вайрон карда буд. Таърихи ҳар як кишвар доду фарёд зада мегуфт, ки дар замони ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, балки пеш аз зуҳури Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам фикрҳои фосида дар ҳамаи ҷаҳон густариш ёфта буданд. Чаро ин тавр шуд ва сабабаш чӣ буд? Ҳамин буд, ки силсилаи илҳом аз муддати дароз маҳкам шуда буд. Салтанати осмонӣ танҳо дар дасти ақл монда буд. Пас, ин ақли ноқис мардумро ба кадом-кадом харобиҳо даровард. Оё касе аз ин ҳодисаҳо ноогоҳӣ

дорад? Бубинед чун оби илҳоми Илоҳӣ муддатҳо наборид, оби ақлҳо чӣ гуна хушк шуд.

Пас дар ин қасамҳо Худои таоло ҳамин қонунро меорад ва мефармояд, ки ба ин амр диққат дода бубинед, ки оё ин қонуни қудрати доимӣ ва муҳками Худо нест, ҳамаи сарсабзии замин ба осмон такя дорад. Пас, ин қонуни қудрати ҳувайдо барои ин қонуни қудрати дигари пӯшида, ки силсилаи илҳоми Илоҳӣ аст, ба таври гувоҳ аст. Аз ин гувоҳ фоида гиред ва танҳо ақлро роҳбари худ таъйин накунед, ки он чунин обе нест, ки бе оби осмон боқӣ монад. Чӣ хеле, ки оби осмонӣ чунин хосият дорад, ки хоҳ дар чоҳ афтад ва ё наафтад, бо хосияти табиии худ оби ҳамаи чоҳҳоро боло мебарорад, ҳамин хел вақте як илҳомёфтаи Худо дар дунё зуҳур мефармояд, хоҳ ақлдоре пайрави он шавад ё нашавад, дар замонаш илҳомёфта ба таври худ дар ақлҳо чунин равшанӣ ва тозагӣ медарояд, ки пеш мавҷуд набуд. Мардум нохоста талоши ҳақро сар мекунанд ва ҳаракате аз ғайб дар қувваи мутафаккираи онҳо пайдо мешавад. Пас, ин ҳамаи тараққиҳои ақлӣ ва ҷӯшҳои дил дар натиҷаи қадами муборакии он соҳиби илҳом пайдо мешавад ва махсус обҳои заминро боло мебардорад. Вақте мебинед, ки дар ҷустуҷӯи динҳо ҳар кас бедор шудааст ва оби заминиро ҷӯш омадааст, пас бихезед ва хабардор шавед ва ҳатман бидонед, ки аз осмон борони сахт боридааст ва бар дили касе борони илҳомӣ аллакай боридааст.

# САВОЛИ ПАНҶУМ

***Воситаҳои илму маърифат чиҳо мебошанд*?**

Дар ҷавоби ин савол бидонед, ки Қуръони шариф дар ин бора ба таври муфассал зикр фармудааст. Дар ин ҷо пурра зикраш карда намешавад, аммо ба таври намуна қадре баён карда мешавад. Бидонед, ки Қуръони пок илмро ба се қисм ҷудо кардааст:1 . Илмуляқин 2. Айнуляқин 3. Ҳаққуляқин. Чӣ хеле, ки пештар мо дар тафсири сураи алҳаакумуттакаасур (الهكم التكاثر) зикр намуда баён кардаем, ки **илмуляқин** он аст, ки чизи ҳадафнокро бо ягон восита суроғ карда шавад. Чӣ хеле, ки мо аз дуд вуҷуди оташро истидлол мекунем. Мо оташро надидаем, аммо дудро дидем ва аз он ба вуҷуди оташ бовар (яқин) мекунем. Аз ин рӯ, ин илмуляқин аст. Агар мо худи оташро дидем, пас ин амр ба сабаби баёни Қуръони пок ва сураи алҳаакумуттакаасур яке аз дараҷаҳои илм, яъне илми **айнуляқин** номида мешавад. Ва агар мо дар ин оташ дохил шудем, пас, ин дараҷаи илмро аз рӯйи баёни Қуръони пок **ҳаққуляқин** мегӯянд. Сураи алҳаакумуттакаасурро дуюм бора ҳоҷати навиштан нест. Бинандагону шунавандагон тафсири онро дастрас намоянд.

Акнун бидонед, ки сабаби қисми якуми илм, яъне илмуляқин ақл ва манқулот (нақлшудаҳо) ҳастанд. Худои таоло аз дӯзахиҳо ҳикоят карда мефармояд:

وَقَالُوا لَوْ كُنَّا نَسْمَعُ أَوْ نَعْقِلُ مَا كُنَّا فِي أَصْحَابِ السَّعِيرِ ﴿١١﴾[202]

Яъне дӯзахиҳо хоҳанд гуфт, ки агар мо ақлдор мешудем ва дину ақидаҳоро бо роҳҳои маъқул месанҷидем, ё навиштаҷоту тақрирҳои муҳаққиқҳо ва ақлдорҳои комилро бо диққат гӯш мекардем, имрӯз ба дӯзах намешудем. Ин оя монанди ояи дигар аст, ки дар он ҷо Худои таоло мефармояд:

لَا يُكَلِّفُ اللَّهُ نَفْسًا إِلَّا وُسْعَهَا ۚ[203]

Яъне Худованд нафсҳои инсониро зиёда аз қабул кардани доираи фаҳмиши илмиашон чизе таклиф намекунад ва ҳамон ақидаҳоро меорад, ки фаҳмиши онҳо дохили ҳадди истеъдоди инсон бошад, то дар ҳукми Ӯ таклифи мо ло ютоқ (чизе зиёда аз қувва) дохил нашаванд. Ва дар ин ояҳо ишора ба ин тараф ҳам ҳаст, ки инсон ба воситаи гӯшҳо низ дараҷаи илмулякинро ҳосил карда метавонад. Масалан мо Лондонро надидаем, танҳо зикраш аз бинандагон шунидаем, аммо оё мо иштибоҳ карда метавонем, ки шояд ин ҳама дурӯғ гуфта бошанд. Ё масалан, мо замони Оламгирро надидем ва чеҳраи Оламгир ҳам надидаем, аммо оё мо дар ин чиз иштибоҳ карда метавонем, ки Оламгир яке аз подшоҳони чиғатоӣ буд. Чунин боварӣ чӣ хел ҳосил шуд? Ҷавобаш ҳамин аст, ки танҳо бо такрор шунидан. Пас, дигар иштибоҳе намондааст, ки шунидан ҳам ба дараҷаи илмулякин мерасонад. Китобҳои пайғамбарон агар дар силсилаи шунидан халал надошта бошанд, онҳо ҳам ба илми шунидан як сабаб

[202] 11: سورة الملك -

[203] 287: سورة البقرة

ҳастанд, аммо агар китобе осмонӣ шуда боз панҷоҳ шаст нусхаи дигар дошта бошад ва баъзеҳо зидди баъзеҳо бошанд, пас, гурӯҳе бар он бовар ҳам кунад, ки байни онҳо танҳо ду чорто дурустанд ва дигарон қалбакӣ, аммо барои муҳаққиқ бовар кардан ба он чизе, ки асос ба таҳқиқи комил надошта бошад, беҳуда аст. Натиҷа ҳамин хоҳад шуд, ки ҳамаи он китобҳо ба сабаби таноқузи худ беэътибор хоҳанд шуд ва ҳеҷ гоҳ ҷоиз нахоҳад шуд, ки чунин баёноти мутазод сабаби ягон илм қарор дода шавад, зеро таърифи илм ҳамин аст, ки як маърифати яқинӣ ато кунад ва дар маҷмӯаи мутазод ёфтани маърифати яқинӣ мумкин нест.

Дар ин ҷо бояд донист, ки Қуръони пок танҳо ба доираи шунидан маҳдуд нест, зеро дар ӯ барои фаҳмондани инсонҳо далелҳои бузургу маъқул ҳастанд ва чӣ қадар ақидаҳо, усул ва ҳукмҳо Қуръон гуфтааст, аз байнашон ягон амр нест, ки ҳукми зӯрӣ (иҷборӣ) дошта бошад ва чӣ хеле, ки худи ӯ фармудааст, ки ин ҳамаи ақидаҳо ва ғайра дар фитрати иснон пешакӣ вуҷуд доранд. Ва номи Қуръони пок **зикр** номида шудааст, чӣ хеле, ки мефармояд. هَذَا ذِكْرٌ مُبَارَكٌ-

Яъне ин Қуръони муқаддас чизи нав наовардааст, балки чизе дар фитрати иснон ва дар саҳифаи қудрат аст, ҳамонро хотиррасон мекунонад ва боз дар ҷойи дигар фармудааст:

لَآ إِكْرَاهَ فِي الدِّيْنِ [204]

Яъне ин дин ҳеҷ фармонро бо ҷабр қабул кунонданро намехоҳад, балки далели ҳар як чизро меорад. Илова бар ин

[204] سورة البقرة :257

Қуръон барои равшан кардани дилҳо хосияти рӯҳонӣ низ дорад. Чӣ хеле, ки ӯ мефармояд:

شِفَآءٌ لِّمَا فِى الصُّدُوْرِ[205]

Яъне Қуръон бо хосияти худ ҳамаи бемориҳоро дур мекунад. Ба ҳамин сабаб инро китоби нақлӣ гуфта наметавонем, балки он дар худ далелҳои маъқули бо дараҷаи аъло дорад ва як нури равшан дар он ёфта мешавад.

Инчунин далелҳои ақлӣ, ки аз муқаддимаҳои саҳеҳ истинбот мешаванд, бешубҳа то ба илмулярқин мерасонанд. Ба ҳамин тараф Худо азза ва ҷалла дар оятҳои зерин ишора карда мефармояд:

اِنَّ فِيْ خَلْقِ السَّمٰوٰتِ وَالْاَرْضِ وَاخْتِلَافِ الَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَاٰيٰتٍ لِّاُولِى الْاَلْبَابِ ﴿١٩١﴾ الَّذِيْنَ يَذْكُرُوْنَ اللّٰهَ قِيٰمًا وَّقُعُوْدًا وَّعَلٰى جُنُوْبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُوْنَ فِيْ خَلْقِ السَّمٰوٰتِ وَالْاَرْضِ ۚ رَبَّنَا مَا خَلَقْتَ هٰذَا بَاطِلًا ۚ سُبْحٰنَكَ فَقِنَا عَذَابَ النَّارِ ﴿١٩٢﴾[206]

Яъне вақте инсонҳои аҳли ақл ва донишманд ба сохтҳои ҷирмҳои замину осмон фикр мекунанд ва сабабҳои каму зиёдшавии рӯзу шабро бо диққат ва бо нигоҳи амиқ мебинанд, дар натиҷаи нигоҳ кардани ин низом онҳо бар вуҷуди Худо далел меёбанд. Сипас барои инкишофи зиёдтар аз Худо кумак

[205] سورة يونس :58

[206] سورة آل عمران :191-192

мепурсанд ва Ӯро дар ҳолати хеста, нишаста ва ба паҳлӯ хобида ёдоварӣ мекунанд, ки дар натиҷааш ақлҳояшон суфта мешаванд. Вақте онҳо ба воситаи ақлҳои худ ба сохти беҳтарини ҷирмҳои осмонӣ ва заминӣ фикр мекунанд, беихтиёр мегӯянд, ки чунин низоми аблағ ва муҳкам ҳеҷ гоҳ ботил ва бефоида намебошад, балки чеҳраи сонеи ҳақиқиро нишон дода истодааст. Пас, онҳо улуҳияти сонеи оламро иқрор карда, чунин муноҷот мекунанд, ки Илоҳо, Ту аз ин амр пок ҳастӣ, ки касе аз вуҷудатон инкор карда бо сифатҳои носазовор туро ёд кунад. Пас, моро аз оташи ҷаҳаннам ҳифз намо. Яъне инкор аз Ту ҷаҳаннами маҳз аст ва ҳамаи орому роҳат дар шинохти Ту мебошанд. Касе ки аз шинохти ҳақиқии Ту маҳрум монд, дар ҳақиқат дар ҳамин дунё дар оташ аст.

### ***Ҳақиқати фитрати инсонӣ***

Инчунин яке аз воситаҳои инсон виҷдони инсонӣ аст, ки онро дар китоби Худо фитрати инсонӣ мегӯянд. Чӣ хеле, ки Худои таоло мефармояд:

فِطْرَتَ اللهِ الَّتِيْ فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا ؕ [207]

Яъне фитрати Худо, ки мардум бар он офарида шудаанд. Он нақши фитрат чист? Ҳамин аст, ки Худоро воҳид ва лошарик, холиқулкул ва аз маргу таваллуд пок шинохтан. Ва мо виҷдонро ба он сабаб дар дараҷаи илмулиқин дохил мекунем, ки ҳарчанд дар зоҳир дар ин аз як илм ба илми дигар интиқол ёфт намешавад, чӣ тавре, ки аз илми дуд ба илми оташ интиқол вуҷуд дорад, аммо

[207] 31: سورة الروم

ин дараҷа як намуди интиқоли борик дар худ дорад ва он ҳамин аст, ки дар ҳар як чиз Худованд як хосияти номаълум мондааст, ки дар баён ва тақрир даровардa наметавонем, аммо назар кардан ба он чиз ва дар бораaш тасаввур кардан дарҳол зеҳнро ба тарафи хосият мунтақил мекунад. Хулоса, он хосият ба он вуҷуд монанди дуд ба оташ лозим меояд. Масалан, вақте мо ба зоти Худованд диққат мекунем, ки чӣ хел бояд шавад. Оё Худо монанди мо таваллуд шавад, меҳнат кунад, вафот кунад? Пас, дарҳол дили мо аз ин тасаввурот озурда ва виҷдони мо меларзад ва он қадар ба ҷӯш меояд, ки гӯё он тасаввурро такон дода мегӯяд, ки Худое, ки бар қувваaш ҳамаи умедҳо такя мекунанд, аз ҳамаи зарарҳо пок ва комил ва қавӣ бояд бошад ва вақте фикри Худо дар дили мо меояд, дарҳол дар бораи мулозимати комили тавҳиду Худо мисли мулозимати дуду оташ, балки зиёдтар аз он ҳис мекунем. Бинобар ҳамин, илме, ки аз виҷдонамон ҳосил мекунем, ба дараҷаи **илмулякин** дохил аст, аммо як дараҷаи дигар аст, ки **айнулякин** гуфта мешавад ва аз ин дараҷа чунин илм мурод аст, ки вақте байни боварии мо ва он чизе, ки бар он ягон намуд боварӣ карда шудааст, ҳеҷ восита набошад. Масалан, вақте мо ба воситаи қувваи ҳисси шомма бӯйи хуб ва ё бӯйи бадро маълум мекунем ва ё бо воситаи қувваи чашидан ба чизҳои ширин ва ё намакдор иттилоъ меёбем ва ё ба воситаи қувваи ҳоса гарм ё хунук будани чизеро маълум мекунем, пас, ин ҳамаи маълумоти мо ба қисми айнулякин дохил мешаванд, аммо дар бораи олами сонӣ илми илоҳиёти мо ҳамон замон ба айнулякин мерасад, ки вақте мо бевосита илҳом ёбем, овози Худоро бо гӯшҳои худ шунавем ва кашфҳои саҳеҳро бо чашмони худ бинем. Албатта, мо барои ҳосил намудани маърифати комил бевосита муҳтоҷи илҳом ҳастем ва гуруснагию тишнагии ин маърифати комилро дар дили худ ҳис низ мекунем. Агар Худо пешакӣ барои

мо чунин асбоби маърифат муяссар накардааст, пас чаро моро ин тишнагию гуруснагӣ додааст. Оё мо дар ин зиндагонӣ, ки барои захираи охират танҳо ҳамин паймона дорем, бар ин чиз розӣ шуда метавонем, ки мо бар чунин рост, комил, қодир ва зинда Худо танҳо ба таври афсонавию устуравӣ имон орем ва ё бар маърифати ақлӣ кифоят кунем, ки то ҳол маърифати ноқису нотамом аст. Оё ошиқони росту дилдодагони ҳақиқии Худо намехоҳанд, ки аз каломи маҳбуби худ лаззат баранд? Оё онҳое, ки барои Худо ҳамаи дунёро барбод карда, дилу ҷонҳои худро додаанд, ба ин чиз розӣ шуда метавонанд, ки танҳо дар як рӯшноии хира кифоя карда муранд ва чеҳраи он офтоби садоқатро набинанд. Оё дуруст нест, ки **аналмавҷуд** гуфтани Худо он дараҷаи маърифатро медиҳад, ки агар ҳамаи китобҳои сохтаи файласуфҳои дунёро як тараф монем ва ба тарафи дигар қавли Худо **аналмавҷудро** монем, ҳамаи он дафтарҳо дар муқобили ин сухани Худо ҳеҷ хоҳанд шуд. Онҳое, ки худро файласуф номида нобино монданд, онҳо моро чӣ илм хоҳанд дод? Хулоса, агар Худо ирода кардааст, ки талабгорони ҳақро маърифати комил диҳад, пас, ҳатман Ӯ роҳи муколама ва мухотабаи худро кушода мондааст. Дар ин бора Худои таоло дар Қуръони пок мефармояд:

اِهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيْمَ ۝٦ صِرَاطَ الَّذِيْنَ اَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ [208]

Яъне Худоё, моро он роҳи истиқомат (истодагӣ дар амалҳо) бинамо. Ин роҳи онҳо мебошад, ки бар онҳо мукофоти Ту шудааст. Дар ин ҷо мурод аз мукофот илҳом, кашф ва ғайраҳо

[208] سورة فاتحه :6-7

илмҳои осмонӣ ҳастанд, ки инсонро бевосита ҳосил мешаванд. Инчунин дар як ҷойи дигар мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ قَالُوا رَبُّنَا اللَّهُ ثُمَّ اسْتَقَامُوا تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ الْمَلَٰئِكَةُ
أَلَّا تَخَافُوا وَلَا تَحْزَنُوا وَأَبْشِرُوا بِالْجَنَّةِ الَّتِي كُنْتُمْ تُوعَدُونَ ﴿٣١﴾ [209]

Яъне онҳое, ки ба Худо имон оварда истиқомати комилро ихтиёр кардаанд, бар онҳо фариштаҳои Худо нозил мешаванд ва бар онҳо илҳом нозил мекунанд, ки бар шумо ҳеҷ хавфе ва ғаме набошад. Бароятон он биҳишт аст, ки дар борaи он ваъда карда шудаед. Пас, дар ин оя низ сареҳан фармуда шудааст, ки бандагони неки Худо дар вақти ғаму тарс аз Худо илҳом меёбанд ва фариштаҳо нозил шуда, онҳоро тасалло медиҳанд ва дар як ояи дигар низ фармудааст, ки

لَهُمُ الْبُشْرَىٰ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الْآخِرَةِ ۚ [210]

Яъне дӯстҳои Худоро ба воситаи илҳом ва муколама дар ин дунё хабари хуш дода мешавад ва дар зиндагии оянда низ дода хоҳад шуд.

### *Мурод аз илҳом чист*?

Аммо дар ин ҷо бояд донист, ки мурод аз калимаи илҳом ин нест, ки ягон фикр ё андеша дар дил дарояд. Чӣ хеле, ки шоир дар сохтани шеър кӯшиш мекунад ва ё мисрае сохта, дар бораи мисраи дигар меандешад, сипас, мисраи дуюм дар дили ӯ меояд.

---

[209] 31: سورة حم السجدة

[210] 65: سورة يونس

Чизе дар дил афтидан илҳом нест, балки ин мувофиқи қудрати Худованд натиҷаи фикру андеша аст. Шахсе, ки дар борайи фикрҳои хуб ва ё бад меандешад, мувофиқи фикри ӯ чизе дар дилаш меояд. Масалан, шахсе нек ва ростбоз аст, ки дар ҳимояи ростӣ якчанд шеърҳо месозад ва шахси дагаре, ки одами касифу палид аст ва дар шеърҳои худ ҳимояи дурӯғро мекунад ва ростбозҳоро дашном медиҳад, албатта ин ҳар ду мувофиқи фикрҳои худ ба сабаби машқи доимии худ шеърҳо мегӯянд, балки ҳеҷ мавриди тааҷҷуб нест, ки шеърҳои он касе, ки душмани ростбозҳо аст ва дурӯғгӯ аст, ба сабаби машқи зиёд хубтар бошанд. Аз ин мебояд, ки агар танҳо дар дил чизе афтиданро илҳом гӯем, сонӣ оё як шоири ҳазлгӯ, ки душмани ростию ростон аст ва ҳамеша қалами худро бар зидди ҳақ бардошта ва буҳтонро ба кор мебандад, мулҳими Худо (илҳомёфтаи Худо) гуфта хоҳад шуд? Дар дунё дар романҳо ва ғайра сеҳрангезиҳо ёфт мешавад ва мебинед, ки ба ин тариқ матолаби ботили маҳз, вале пайваста ба дилҳои мардум роҳ меёбад. Оё онҳоро илҳом гуфта метавонем? Балки агар илҳом танҳо номи баъзе чизҳо дар дил афтидан бошад, як դуздро ҳам мулҳим гуфта мешавад, зеро басо ӯ фикр карда роҳҳои хуби нақбзаниро эҷод мекунад ва роҳҳои умда барои ғоратгарию хуни ноҳақ дар дилаш мегузаранд. Пас, оё ин сазовори он аст, ки мо ҳар як роҳи нопокро илҳом биномем? Албатта не, балки ин фикри онҳо мебошад, ки аз Худои ҳақиқию рост хабар надоранд, ки дилҳоро бо муколамаи махсуси худ дилдорӣ мекунад ва ноошноҳоро бо илмҳои рӯҳонӣ маърифат мебахшад.

**Илҳом чист?** Он муколама ва мухотабаи каломи зиндаю боқудрат аз тарафи Худои Поку Қодир, ки бо бандаи баргузидаи худ ва ё бо оне, ки Худо ӯро баргузида кардан мехоҳад, мебошад.

Пас, вақте ин муколама ва мухотаба бо миқдори кофӣ ва бо силсилаи тасаллобахш сар мешавад ва дар он торикии фикрҳои фосид ва ғайра кофӣ набошад ва калимаҳои бе сару по набошанд ва каломаш лазиз, пурҳикмат ва пуршавкат бошад, он гоҳ каломи Худо мешавад, ки ба воситаи вай Худо ба бандаи худ тасалло додан мехоҳад ва худро ба ӯ ошкор мекунад. Гоҳе калом танҳо ба таври санҷиш мешавад ва асбоби комилу бобаракатро дар худ надорад. Дар тайи он бандаи Худо дар ҳолати оғоз озмуда мешавад, то ӯ андак илҳомро чашида ё рафтори худро ба қолаби мулҳимҳои рост дарорад ва ё пешпо хӯрад. Пас, агар ӯ ростбозии ҳақиқӣ мисли сиддиқҳо ихтиёр накунад, аз камоли ин неъмат маҳрум хоҳад монд ва танҳо лофзании беҳуда дар дасташ мемонад. Миллионҳо одам аз илҳоми Худо баҳра гирифтанд, аммо дараҷаашон ба назди Худо як нест, балки пайғамбарони поки Худо, ки дар дарёфтани илҳоми тозаву пок дар ҷойи аввал меистанд, онҳо низ дар дараҷа баробар нестанд. Худои таоло мефармояд:

تِلْكَ الرُّسُلُ فَضَّلْنَا بَعْضَهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ ۘ [211]

Яъне баъзе пайғамбарон ба пайғамбарони дигар фазилат доранд. Аз ин мебояд, ки илҳом танҳо як фазл аст ва дар вуҷуди фазилат (яъне дараҷа) онро дахл нест, балки фазилат бар қадри он сидқ, ихлос ва вафодорист, ки онро Худо медонад. Бале, илҳом низ агар бо шароити бобаракати худ бошад, он ҳам самараи онҳо аст. Дар ин маврид шубҳае нест, ки агар илҳом бадин сурат шавад, ки банда савол кунад ва Худо ба он ҷавоб диҳад. Ҳамин тавр бо як тартиб саволу ҷавоб шавад ва шавкати Илоҳӣ ва нур

[211] سورة البقرة :254

дар илҳом бошад ва муштамил бар илмҳои ғайб ва маорифи (илмҳои рӯҳонӣ) саҳеҳ бошад, пас он каломи Худо аст. Дар илҳоми Худо лозим аст, ки чӣ тавре, ки дӯсте ба дӯсташ суҳбат мекунад, ҳамин тавр байни Раббу бандааш ҳамкаломӣ воқеъ шавад ва банда агар дар бораи чизе савол кунад, дар ҷавобаш аз тарафи Худо як каломи лазизу фасеҳ гуфта шавад, ки дар он нафсу фикр ва мулоҳизаи худ дахл надошта бошад ва дар вай муколамаву мухотаба барои вай бахшида бошад, пас дар ин сурат он каломи Худо мешавад ва чунин одам дар назари Худо азиз аст, аммо ин дараҷа, ки илҳом ба таври мавҳибат (ато) бошад ва силсилаи поку зиндаи илҳом аз тарафи Худо бандаро ҳосил шавад ва тозагию покизагӣ дошта бошад, ба ғайр аз одамоне, ки дар имон, ихлос ва амалҳои солеҳ тараққӣ мекунанд ва ҳам дар чизе, ки онро баён карда наметавонем, касеро ҳосил намешавад. Илҳоми росту пок муъҷизаҳои беназири улуҳиятро нишон медиҳад. Борҳо нури тобнок пайдо мешавад ва бо вай илҳоми дурахшандаву пуршавкат меояд. Аз ин зиёд чӣ бояд шавад, ки мулҳим ба зоте гап мезанад, ки офарандаи замину осмон аст. Дидори Худо дар дунё ҳамин аст, ки бо Ӯ суҳбат кунад, аммо дар сухани мо он ҳолати инсон дохил нест, ки як калима ё ҷумла ё шеъри бемаврид бар забони касе ҷорӣ шавад ва ҳеҷ муколамаву мухотаба бо вай ҳамроҳ набошад, балки чунин одам гирифтори имтиҳон аз тарафи Худо аст, зеро Худо ба ин тариқ одамони ғофил ва сустро мавриди озмоиш қарор дорад, ки гоҳе ҷумлае ё матне бар дил ё забони касе ҷорӣ карда мешавад ва он шахс мисли кӯр намедонад, ки ин матн аз куҷо омадааст. Аз тарафи Худо ва ё шайтон. Пас, дар баробари ин ҷумлаҳо истиғфор лозим меояд, аммо агар як одами солеҳу некро беҳиҷоб муколимаи Илоҳӣ шавад ва ба таври мухотабаву муколама як каломи равшан, лазиз, пурмаънӣ, пурҳикмат ва ба шавкати тамом ба

гӯшаш бирасад ва ақаллан борҳо чунин иттифоқ биафтад, ки байни Худову банда дар ҳолати бедорӣ даҳ маротиба саволу ҷавоб сурат бигирад. Ӯ савол кард ва Худо ҷавоб дод. Айни замон дар ҳолати бедорӣ ӯ чизи дигар пурсид ва Худо ҷавоби он ҳам дод. Боз арзи хоксорона кард, Худо онро низ посух дод. Ҳамин тавр, то даҳ маротиба байни Худо ва ӯ гуфтугӯ идома ёфт ва Худо борҳо дар ин муколамаҳо дуои бандааш мустаҷоб кард. Бар маорифи аъло ӯро иттилоъ дод. Дар бораи воқеаҳои оянда ӯро хабар дод ва дар муколамаи ошкор борҳо бо саволу ҷавоб ӯро мушарраф кард. Пас, чунин шахс бояд бисёртар сипосгузори Худо шавад ва аз ҳама зиёд дар роҳи Худо фидо бояд шавад, зеро Худо ӯро аз миёни ҳамаи бандагони худ интихоб кард ва ворис сиддиқҳои гузаштагон кардааст. Ин неъмат барои ҳар касе, ки инро ёфтааст, ниҳоят нодирулвуқӯъ ва мавриди хушбахтист. Ғайр аз ин ҳар як чиз ҳеҷ аст.

## ***Хусусияти Ислом***

Соҳибони чунин мартаба ва мақом ҳамеша дар дини Ислом ҳастанд. Танҳо дини Ислом аст, ки дар вай Худо ба банда наздик шуда суҳбат мекунад ва дар дарунаш гап мезанад. Худо дар дилаш тахти худро ҷойигир карда аз дурун ӯро ба тарафи осмон мекашад ва ӯро ҳамаи он неъматҳо медиҳад, ки гузаштагонро дода шуд. Афсӯс, дунёи нобино намедонад, ки инсон наздик шуда, то ба куҷо мерасад. Онҳо қадам намебардоранд, аммо касе гоме бардорад, ӯро ё кофир гуфта мешавад ва ё маъбуд гуфта ҷойи Худо дода мешавад. Ин ҳар ду зулманд. Яке ба роҳи ифрот ва дигаре аз тафрит пайдо шуд, аммо ақлдор набояд беҳиммат шавад ва инкори ин мақому мартаба кунад ва на дар шаъни соҳиби ин дараҷа густохӣ кунад ва на ӯро

парастиш кунад. Дар ин дараҷа Худои таоло он алоқамандиҳо бар бандааш зоҳир мекунад, ки гӯё чодари улуҳияти худ бар ӯ мепартояд. Ва чунин шахс оинаи дидори Худо мешавад. Ҳамин сир аст, ки Пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд, ки касе маро дид, ӯ Худоро дид. Хулоса, ин барои бандагон танбеҳи сахт аст ва бар ин ҳамаи дараҷаҳои сулук (тариқа) тамом мешаванд ва тасаллои комил ёфт мешавад.

***Мушарраф шудани муқаррир (нависанда) бо муколама ва мухотабаи Илоҳӣ***

Ман бар бани навъ (инсонҳо) зулм хоҳам кард, агар дар ин ҷо нагӯям, ки он мақоме, ки дар борааш ман ин таърифҳо гуфтаам ва он дараҷаи муколама ва мухотабае, ки шарҳаш баён кардаам, **инояти Худо онро ба ман ато кардааст, то ман нобинонро биноӣ диҳам ва ҷӯяндагонро суроғи ин гумгаштаро бидиҳам ва қабулкунандагони ростиро мужда оид ба ин чашма диҳам, ки тазкирааш дар бисёр ҷо аст, аммо ёбандаҳо каманд.** Ман ба шунавандагон боварӣ медиҳам, ки он Худо, ки дар ёфтани Ӯ наҷот ва хушҳоли доимии инсон аст, он бидуни пайравии Қуръон ҳеҷ ёфта наметавонем. Кошки он чӣ ман дидаам, мардум бинанд ва он чӣ ман шунидаам, онҳо низ шунаванд ва афсонаҳоро тарк намуда ба тарафи ҳақиқат битозанд. Он воситаи илми комил, ки Худо ба туфайлаш дида мешавад, он оби зулол, ки тозакунандаи ҳамаи шубҳаҳо аст, он оинае, ки ба воситааш дидори он Ҳастии бартар ҳосил мешавад, муколама ва мухотабаи Худо аст, ки ҳозир зикраш кардаам. Касе дар рӯҳаш талаби ростӣ дорад, бархезад ва талош кунад. Ман рост мегӯям, ки агар дар рӯҳҳо талоши ҳақиқӣ пайдо шавад ва дар дилҳо ташнагии ҳақиқӣ дарояд, он гоҳ мардум пайи ёфтани ин роҳ афтода, талоши он

мекунанд, аммо ин роҳ чӣ хел кушода хоҳад шуд ва ин ҳиҷоб ба кадом чора бардошта хоҳад шуд? Ман ба ҳамаи талабгорон боварӣ медиҳам, ки танҳо Ислом аст, ки хабари хуши ин роҳро медиҳад. Қавмҳои дигар бар илҳоми Худо кайҳо муҳр задаанд. Пас, ҳатман бидонед, ки ин муҳр аз тарафи Худо нест, балки инсон ба сабаби маҳрумӣ як ҳила месозад. Ва албатта бидонед, ки чӣ хеле, ки мумкин нест, ки мо бе чашмҳо бинем, ё бе гӯшҳо шунида тавонем, ё бе забон гап занем, ҳамин тавр, ин ҳам имконнопазир аст, ки бе **Қуръон** чеҳраи он маҳбубро дида тавонем. Ман ҷавон будам, акнун пир шудам, аммо ҳеҷ касро наёфтам, ки бе ин чашмаи пок он ҷоми маърифати ошкороро нӯшида бошад.

***Воситаи илми комил илҳоми Худо мебошад*.**

Эй азизон, эй дӯстони гиромӣ, ҳеҷ кас дар мавриди корҳои Худо бо Ӯ мубориза карда наметавонад. Бидонед, ки воситаи илми комил илҳоми Худо аст, ки пайғамбарони поки Худоро ҳосил шуд. Сипас он Худо, ки дарёи файз аст, ҳаргиз нахост, ки оянда илҳомро маҳкам кунад ва дунёро нобуд кунад, балки дарҳои илҳому муколама ва мухотабаи Ӯ ҳамеша кушода ҳастанд. Бале, онҳоро аз роҳи худи онҳо талош кунед, сипас, ба осонӣ онҳо ёфт хоҳанд шуд. Он оби ҳаёт аз осмон бориду бар мақоми худ қарор гирифт. Акнун шумо чӣ бояд кард, ки ин обро нӯшида тавонед. Ҳамин ки уфтону хезон то ба ин чашма расида, коми (даҳон) худро пеши ин чашма монед, то аз ин зиндагӣ сероб шавед. Саодати инсон дар ҳамин аст, ки аз кадом тараф сурағи равшанӣ ёбад, ҳамон тараф бидавад ва дар кучое нишони ин дӯсти гумгаштаро пайдо кунад, он роҳро дар пеши худ бигирад. Мебинед, ки ҳамеша аз осмон равшанӣ нозил мешавад ва бар

замин паҳн мешавад. Ҳамин тавр нури ҳақиқии ҳидоят аз осмон нозил мешавад. Танҳо гапу калочаи инсон ӯро чашми басират бахшида наметавонанд. Оё шумо Худоро бе таҷаллии Худо ёфта метавонед? Оё шумо бе нури осмонӣ дар торикӣ дида метавонед? Агар дида метавонед, шояд дар ин ҷо низ бубинед, аммо ҳарчанд чашмҳои мо бино бошанд, бо вуҷуди ин муҳтоҷи равшании осмонӣ ҳастанд ва гӯшҳои мо ҳарчанд шунаво бошанд, бо вуҷуди ин муҳтоҷи он бод ҳастанд, ки аз тарафи Худо меояд. Он Худо рост нест, агар хомӯш аст ва мо танҳо бар фикрҳои худ такя кунем, балки Худои комил ва зинда Ӯст, ки вуҷуди худро худаш нишон диҳад ва ҳозир ҳам ҳамин чиз хостааст, ки вуҷуди худро нишон диҳад. Тирезаҳои осмонӣ кушода шуданӣ ҳастанд. Ба наздикӣ саҳар шуданист. Онҳо муборак ҳастанд, ки бархезанд ва Худои ростро ҷустуҷӯ кунанд. Худое, ки бар он ҳеҷ гардиш ва мусибат намеояд, бар тобиши ҷалоли Ӯ ҳеҷ гоҳ фоҷеа рух намедиҳад. Дар Қуръон Худои пок мефармояд:

ٱللَّهُ نُورُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ [212]

Яъне ҳамон Худо аст, ки ҳар дам нури осмону замин аст. Аз ӯ ҳар ҷо рӯшноӣ пош мешавад. Офтоби офтоб худи Ӯст, ҷони ҳамаи ҷондорони замин Аллоҳ аст. Худои росту зинда ҳамон Худо аст. Муборак касе, ки Ӯро қабул кунад.

**Воситаи сеюми илм** он умур мебошанд, ки ба дараҷаи ҳаққулякин ҳастанд ва он ҳамаи сахтиҳо, мусибатҳо ва ранҷҳо ҳастанд, ки пайғамбарону ростбозҳои Худоро аз дасти мухолифҳо ва ё ба қазову қадри осмон мерасанд ва дар натиҷаи

---

[212] سورة النور: 36

чунин ранҷу таклифҳо он ҳамаи ҳидоятҳои шаръие, ки танҳо аз рӯйи илм дар дили инсон буданд, бар ӯ ворид шуда, ба ранги амал медароянд ва сипас аз замини амал нашъунамо гирифта, ба камоли том мерасанд ва худи вуҷуди амалкунандагон нусхаи пуррае ҳидоятҳои Худо мешавад. Он ҳамаи ахлоқи афв, интиқом, сабр, раҳм ва ғайраҳо, ки танҳо дар дилу димоғ буданд, акнун ҳамаи узвҳоро бо баракати амали рӯзмарра аз онҳо баҳра мерасад ва онҳо бар ҳамаи бадан ворид шуда, нақши худро бар он мебананд. Чӣ хеле, ки Худои таоло фармудааст:

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوْفِ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الْأَمْوَالِ
وَالْأَنفُسِ وَالثَّمَرَاتِ ۗ وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ ﴿١٥٦﴾ الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُم
مُّصِيبَةٌ قَالُوا إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ ﴿١٥٧﴾ أُولَٰئِكَ عَلَيْهِمْ
صَلَوَاتٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَرَحْمَةٌ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُهْتَدُونَ ﴿١٥٨﴾[213]
لَتُبْلَوُنَّ فِي أَمْوَالِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ وَلَتَسْمَعُنَّ مِنَ الَّذِينَ
أُوتُوا الْكِتَابَ مِن قَبْلِكُمْ وَمِنَ الَّذِينَ أَشْرَكُوا أَذًى كَثِيرًا ۚ
وَإِن تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذَٰلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ ﴿١٨٦﴾[214]

Яъне мо шуморо бо хавф, фоқа, зарари молу ҷон, бенатиҷа мондани кӯшишҳо ва аз марги авлод хоҳем озмуд. Яъне ин ҳамаи ранҷҳо ба таври қазову қадр ва ё аз дасти душман шуморо хоҳанд расид. Пас хабари хуш барои онҳост, ки дар вақти мусибат танҳо ҳамин мегӯянд, ки мо аз Худо ҳастем ва ба тарафи Худо хоҳем баргашт. Дуруду раҳмат бар чунин мардум ва ҳаминҳо ҳастанд, ки то ба камоли ҳидоят расидаанд. Яъне танҳо дар он илм шарафу

[213] 158-156: سورة البقرة

[214] 187: سورة آل عمران

бузургӣ нест, ки дар дилу димоғ аст, балки дар ҳақиқат илм он аст, ки аз димоғ фароянд ва ҳамаи узвҳо бо он тарбиятёфта ва рангин гарданд ва ёддоштҳои ҳофиза ба тариқи амалӣ дида шаванд. Пас, барои мустаҳкамкунии илм ва пешравиаш ин воситаи калон аст, ки ба таври амалӣ нақши онро бар узвҳои худ биафканем. Ягон илми камтарин ҳам бе амали доим ба камоли худ намерасад. Масалан, аз як муддати дароз медонем, ки нонпазӣ кори ниҳоят осон аст ва ягон мушкилие надорад. Танҳо ҳамин қадар аст, ки хамир карда заволаҳо омода кунем ва онҳоро ба ҳар ду даст кашида, паҳн кунем ва дар танӯр бимонем ва ба ҳамин тариқ нонро тайёр кунем. Ин буд гапу калочаи илмии мо, аммо вақте мо дар ҳолати нотаҷриба инро пухтан хоҳем, пас, дар аввал бар мо ҳамин мушкил меояд, ки хамири ордро чӣ хел бар қавоми муносиб барқарор кунем вагарна мисли санг сахт меистад ва ё обакӣ шуда, барои парандаҳо мемонад. Агар бо заҳматҳои зиёд ва тани фарсо варзида, тайёр ҳам шавад, боз ҳам нон андаке сӯхта, андак хом, дар мобайн қурс ва аз канораҳо монанди гӯшҳо баромадагӣ хоҳад шуд, ҳол он ки аз 50 сол мо нони пухтагиро мебинем. Хулоса, танҳо бо илми маҳз, ки амал надорад, чандин кило ордро вайрон хоҳем кард. Пас, вақте дар корҳои оддитарин аҳволи илми мо чунин бошад, дар корҳои бузург ғайр аз амали доимӣ ва машқ танҳо бар илм чӣ тавр боварӣ кунем. Пас, Худои таоло дар ин ояҳо меомӯзонад, ки мушкилҳое, ки бар шумо меафканам, онҳо низ воситаҳои илму таҷриба мебошанд, яъне аз инҳо илми шумо комил мегардад.

Сипас мефармояд, ки шумо аз молу ҷонҳои худ низ озмуда хоҳед шуд. Мардум молҳои шуморо ғорат хоҳанд кард, шуморо қатл хоҳанд кард ва шумо аз дасти яҳудиҳо, масеҳиҳо ва мушрикҳо озор хоҳед дид. Онҳо дар ҳаққи шумо бисёр суханҳои

озор хоҳанд гуфт. Шумо танҳо сабр хоҳед кард ва аз гапҳои беҳуда худро нигоҳ хоҳед дошт. Дар ин сурат ин кори ҳиммат ва далерӣ хоҳад шуд. Мафҳуми ҳамаи ин ояҳо ин аст, ки илми бобаракат ҳамон мебошад, ки дар дараҷаи амал дурахши худро нишон диҳад ва илми шум он аст, ки танҳо бар дараҷаи илм монаду ҳеҷ гоҳ ба дараҷаи амал нарасад.

Бояд донист, ки чӣ тавре мол дар натиҷаи тиҷорат меафзояд ва зиёд мешавад, ҳамин тавр илм дар натиҷаи амали доимӣ ба камоли рӯҳонӣ мерасад. Пас, илмро то ба дараҷаи камол амали доимӣ мерасонад. Бо давом дар илм нур пайдо мешавад ва инро низ бидонед, ки ба дараҷаи ҳаққуляқин расидани илм дигар чист? Албатта ҳамин аст, ки аз рӯйи амал ҳар як кунҷаш озмуда шавад. Чунончи, дар Ислом ҳамин тавр шуд. Чизе аз китоби Қуръон Худои таоло мардумро омӯзонд, онҳоро фурсат ҳам дод, ки ин таълимро бо кирдори худ дурахшонанд ва соҳиби нури он шаванд.

## *Ду давраи ҳаёти ҳазрати Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам.*

Ҳамин аст, ки Худои таоло ҳаёти Пайғамбари мо саллаллоҳу алайҳи ва салламро ба ду бахш ҷудо кардааст. Қисмати якум ғаму андӯҳҳо, мусибатҳо ва таклифҳоро дар бар мегирад ва қисмати дуюм муштамил бар фатҳ аст, то дар вақти мусибатҳо он хулқҳо зоҳир шаванд, ки бояд дар вақти ғамҳо нишон дода шаванд ва дар вақти фатҳ ва иқтидор он хулқҳо рӯй диҳанд, ки бе иқтидор исбот кардани он ахлоқ мумкин нест. Ба ҳамин тариқ, ин ду навъ ахлоқ дар ҳар ду замони Онҳазрат

саллаллоҳу алайҳи васаллам ва ба вуруди ҳар ду ҳолат ба камолаш исбот шуданд. Чунончи дар натиҷаи хондани замони мусибатҳо, ки бар пайғамбари мо – ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, – ҳини истиқомати 13 солаи шаҳри Макка шомили ҳол буд, равшан исбот мешавад, ки Онҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам он ахлоқ, ки дар вақти мусибатҳо бояд нишон дода шаванд, яъне таваккул бар Худо, худдорӣ намудан аз гиряву зорӣ, дар кори худ суст нашудан, аз ваҳшати касе натарсидан, чунон нишон доданд, ки кофирҳо чунин истиқоматро дида имон оварданд ва гувоҳӣ доданд, ки ҳеҷ кас тоқати бардошти ин ғаму аламҳоро надорад, то вақте, ки бар Худо боварии комил надошта бошад.

Баъд аз ин замони дуюм расид, ки замони фатҳу иқтидор ва сарват буд. Дар ин замон низ ахлоқи аълои Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам чун афв, саховат ва шуҷоат ба камоле рӯй доданд, ки гурӯҳи калони кофирҳо ҳамин ахлоқро дида имон овард. Изодиҳандаро бахшиданд ва аз шаҳр берункунандагонро амн доданд. Муҳтоҷҳоро пулу мол дода шуд ва баъди ғалаба душманони бузурги худро бахшиданд. Ҳамин аст, ки бисёриҳо ахлоқи Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва салламро дида гувоҳӣ доданд, ки чунин ахлоқро ҳеҷ кас нишон дода наметавонад, то вақте, ки касе аз тарафи Худо ва ростбоз набошад. Ҳамин сабаб шуд, ки кинаҳои куҳнаи душманон якбора дур шуданд. Хулқи азими Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки нишон дода исбот карда шуд, ин хулқ буд, ки зикраш дар Қуръон омадааст:

قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَٰلَمِينَ ﴿١٦٣﴾[215]

Яъне онҳоро бигӯ, ки ибодат, қурбонӣ, маргу ҳаёти ман дар роҳи Худо аст, яъне барои изҳори ҷалоли Ӯ ва барои бахшидани ором ба бандагонаш аст, то аз марги ман онҳоро ҳаёт ҳосил шавад. Дар ин ҷо зикри мурдан дар роҳи Худо ва барои беҳбудии бандагон карда шудааст. Касе аз ин гумон набарад, ки маозаллоҳ (паноҳ бар Худо) Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам мисли девонаҳо ва аблаҳҳо чунин иштибоҳ карда, ки худро бо олате кушта, дигаронро фоида хоҳад расонд, нийяти худкушӣ карда буданд, балки Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам мухолифи сахти чунин гапҳо буданд ва Қуръон чунин одамро муҷрими сахт ва қобили ҷазо мегӯяд. Чӣ хеле, ки мефармояд:

وَلَا تُلْقُوا بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ[216]

Яъне худкушӣ накунед ва бо дастҳои худ аз пайи марги худ нашавед. Медонем, ки агар масалан, дар шиками Холид дард пайдо шавад ва Зайд ӯро дида сари худро зада бикафонад, пас, ҳеҷ гоҳ Зайд дар ҳаққи Холид ягон некӣ накардааст, балки сари худро бо кори аблаҳона кафонд. Некӣ он гоҳ мешуд, агар Зайд дар ҳаққи Холид аз роҳи хизмати фоидаовар корҳо мекард. Барои ӯ доруҳои хуб дастрас мекард ва мувофиқи қоидаҳои табобат ӯро табобат мекард, аммо дар кафондани сараш ба Зайд ҳеҷ фоида нашуд. Ноҳақ ӯ узви бадани худро ғам дод. Хулоса, маънои ин оя

[215] 163: سورة الانعام

[216] 196: سورة البقرة

чунин аст, ки Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳақиқат ҷони худро барои ҳамдардӣ ва меҳнати мардум вақф намуда бо дуову таблиғот ва ҷавру ҷафо ва ҳар як роҳи ҳакимонаро ба кор бурда ҷону ороми худро дар роҳи ӯ фидо карда буданд. Чӣ хеле, ки Худои ҷалла шаънуҳу фармудааст:

لَعَلَّكَ بَاخِعٌ نَّفْسَكَ أَلَّا يَكُونُوا مُؤْمِنِينَ ③[217]

فَلَا تَذْهَبْ نَفْسُكَ عَلَيْهِمْ حَسَرَاتٍ ۚ[218]

Оё дар ғаму сахтие, ки ту барои мардум мекашӣ, худро ҳалок хоҳӣ кард? Ва оё барои онҳое, ки ҳақро намепазиранд, ҳасратхӯрона ҷони худро хоҳӣ дод? Пас, тарзи ҳакимона дар роҳи миллат ҷон додан ҳамин аст, ки ба хотири хайру салоҳи қавм мувофиқи роҳҳои муфиди қонуни қудрат бар ҷони худ сахтӣ бикунем ва тадбирҳои хубро ба ҷо оварда, ҷони худро бар онҳо фидо карда шавад, на ин ки қавми худро дар ҳолати гумроҳиву сахтии хатарнок дида бар сари худ санг бизанем ва ё андак заҳр хӯрда, ин ҷаҳонро падруд гӯем ва гумон кунад, ки мо аз ин кори нодурусти худ қавми худро наҷот додем. Ин кори мардона намебошад, хислатҳои занҳо мебошанд ва инсонҳои бетоқат ҳамин роҳро пеш мегиранд, ки мусибатро бардошт накарда тез ба тарафи худкушӣ мераванд. Чунин худкуширо баъдан кадом тавре, ки фаҳмонда шавад, дар ҳақиқат барои ақл ва ақлдорон боиси айб аст. Аммо аён аст, ки сабру муқобала накардани чунин шахс бо душман мавриди эътимод нест, ки фурсати интиқомро ба даст наоварда бошад, зеро намедонем, ки агар ӯ қудрати

[217] 4: سورة الشعراء

[218] 9: سورة فاطر

интиқом меёфд, чӣ корҳо мекард. То вақте, ки бар инсон замоне нарасад, ки замони мусибатҳо, қудрат, ҳукумат ва сарват ҳамроҳ набошад, ахлоқи ҳақиқии ӯ зоҳир шуда наметавонанд. Медонем, ки агар шахсе дар ҳолати заифӣ, нодорӣ ва беиқтидорӣ аз мардум ҷабрдида мурад ва замони иқтидор, ҳукумат ва сарватро соҳиб нашавад, аз ахлоқи ӯ ҳеҷ чиз исбот нахоҳад шуд ва агар дар ягон майдони ҷанг надаромада бошад, пас ин чиз ҳам исбот намешавад, ки ӯ дили ҷасур дошт ва ё буздил буд. Дар бораи ахлоқи ӯ мо ҳеҷ чиз гуфта наметавонем, зеро намедонем, ки агар ӯ бар душманони худ қудрат меёфт, пас, ба онҳо чӣ муомила мекард ва агар сарватманд мешуд, пас, он пулу молро ҷамъ мекард ва ё мардумро медод ва агар дар ягон майдони ҷанг меомад, пас, аз он ҷо мегурехт ва ё далерии худро нишон медод. Аммо inояту фазли Худо Пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи ва салламро мавқеи нишон додани ин ахлоқ фароҳам овард. Чунончи ахлоқи саховат, шуҷоат, ҳилм, афв ва адл дар вақти худ ба камоле зоҳир шуданд, ки дар саҳифаи дунё мисолаш овардан мумкин нест. Дар ҳар ду замони худ, дар ҳолати зуъф ва қудрат, нодорӣ ва сарватмандӣ ҳамаи ҷаҳонро нишон дод, ки он зоти пок чи гуна ҷомеи ахлоқи баланддараҷа буд ва ҳеҷ як хулқи инсонӣ дар ахлоқи фозила нест, ки Худои таоло барои изҳораш Он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва салламро фурсате надода бошад. Шуҷоат, саховат, истиқлол, афв, ҳилм ва ғайраҳо ҳамаи ахлоқи фозила чунон исбот шуданд, ки дар дунё ҷустуҷӯ кардани назираш имконнопазир аст. Албатта, ин чиз ҳам дуруст аст, ки онҳое, ки зулмро ба нуқтаи мунтаҳо расонданд ва Исломро нобуд кардан хостанд, Худо онҳоро беҷазо намонд, зеро онҳоро беҷазо гузоштан гӯё ростбозҳоро зери по ҳалок кардан баробар буд.

## ***Мақсади ҷангҳои Он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам***

Мақсади ҷангҳои Пайғамбари Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳеҷ гоҳ ин набуд, ки бесабаб мардумро қатл карда шавад. Дар асл, онҳо аз сарзамини аҷдодии худ ба ғарибӣ фиристода шуда буданд ва бисёр марду занҳои мусулмон бегуноҳ шаҳид карда шуда буданд. Бо вуҷуди ин золимҳо аз зулм даст накашиданд ва онҳо таълими Исломро манъ мекарданд. Ба ҳамин сабаб қонуни ҳифзи Худо хост, ки ҷабрдидагонро аз нобудшавии мутлақ нигоҳ дошта шавад. Пас онҳое, ки шамшер бардоштанд, бар зидди онҳо шамшер бардошта шуд. Хулоса, он ҷангҳо барои дур кардани фитнаи қотилҳо ва барои мудофиа буданд ва он вақт шуданд, ки золимон аҳли ҳақро нобуд кардан мехостанд. Дар ин ҳолат агар Ислом чунин мудофиаро ба амал намеовард, пас, ҳазорҳо кӯдакону занони бегуноҳ қатл шуда, дар охир Ислом нобуд мешуд.

Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки аз тарафи мухолифҳои мо ин як зӯроварист, ки онҳо фикр мекунанд, ки ҳидояти илҳомӣ бояд чунин бошад, ки дар ягон мақому маҳалаш ба муқобили душман таълим набошад ва ҳамеша дар перояи ҳилм ва нармӣ муҳаббату раҳматаш зоҳир шавад. Чунин одамон дар фикри худ Худои азза ва ҷалларо бисёр таъзим мекунанд, ки ҳамаи таълимҳои Ӯро танҳо бар нармию ҳилм ба поён мерасонанд, аммо дар ин маврид бар муҳаққиқон ба осонӣ ошкор шуда метавонад, ки инҳо мубталои иштибоҳ ва хатои калон шудаанд. Агар бар қонуни қудрати Худо назар афканем, беиштибоҳ исбот мешавад, ки албатта барои дунё Ӯ раҳмати маҳз аст, аммо он раҳмат ҳамеша дар ҳолати нармию мулоимат зоҳир намешавад,

балки дар тақозои раҳмати саросар монанди табиби ҳозиқ гоҳе шарбати ширин моро менӯшонад ва гоҳе доруи талх медиҳад. Раҳматаш бар инсонҳо ворид мешавад ба тавре, ки ҳар яки мо бар вуҷуди худ раҳмат мекунад. Дар ин чиз иштибоҳе нест, ки ҳар кас аз мо ҳамаи вуҷуди худро дӯст медорад ва агар касе як мӯйи сари моро кашидан бихоҳад, мо аз ӯ хафа мешавем. Бо васфи ин ки муҳаббати мо, ки дар ҳамаи вуҷудамон тақсим шудааст ва ҳамаи аъзои мо бароямон азизанд, мо бар зарари ҳеҷ кадоми онҳо хурсанд намешавем, аммо бо вуҷуди ин чиз ошкоро исбот шудааст, ки бо узвҳои худ якхела ва яксон муҳаббат надорем, балки муҳаббати узвҳои раиса ва шарифа, ки ҳадафҳои мо бар онҳо бисёртар такя мекунанд, бар дилҳои мо ғолиб меояд. Инчунин ба назари мо муҳаббати як узве нисбат ба ҳамаи узвҳои дигар зиёдтар меистад. Пас, вақте мо ба чунин вазъият дучор мешавем, ки наҷоти як узв такя ба захмӣ шудан ё буридани узви камтаре бошад, мо бетааммул ба захмӣ кардан ва ё буридани он узве тайёр мешавем ва ҳарчанд он гоҳ дар дили мо афсӯс ҳам пайдо мешавад, ки мо як узви азизро захмӣ ва ё буриданӣ ҳастем, аммо дар ин андеша, ки фасоди ин узв ягон узви раисаи дигарро табоҳ накунад, мо ба буридани он маҷбур мешавем. Пас, аз ҳамин мисол бояд донист, ки вақте Худо мебинад, ки ростбозҳои Ӯ аз дасти ботилпарастҳо ҳалок шуда истодаанд ва фасод зиёд шуда истодааст, он гоҳ барои нигоҳ доштани ҷони ростбозҳо ва фурӯ нишондани фасод тадбирҳои муносиб ба кор мебарад. Хоҳ аз осмон бошад, хоҳ аз замин, ба ин сабаб, ки Ӯ чӣ қадар Раҳим аст, ҳамон қадар Ҳаким низ ҳаст.

اَلْحَمْدُ لِلّٰهِ رَبِّ الْعٰلَمِيْنَ

# Мундарича

**ДАР БОРАИ НАВИСАНДА IV**

**МУҚАДДИМА IX**

**САВОЛҲО ЧУНИН БУДАНД: XII**

**ИСЛОМ 1**

**ҶАВОБИ САВОЛИ ЯКУМ 3**

**ҚИСМИ СЕГОНАИ ҲОЛАТҲОИ ИНСОНӢ 3**
**1. НАФСИ АММОРА 3**
**2. НАФСИ ЛАВВОМА 4**
**3. НАФСИ МУТМАИННА 6**
**МАХЛУҚ БУДАНИ РӮҲ 15**
**ДУВУМИН ПАЙДОИШИ РӮҲ 16**
**ТАКОМУЛИ ТАДРИҶИИ ИНСОН (ДАРАҶА БА ДАРАҶА КОМИЛ ШУДАНИ ИНСОН) 17**
**ҲАҚИҚАТИ ИСЛОМ 17**
**ФАРҚИЯТ БАЙНИ ҲОЛАТҲОИ ТАБИӢ В АХЛОҚӢ 19**
**РАДДИ ҶИВҲАТИЯ 20**
**СЕ ҚИСМИ ИСЛОҲ 22**
**ОМАДИ ҲАЗРАТИ МУҲАММАД САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ДАР ВАҚТИ ЗАРУРАТИ ИСЛОҲИ КОМИЛ 23**
**МАҚСАДИ ҲАҚИҚИИ ҚУРЪОН ИСЛОҲИ СЕГОНА МЕБОШАД 25**
**ҲОЛАТҲОИ ТАБИӢ ДАР НАТИҶАИ ДУРУСТӢ БА АХЛОҚ МУБАДДАЛ МЕГАРДАНД 25**
**АХЛОҚИ ҲАҚИҚӢ 27**

Халқ ва хулқ 28
Ислоҳи аввал, яъне ҳолатҳои табиӣ 30
Ҳаром шудани хук (хинзир) 36
Ҳолатҳои ахлоқии инсон 38
Ахлоқ оид ба тарки шар 39
Панҷ намуд табобат барои ҳифзи иффат 43
Қисмҳои исоли хайр (некӣ расондан) 53
Шуҷоати ҳақиқӣ 63
Ростӣ 65
Сабр 67
Ҳамдардии халқ 69
Талоши як ҳастии бартар 70
Ҳикмати зоҳиршавии ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мулки Араб 74
Эҳсони Қуръони карим бар дунё 75
Далелҳои ҳастии Худои таоло 76
Сифоти Худои таоло 81
Ҳолатҳои рӯҳонӣ 88
Як дуои зебо 92
Ҳақиқати шарбати кофурӣ ва занҷабилӣ 99
Таъсири занҷабил 101
Воситаи пайдо кардани алоқаи комили рӯҳонӣ бо Худо 109

САВОЛИ ДУЮМ 113

Ҳолати инсон баъд аз марг чӣ гуна бошад? 113
Се маърифати қуръонӣ оид ба олами маод (охират) 117
Аввалин дақиқаи маърифат 118
Се қисми илм 120
Се олам 120
Дувум нуктаи дақиқи маърифат 127
Сеюм нуктаи дақиқи маърифат 131

**САВОЛИ СЕЮМ 135**

**МАҚСУДИ АСЛИИ ҲАЁТИ ИНСОНӢ ДАР ДУНЁ ЧИСТ ВА ЧӢ ХЕЛ ОНРО БА ДАСТ ОВАРДА МЕТАВОНЕМ? 135**

**САВОЛИ ЧАҲОРУМ 147**

**НАҚШИ ШАРИАТИ АМАЛӢ ДАР ИН ЗИНДАГӢ ВА ДАР ОН ЗИНДАГӢ ЧИСТ? 147**
**ҲИКМАТИ ХУДО ДАР ХӮРДАНИ ҚАСАМИ ЧИЗҲОИ ГУНОГУН 150**

**САВОЛИ ПАНҶУМ 157**

**ВОСИТАҲОИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ЧИҲО МЕБОШАНД? 157**
**ҲАҚИҚАТИ ФИТРАТИ ИНСОНӢ 161**
**МУРОД АЗ ИЛҲОМ ЧИСТ? 164**
**ХУСУСИЯТИ ИСЛОМ 168**
**МУШАРРАФ ШУДАНИ МУҚАРРИР (НАВИСАНДА) БО МУКОЛАМА ВА МУХОТАБАИ ИЛОҲӢ 169**
**ВОСИТАИ ИЛМИ КОМИЛ ИЛҲОМИ ХУДО МЕБОШАД. 170**
**ДУ ДАВРАИ ҲАЁТИ ҲАЗРАТИ ПАЙҒАМБАР САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ. 174**
**МАҚСАДИ ҶАНГҲОИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ 179**